**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ:** 342.52(575.3)

**ТКБ:** 67.99(2)01(2Т)

**М** – 25

**Абдуназарӣ Мавзуна Кобулзода**

**Мавзуъ: Захираҳои меҳнатӣ асоси ҷойгиркунӣ ва рушди корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои география, профессор Раҳимов А.И.

**Хуҷанд – 2024**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисора ва (ё) аломатҳои шартӣ** .................................. 3
**Муқаддима** ........................................................................................ 4-14
**БОБИ I. Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ** .............................................. 15-53
I.1. Мафҳум ва моҳияти иқтисодӣ-географии захираҳои меҳнатӣ ва ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ............. 15-24
I.2. Хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, принсипҳои ҷойгиркунии саноат ва шуғли аҳолӣ .. 25-40
I.3. Нақши захираҳои меҳнатӣ дар ҷойгиршавӣ ва рушд истеҳсолот ..................................................... 41-53
**БОБИ II. Географияи ҷойгиршавии иншоотҳои саноатӣ ва ҳолати истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд** .............................................................................. 54-94
II.1. Ҳолати истифодабарӣ ва шуғли захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ ............................ 54-63
II.2. Ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ ва таъмини онҳо бо захираҳои меҳнатӣ .................................... 64-80
II3. Таъсири ҷойгиркунии саноат ба шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд............................................................ 81-94
**БОБИ III. Механизмҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва географии ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ ва дурнамои ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд** .............................................................................. 95-131
III.1. Ташкил ва тағйири тахассуси захираҳои меҳнатӣ вобаста ба талабот дар сохтор ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилоят .................................................. 95-105
III.2. Таҳияи моделҳои ташаккулёбии дараҷаи тахассусии кормандони соҳаҳои саноати минтақа ва роҳҳои беҳтар намудани сифати он ..................... 106-120
III.3. Механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ дар шароити дифференсатсияи иқтисоди миллӣ ............................................................................... 120-131
**Хулоса** ............................................................................................. 132-139

**Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)**...................................... 140-156

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРА ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**АМИ ҶТ** – Академияи милли илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**АИ ҶТ** – Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**МДТ –** муассисаи давлатии таълим;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ОМ –** Осиёи Марказӣ;

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ Сотсиалистӣ;

**НБО** – неругоҳи барқӣ обӣ;

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

**ММД** – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

**ҶДММ** – ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;

**ҶДММ КМ ТТ** - ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, корхонаи муштараки тоҷикӣ-туркӣ;

**ҶДММ КМ** - ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, корхонаи муштарак;

**ҶШК** - ҷамъияти саҳомии шакли кушода

**СБМ** - Созмони байналмиллалии меҳнат;

**СММ** - Созмони Милали Муттаҳид;

**С.** – саҳифа;

**с.** – саҳифа;

**с.** – сол;

**ш.** – шаҳр;

**ғ.** – ғайра;

# МУҚАДДИМА

Масъалаҳои ташаккул, рушд ва танзими бозори меҳнат ва шуғли пурсамари аҳолӣ ҳамчун системаи мураккаби ичтимоию иқтисодӣ, инчунин омил ва усулҳои афзоиши шуғли аҳолӣ дорои хусусияти байнисоҳавӣ буда, ба манфиатҳои илмӣ дахл доранд. Олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни илм - иқтисод, демография, география, ҷомеашиносӣ, омор ва ғайра ақидаҳои худро оид ба масъалаи мавриди назар иброз намудаанд.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Яке аз муҳимтарин сарвати миллии дилхоҳ мамлакат захираҳои меҳнатӣ (аҳолӣ) мебошанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, таҷдиди куллии сохтори соҳавӣ ва ҳудудии иқтисодиёт, афзоиши босуръати аҳолӣ, номутаносибиро байни омода намудани мутахассисон ва вазъи бозори меҳнат ба вуҷуд меоранд. Яке аз вазифаҳои афзалиятноки имрӯзаи мамлакат ҷойгиркунии ҳудудии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси рушд ва ҷойгиркунии саноати ба талаботи истеҳсолии муосир ҷавобгӯй, муҳимтарин омили афзоиши иқтисодӣ, баландбардории некуаҳволии аҳолӣ ва рушди устувори ичтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар, бахусус вилояти Суғд ба шумор меравад.

Барҳам хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ боиси дигаргуниҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ ва куллӣ ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардида, ба самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита таъсири назаррас расонид. Мутаасифона ҷиҳатҳои манфии ин таъсиррасонӣ нисбат ба ҷиҳатҳои мусбиаш бештар буд.

Сабаби дигари ин раванд то ҷое кӯҳна шудану аҳамият ва иқтидори худро гум кардани аксар принсипҳои рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ба шумор меравад.

Ин вазъ дар истифодаи захираҳои меҳнатии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон самти навро касб намуд, ки бо васеъ шудани муносибатҳои бозорӣ ва зарурати таъмини рушди устувори ҳудуд ва соҳаҳои алоҳида

дар минтақаи Суғд ва дар маҷмуъ дар кули ҷумҳурӣ гардид. Вобаста ба ин дар Тоҷикистон дар ҳалли проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои меҳнатии минтақаҳои алоҳида марҳалаи нав оғоз ёфт. Бинобар ин вазифаи асосноккунии роҳҳои минбаъдаи азхудкунии захираҳои меҳнатии вилояти Суғд бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва географии он аҳамияти рӯзафзуни илмӣ-амалӣ пайдо карда. Ин ҳолат амиқии асосноккунии илмӣ-амалиро дар самти азхудкунӣ ва истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан вилояти Суғд тақозо менамояд.

Мубрамияти омӯзиши иқтисодӣ-географии захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили рушд ва ҷойгиршавии саноат аз он иборат аст, ки равандҳои ташаккул ва истифодаи онҳо на танҳо аҳамияти ҷумҳуриявӣ, балки минтақавӣ дорад, ки ҳар як минтақа дар навбати худ дорои хусусиятҳои хоси истифодабарӣ, махсусгардонии соҳаҳои хоҷагӣ, мутаносибии ҷойҳои корӣ ва таъминот ба захираҳои меҳнатӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масъалаҳои ташаккул, рушду танзими бозори меҳнат ва шуғли босамари аҳолӣ ҳамчун системаи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин омил ва усулҳое, ки ба баландбардории сатҳи шуғли аҳолӣ ва рушди саноат таъсир мерасонанд, хусусияти байнисоҳавӣ дошта, таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаҳои гуногуни илм - география, иқтисод, демография, ҷомеашиносӣ, омор ва ғайра ба худ ҷалб намудааст.

Пас аз барҳам хурдани Иттиҳоди Шуравӣ як қатор таҳқиқотҳои илмӣ оид ба захираҳои меҳнатӣ ва инкишофу ҷойгиркунонии соҳаҳои саноат дар мамлакат таълиф шуд, ки таҳияи асосҳои илмии истифодаи захираҳои меҳнатиро дар мамлакат таъмин намуданд.

Масъалаҳои танзими бозори меҳнат, назарияи арзиши меҳнат, қувваи коргарӣ, шуғли аҳолӣ, таъсири пул ба сатҳи бекорӣ дар асарҳои классикони илмҳои иқтисодӣ А.Смит [148], Д. Рикардо [142], К.Маркс [93], Ҷ. М. Кейнс [70] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Омӯзиш ва тавсифи аҳолӣ ҳамчун қувваи асосии истеҳсолкунандаи

ҷамъият дар асарҳои муҳаққиқони соҳаи география П.П.Семёнов-Тян-Ша́нский [147], Н.Н.Баранский [23], С. А. Ковалев [74], Ю. Г. Саушкин [146], В. В. Покшишевский [124], Б. С. Хорев [178] ва дигаронро зикр гардидаанд.

Ташаккул ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон Д. С. Амонов [10], Ш.Б.Ҷонмамадов [43], С. И. Исломов [59] ва масъалаҳои ташаккулёбии бозори меҳнат дар иқтисодиёти саноатӣ аз ҷониби Н.Хоналиев [169], С. Д. Комилов [77], Р.М.Бобоҷонов [18], Б.Тоҳирҷонов [160] ва дигарон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин масъаларо аз олимони ватании соҳаи география Қ.Ш.Ҷураев [89], М.Нурназаров [111], Х.М.Муҳаббатов [100]. Р. Н. Ҳайдарова [113], Ш. Раҳмонов [138], Д. Н. Ғуфронов [42], Д. К. Баротов [26] ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаанд.

Осори муаллифони мазкур заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсиониро ташкил доданд. Вале як қатор масъалаҳои хусусияти назариявию методологӣ дошта оид ба зарурати исботи он, ки захираҳои меҳнатӣ асоси рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат мебошанд, то ҳол ҳалли худро наёфтаанд.

Дар солҳои баъди пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ инъикоси густурдаи паҳлуҳои мухталифи вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд, теъдоди корҳои ҷиддии таҳлилӣ аз нигоҳи иқтисодӣ-географӣ кам аст. Ин гуфтаҳо ба таҳқиқи проблемаҳои иқтисодӣ-географии аҳолӣ, аз ҷумла омилҳои ҳудудӣ, хусусиятҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноати минтақа дахл доранд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи равияи илмии кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи факултети геоэкология ва туризми МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», ки ба мавзуи «Захираҳои меҳнатӣ асоси рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур аз ҷиҳати иқтисодӣ-географӣ асоснок намудани роҳҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси ҷойгиркунии саноат дар шароити истиқлоли сиёсии мамлакат мувофиқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия ҳалли чунин вазифаҳо муайян карда шудааст:

- омӯзиши равишҳои гуногуни илмӣ ҷиҳати муайян намудани захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили тараққиёт ва ҷойгиркунии саноат, таҳқиқи хусусиятҳои иқтисодӣ-географии муносибатҳои меҳнатӣ ва нақши онҳо дар инкишофи равандҳои истеҳсолоти саноатӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва ҷойгирикунии иншоотҳои саноатӣ ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд;
- таҳлили сохтори дараҷаи фарогирии захираҳои меҳнатӣ ба кор дар соҳаҳои саноати вилоят;
- муайян намудани роҳҳои такмили механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккули захираҳои меҳнатии минтақа дар оянда;
- муайян кардани омилҳое, ки ба такмил, омода намудан ва беҳтар кардани сифати тахассусии кадрҳо барои соҳаҳои саноати вилоят;
- коркарди модели навсозии захираҳои меҳнатӣ мувофиқи тағйироти сохтор ва инкишофи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа;
- коркарди тавсияҳо ҷиҳати ҳавсмандгардонии меҳнат ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ.

**Объекти таҳқиқот** захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили ҷойгиркунии саноат дар вилояти Суғд мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** шаклҳои ташкили иқтисодӣ-географӣ ва институтсионалии татбиқи муносибатҳои истеҳсолӣ оид ба самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноати вилояти Суғд мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).**

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади бонизом, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои омӯзиши захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат ба таҳқиқи таърихи падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, ки аз соли 1930 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2018-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси ҷойгиркунии соҳаҳои саноат ташкил медиҳанд. Инчунин, дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои олимони соҳаи география, иқтисодиёт ва муаррихони замони Иттиҳоди Шуравӣ ва пасо-Шуравӣ, дар соҳаҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, демография, иқтисодиёт, географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, географияи табиӣ, геоэкология, инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва минтақа мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро осори муҳаққиқони алоҳида ва муаллифони намоёни хориҷиву ватанӣ ташкил мекунанд, ки ба таҳқиқи равандҳои захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси ҷойгиркунии саноат саҳми назаррас гузоштаанд. Инчунин дар таҳқиқ монографияҳо, маводи конференсияҳои илмӣ ва симпозиумҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба ин соҳа тааллуқ доранд мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои картографӣ, оморӣ, моделсозии математикӣ ва ғайра истифода бурда шуд.

Усули таҳқиқоти картографӣ барои гирифтани маълумоти зарурӣ бо истифода аз харитаҳо барои донишҳои илмӣ ва амалии падидаҳои дар онҳо тасвиршуда асос ёфтааст, ки дар рафти таҳқиқот истифода шудааст.

Усули оморӣ барои таҳлили маводҳои демографӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба хусус саноат ва аҳолӣ, географияи ҷойгиршавии онҳо вобаста ба мавзуи баррасишаванда истифода шуд.

Дар заминаи усули моделсозии математикӣ истифодабарии барномаҳои компютерӣ барои омода намудани ҷадвалу диаграммаҳо ва муқоиса намудани маълумотҳои омории минтақа ва кишвар истифода бурда шудааст.

Ҳамин тариқ, усулҳои ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам овარданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда дар кори илмӣ ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро сарчашмаҳои мухталиф, аз ҷумла асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ дар соҳаи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, саноат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди саноат, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои омории Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил кардааст. Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамолики хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои меҳнатӣ ва бозори меҳнат, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Ҳисобот оид ба такмили идоракунии коллективии системаи таҳсилоти касбии техникӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон оид ба низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, бо кор таъмин намудани хатмкунандагони он ва механизмҳои ҳамкориҳои корфармоён, дигар шарикони иҷтимоӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғдро фаро мегирад. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин

манбаъҳои электронии интернетӣ, маводи таҳқиқоти эмпирикӣ, пурсишҳои иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба захираҳои меҳнати омили ҷойгиркунонии соҳаҳои саноат дар ҳудуди минтақаи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷшуда, ба такмили ҷойгиркунонии соҳаҳои саноат равона гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои тадқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

1. Моҳияти захираҳои меҳнатӣ аз ҷиҳати назариявӣ ҳамчун омили рушд ва ҷойгиршавии саноат асоснок гардида, шарҳ дода шудааст; ҷойгоҳу хусусиятҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар раванди истеҳсолоти хоҷагии минтақа муайян карда шуда, хусусиятҳои микдорӣ (миқдор ва сохтор) ва сифатии (ҷузъҳои таълими касбӣ) захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили ташкилкунандаи системаи тараққиёт ва ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ муайян карда шудааст.

2. Асосноккунии назариявӣ ва равишҳои илмии муайян намудани аҳамияти захираҳои меҳнатӣ ҳамчун муҳимтарин омили тараққиёт ва ҷойгиркунии иншоотҳои саноатӣ дар минтақа оварда шудааст;

3. Хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва ҷойгиркунии иншоотҳои саноатӣ ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудааст;

4. Таҳлили сохтории сатҳи бо кор фарогирии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноати минтақа дода шудааст;

5. Роҳҳои такмили механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ташаккули захираҳои меҳнатии минтақа дар оянда муайян карда шудааст;

6. Омилҳое, ки ба такмил, тайёр кардан ва баландбардории сифати кадрҳои соҳибтахассус барои соҳаҳои саноат дар вилоят таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд;

7. Модели навсозии захираҳои меҳнатӣ мувофиқи тағйироти сохтор ва инкишофи соҳаҳои иқтисодиёти вилоят таҳия карда шудааст;

8. Ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ба меҳнат ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд перомуни такмил додани захираҳои меҳнатии мамлакат мусоидат намояд. Натиҷаҳои илмии бадастомадаро метавон дар раванди таълими фанҳои географияи аҳолӣ, географияи табиӣ, географияи иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикистон, демография ва дигар фанҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Бо дарназардошти таҳқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии маълумотҳои таҳқиқотро кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мекунанд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба мавзуъ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 25.00.24 – географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф дар мақола ва маърӯзаҳо, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани истифодаи

оқилонаи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун асоси ҷойгиркунии саноат дар вилояти Суғдро ироа гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи факултети геоэкология ва туризми Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмӯаҳо ба нашр расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маърӯза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

**а) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М]. Абдуназарӣ М.К. Нақши захираҳои меҳнатӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд. / Абдуназарӣ М.К. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Илмҳои табиӣ риёзӣ) Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. № 3 (19), Душанбе, 2023, -С. 43-48, (ISSN 2707-9996);

[2-М]. Абдуназарӣ М.К. Нақши соҳаи саноат дар инкишофи иқтисодиёти вилояти Суғд ва таъсири он ба шуғли аҳолӣ. /Раҳимов А.И., Абдуназарӣ М.К.// Маҷаллаи «Паёми молия ва иқтисод» -ии ДДМИТ №1 (35), Душанбе, 2023, -С.82-91, (ISSN № 2077-8325);

[3-М]. Абдуназарӣ М.К. Ҷойгиршавии саноат ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд. /Абдуназарӣ М.К.// Номаи Донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. №1 (64), Хуҷанд, 2023, -С. 100-105, (ISSN 2791-4974);

[4-М]. Абдуназарӣ М.К. Роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғди. /Раҳимов А.И., Абдуназарӣ М.К.// Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳиши «Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ» №017, Душанбе, 2023, - С.173- 178, (ISSN 2791-0563);

**б) Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

[1-М]. Абдуназарӣ М.К. Земельный и водный ресурсы – неотъемлемая часть организации сельскохозяйственного производства Согдийской области /Ғуфронов Д.Н., Абдуназарӣ М.К. Гуфронова З.Р. // Журнали «Теория и практика современной науки» «Институт управления и социально-экономического развития» №1 (79), г.Саратов, 2022, –С.59-63 (ISSN 2412-9682);

[2-М]. Абдуназарӣ М.К. Природно-экономические факторы развития тяжелой промышленности в северном Таджикистана. /[1]Ғуфронов Д.Н., [2]Ғуфронова З.Р., [1]Абдуназарӣ М.К. // Конфронси илмӣ -амалӣ бахшида ба ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии кишвар "Нақши фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоӣ дар омодасозии мутахассисони соҳаи кӯҳкорӣ ва металлургия". Бӯстон, 2020, -С. 35-38;

[3-М]. Абдуназарӣ М.К. Рушди иқтисодиёти маҳсулотҳои кишоварзӣ ва озуқаворӣ бо сифати баланди коркарди ашёи хом дар вилояти Суғд. /Ғуфронов Д.Н., Абдуназарӣ М.К.// Конфренсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ "Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот". Душанбе, 2020, -С. 14-17;

[4-М]. Суғд вилоятидаги меҳнат захираларининг саноат жойлашишидаги роли. /Абдуназарӣ М.К.// Халқаро илмий журнал Internashional Scientific Journal, Ўзбекистон, 2023, - С.231-237 (ISSN:2181-4163);

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби диссертант 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисора ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва ду харита иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 152 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

## 1.1. Мафҳум ва моҳияти иқтисодӣ-географии захираҳои меҳнатӣ ва ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ

Ҷойгиршавии истеҳсолот (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғ.) дар ҳудуди кишварҳои алоҳида, минтақаҳо ва кулли ҷаҳон тасодуфӣ набуда, балки дар зери таъсири шароит ва омилҳои муайян ба амал меояд. Он шароите, ки ба интихоби макони рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ё корхонаҳои алоҳида таъсири ҳалкунанда мерасонанд, омилҳои ҷойгиршавии истеҳсолот номида мешаванд.

Ҷойгиршавии истеҳсолот ҷараён ва натиҷаи тақсимоти географӣ (ҳудудии) меҳнат байни соҳаҳои гуногуни фазои иқтисодӣ мебошад.

Вобаста ба хусусиятҳои иқтисодӣ-географӣ ба омилҳои асосии ҷойгиркунии истеҳсолот инҳо мансубанд: ашёи хом, сӯзишворӣ, энергетикӣ, захираҳои меҳнатӣ, истеъмолӣ, нақлиётӣ, экологӣ. Чун қоида, ба ҷойгиршавии соҳаҳои мушаххас на як, балки дар як вақт якчанд омил таъсир мерасонанд.

Омили захираҳои меҳнатӣ ба ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолӣ дар асоси истифода бурдани «захираҳои меҳнатӣ», аз ҷумла мутахассисони баландихтисос нақши муҳим дорад.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун субъекти истеҳсолот ва муҳаррики асосии қувваҳои истеҳсолкунанда, дараҷа ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат буда, вазъи иқтисодӣ, геополитикӣ ва иқтидори онро муайян мекунанд. Онҳо на танҳо истеъмолкунандаи неъматҳои моддию маънавӣ, балки омили асосии тараққиёти мамлакат ва минтақаҳои он мебошад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси васеъ гардидани

бозтавлиди аҳолӣ ва бо кор таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои саноат гардид.

Бояд қайд намуд, ки яке аз омилҳои рушди саноат дар Ҷопон аҳолии меҳнатдӯст ва бонизом, суботкор, дақиқу сабури он мебошад, ки дар шароити қариб мавҷуд набудани захираҳои табиӣ тавонистааст дар ин самт ба дастовардҳои бузург ноил гардад. Захираҳои меҳнатии он 67,11 миллион нафарро ташкил медиҳад ва аз ин 32,7 фоиз ё ин ки 22, 11 миллион нафар дар соҳаҳои саноат кору фаъолият доранд.

Дар марҳалаи ҳозираи ташаккули муносибатҳои бозорӣ масъалаи такмили системаи ташкилию иқтисодии корхонаҳои саноатӣ мубрам боқӣ мемонад. Захираҳои меҳнатӣ дар системаи истеҳсолоти саноатӣ унсури муҳимтарини таъмини истеҳсолу фуруши маҳсулот ва иҷрои дигар вазифаҳои он мегарданд. Аз ин рӯ, фаъолияти самараноки истеҳсолот бидуни интихоби ҳадафҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ мутобиқи талаботи системаи истеҳсолӣ ва ҳалли масъалаи тақсимоти оптималии захираҳо ғайриимкон аст. Зеро, захираҳои меҳнатӣ дар таъмини фаъолияти самараноки сохторе, ки унсурҳои ташкилӣ ва истеҳсолӣ-иқтисодии корхонаро муттаҳид мекунанд, нақши муҳим доранд.

Марина Пархомчук дар он ақида аст, ки устувории рушди иқтисодиёт ва корхонаҳои саноатӣ ба сатҳи таъмин будан бо захираҳои меҳнатӣ, оқилона истифодабарии онҳо ва маҳсулнокии меҳнат вобаста аст [133].

Ба ақидаи К. Маркс захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қувваи асосӣ ва истеҳсолкунандаи ҷамъият омили муҳими истеҳсолот мебошанд, ки самаранок истифода намудани онҳо ба рушди истеҳсолоти саноатӣ кафолат медиҳад.

Дар адабиёти географӣ ва иқтисодӣ маънидод намудани мафҳуми захираи меҳнатӣ то ҳол баҳснок боқӣ мондааст. Муайян намудани шумора, омодасозӣ, тақсимот, истифода, баҳисобгирӣ, сиёсати иқтисодӣ

дар самти захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ бештар аз маънидод ва рӯшан намудани ин мафҳум вобаста аст.

Мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» бори аввал соли 1922 дар яке аз мақолаҳои академик С.Г. Струмилин барои тавсиф намудани сарвати миллии мамлакат - зарфияти (иқтидори) меҳнатӣ пайдо шуд ва дар аксар давлатҳо, хусусан давлатҳои собиқ сотсиалистӣ паҳн гардид. Ӯ ин мафҳумро чунин шарҳ дода буд: «Аҳолии қобили меҳнат, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ дошта, имконияти истеҳсол намудани неъматҳои моддӣ ё хизматрасониро доранд захираи меҳнатӣ меноманд» [154].

Дар шароити ба таври мутамарказ идора намудани захираҳои меҳнатӣ, ин истилоҳ дар банақшагирӣ ва баҳисобгирии аҳолии қобили меҳнат (қобили кор) ба таври васеъ истифода мешуд. Вале дар давлатҳои хориҷ бештар истилоҳи «аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол» истифода бурда мешавад.

Баъдтар Е.В.Косимовский консепсияи дигареро пешниҳод кард, ки «захираҳои меҳнатӣ - маҷмӯи мушаххаси аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд» дарбар мегирад [91].

Гузариш аз иқтисоди нақшавии мутамарказ ба муносибатҳои бозорӣ пас аз барҳам хурдани давлати ягонаи Иттиҳоди Шуравӣ зарурати бознигарӣ ва мушаххас намудани категорияҳои асосии муносибатҳои меҳнатӣ, аз қабили: захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, иқтидори меҳнатӣ, кадрҳоро ба миён овард, ки дар байни ин категорияҳо «захираҳои меҳнатӣ» ба миён овард.

Аксар олимон ва муҳаққиқон боварӣ доштанд, ки бо гузаштан ба иқтисоди бозорӣ моҳият ва мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» мазмуни худро гум мекунанд, аммо тадқиқот нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи иқтисодчиён ва олимони соҳаи иҷтимоӣ, демография ва география ба ин категория баракс меафзояд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» аксар вақт ҳамчун иқтидори меҳнатӣ ё кадрӣ ифода меёбад, ки

ба фикри мо, комилан дуруст нест. Баъзе муаллифон, аз қабили П.Э. Шлендер, Ю.П. Кокин, бар ин назаранд, ки «захираҳои меҳнатӣ» категорияест, ки дар байни категорияҳои иқтисодии «иқтидори меҳнатӣ» ва «қувваи умумии корӣ» мавқеъи фосилавиро ишғол мекунад. Ба ақидаи онҳо «аҳолии қобили меҳнатро, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ доранду ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ қодиран - захираҳои меҳнатӣ мебошанд» [181].

Ба ақидаи Богатиренко З.С. «Захираҳои меҳнатӣ як қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки дар сатҳи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва дар доираи муносибатҳои истеҳсолӣ дар хоҷагии халқ иштирок карда метавонад» [163].

Соловев А.П. ин мафҳумро ба таври дигар шарҳ медиҳад. - «Захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи интиқолдиҳандагони қувваи корӣ ва иқтидори иҷтимоию инфиродӣ ва муносибатҳое мебошанд, ки дар раванди такрористеҳсолӣ (ташаккул, тақсимот, истифода) ба вуҷуд меоянд» [149].

Дар луғати муосири иқтисодӣ мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, қобили меҳнат, қисми аҳолии дорои қобилияти ҷисмонӣ ва равонӣ барои иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ маънидод шудааст [134].

Олимони соҳаи демография, иқтисодиёт, иҷтимоӣ ва омор чунин мешуморанд, ки «захираҳои меҳнатӣ - ин иқтидори меҳнатиест, ки дар давраи муайян истифода бурда мешавад ва унсури иқтидори захиравии корхона мебошад».

Ба ақидаи Ю.П.Кокина ва П.Е.Шлендер, захираҳои меҳнатӣ дар байни омма ва қувваи коргарӣ мавқеи мобайниро ишғол мекунанд.

В.М. Маслова захираҳои меҳнатиро қисми меҳнатии аҳолӣ тавсиф мекунад, ки дорои имкониятҳои физиологӣ ва зеҳнӣ барои ба вуҷуд овардани неъматҳои нав дар шакли неъматҳои моддӣ ва пешниҳодҳо мебошад [95].

Н.К.Долгушкин ва В.Г.Новиков чунин мешуморанд, ки захираҳои меҳнатӣ, ин қисми аҳолии кишвар мебошанд, ки дорои рушди муҳими ҷисмонӣ, саломӣ, маълумот, фарҳанг, имконият, тахассус ва дониши касбӣ буда, барои кор дар соҳаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мебошанд [46].

Баъзе таърифҳои таҳиягардидаи олимон (П.Э. Шлендер, ва Ю.П. Кокина, Г.Д. Кулагина ва ғ.) баҳсангезанд.

Илова бар ин, дар илми муосир мафҳумҳои «иқтидори меҳнатии корманд», «сармояи инсонӣ», «қувваи корӣ» бештар истифода мешаванд. Г. В. Щекин менависад, ки қувваи корӣ маҷмӯи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ барои меҳнат кардан мебошад, захираҳои меҳнатӣ бошад, маҷмӯи қувваи корӣ ва муносибатҳое мебошанд, ки дар ҷараёни такрористеҳсолкунии онҳо ба вуҷуд меоянд.

Аз олимони ватанӣ профессор Хоналиев Назаралӣ мафҳуми захираҳои меҳнатиро чунин шарҳ додааст, ... агар сухан атрофи аҳолии қобили меҳнат, ки метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда шаванд равад, захираҳои меҳнатӣ ин муносибатҳои истеҳсолӣ мебошанд [164].

Дар аксар таърифҳо захираи меҳнатӣ қувваи кориро медонанд. Баъзе муаллифон дар он ақида қарор доранд ва дар асарҳои худ «захираи меҳнатӣ» ба мазмуни «қувваи корӣ» ё мазмуни нисбатан мустақили иқтисодӣ медиҳанд. Дар дигар маврид захираи меҳнатӣ аҳолии қобили меҳнат ҳисобида мешавад. Аммо инсон метавонад дар асл дорои қобилияти корӣ башад, вале ба қувваи корӣ шомил нашавад.

Аммо то имрӯз дар адабиёти илмӣ таърифи мушаххаси мафҳуми захираҳои меҳнатӣ дода нашудааст. Асоси ин норӯшаниро хусусиятҳои иқтисодӣ-географии он ташкил медиҳад.

Дар натиҷа мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ»-ро мебояд вобаста ба мазмунаш муайян намуд ва мафҳуме муқаррар кард, ки нақш ва аҳамияти захираҳои меҳнатиро инъикос намояд.

Аз ин ва дигар таърифҳое, ки дар адабиёти иқтисодию географӣ пайдо шудаанд, метавон хулоса кард, ки мазмуни захираҳои меҳнатӣ унсурҳои миқдорӣ ва сифатии онҳоро инъикос менамояд, ки арзишҳо ва хусусиятҳои онҳо бо мурури замон бо таъсири омилҳои гуногун тағйир мeёбанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ хусусиятҳои сифатии захираҳои меҳнатӣ аз рӯи сатҳи шуғл, таҳсилоти касбӣ, мувофиқати хусусиятҳои касбӣ ва тахассусии захираҳои меҳнатӣ ба талаботи истифодаи онҳо муайян карда мешаванд. Дараҷаи инкишоф ва истифодаи захираҳои меҳнатиро бозтавлид ва сифати ташаккули он муайян мекунад.

Доираи васеи таърифҳои пешниҳодшудаи мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» аз мураккабӣ ва гуногунҷанбаи мушкилоти муносибати байни инсон ва истеҳсолот шаҳодат медиҳад, ки ҳангоми эҷоди сарватҳои моддӣ ҳамчун субъекти меҳнат ба миён меоянд ва муносибатҳои норавшан ва ҳалли якхеларо талаб мекунанд, зеро «захираҳои меҳнатӣ» дар ин системаи мафҳумҳо яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол мекунад.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун объекти тадқиқоти географӣ воқеан як категорияи бисёрҷанба ва бисёрсатҳаро ифода мекунанд, зеро категорияи «захираҳои меҳнатӣ» ду унсури муҳимро дар бар мегирад: меҳнат ва захираҳо. Ин унсурҳо бо ҳам пайвастанд ва ҳамчун як навъ робитаи системавӣ нисбат ба ҳар як унсури алоҳида вазифаҳои нав пайдо мекунад.

Фикру ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба шарҳи мафҳуми захираҳои меҳнатӣ метавон дидан дар шакли ҷадвали нишон дода шуда (ҷадв.1.).

**Ҷадвали 1.**

**Шарҳи мафҳуми захираҳои меҳнатӣ дар адабиёти ватанию хориҷӣ**

| **Шарҳи мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ»** | **Муаллифоне, ки ин таърифро ҷонибдорӣ намудаанд риоя мекунанд** |
|---|---|
| Аҳолии қобили меҳнат, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ дошта, имконияти истеҳсол намудани неъматҳои моддӣ ё хизматрасониро доранд захираи меҳнатӣ меноманд. | С.Г. Струмилин |
| Маҷмӯи мушаххаси аҳолии қобили меҳнатро, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат меварзанд захираҳои меҳнатӣ меноманд. | И.К. Макарова |
| Аҳолии қобили меҳнатро, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ доранду ба истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ қодиран - захираҳои меҳнатӣ мебошанд. | П.Э.Шлендера, Ю.П. Кокина |
| Қисми аҳолии кишвар, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ташаккулёфтаанду, дониш ва таҷрибаи амалӣ барои кор дар хоҷагии халқ доранд. | Луғати энсиклопедии советӣ |
| Захираҳои меҳнатӣ як қисми аҳолии мамлакат мебошад, ки дар сатҳи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва дар доираи муносибатҳои истеҳсолӣ дар хоҷагии халқ иштирок карда метавонад. | Словарь справочник |
| Захираҳои меҳнатӣ маҷмӯи интиқолдиҳандагони қувваи корӣ ва иқтидори иҷтимоию инфиродӣ ва муносибатҳое мебошанд, ки дар раванди такрористеҳсолӣ (ташаккул, тақсимот, истифода) ба вуҷуд меоянд. | Соловьев А.П. |

| | |
|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ - аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, қобили меҳнат, қисми аҳолии дорои қобилияти ҷисмонӣ ва равонӣ барои иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ. | Современный экономический словарь с.2008 |
| Захираҳои меҳнатӣ - ин иқтидори меҳнатиест, ки дар давраи муайян истифода бурда мешавад ва унсури иқтидори захиравии корхона мебошад. | И.Е. Савенков |
| Захираҳои меҳнатӣ - қисми меҳнатии аҳолӣ, ки дорои имкониятҳои физиологӣ ва зеҳнӣ барои ба вуҷуд овардани неъматҳои нав дар шакли неъматҳои модӣ ва пешниҳодҳо мебошад. | В.М. Маслова |
| Захираҳои меҳнатӣ, ин қисми аҳолии кишвар мебошанд, ки дорои рушди муҳими ҷисмонӣ, саломӣ, маълумот, фарҳанг, имконият, тахассус ва дониши касбӣ буда, барои кор дар соҳаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мебошанд. | Н.К.Долгушкин, В.Г.Новиков |
| Агар сухан атрофи аҳолии қобили меҳнат, ки метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда шаванд равад, захираҳои меҳнатӣ ин муносибатҳои истеҳсолӣ мебошанд. | Н. Хоналиев |
| Қисми аҳолии ҳарду ҷинс, ки қодиранд дар фаъолиятҳои муфиди ҷамъияти ширкат варзанд. Онҳо аз ду гуруҳи аҳолӣ иборатанд: аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол. | А.П.Зинченко, Ф.К. Шакиров |
| Аҳолии қобили меҳнатро, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва зеҳнӣ барои фаъолияти корӣ рушдёфтаанду имконияти истеҳсол намудани неъматҳои моддӣ ва хизматрасониро доранд, захираи меҳнатӣ меноманд. Онҳо аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва аҳолии аз | В.В. Адамчук |

| | |
|---|---|
| ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъолро дарбар мегиранд. Ба захираҳои меҳнати одамоне дохил мешаванд, ки дар соҳаҳои хоҷагӣ кору фаъолият дорад ё бо ягон сабаб кор намекунанд, аммо онҳо ба гуруҳи коргарони воқеи ва эҳтимолӣ мансубанд. | |
| Аҳолии қобиляти коридошта дар синну соли қобили меҳнатӣ ва коргароне, ки синну солашон аз сини қобилияти меҳнатӣ паст ё боло асту дар соҳаҳои хоҷагӣ фаъолият доранд. | Н.М. Воловская |
| Қисми аҳолие, ки дорои рушди зарурии ҷисмонӣ ва зеҳнӣ буда, қобилият ва дониш барои кор кардан дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагиро дорад. | К.С.Ремизов, Г.Э. Слезингер |
| Қисми аҳолии мамлакат, ки дорои дониш ва малакаҳои касбӣ оид ба тахассуси зарурӣ мебошанд ва метавонанд ҳамчун неруи корӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ истифода шаванд. | В.А. Шешин |

***Аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.***

Новобаста аз доираи васеъи таҳиқотҳои гуногунравиши назаривию методологии захираҳои меҳнатӣ ва алоқамандии он бо дигар мафҳумҳо, назарияи илмии захираҳои меҳнатӣ ташаккули ниҳоии худро наёфтааст ва минбаъд такмили хосаро тақозо дорад.

Барои муқоисаи дақиқтар, пешниҳод менамоем, ки таърифҳо ва хусусиятҳои умумию фарқкунандаи онҳо муайян карда шаванд.

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои илмии «захираҳо меҳнатӣ» - ро вобаста ба хусусият, мавқеъ, равишҳои методологии муайянсозии моҳияту мундариҷа, унсурҳои алоқаманд ва сохтори мавҷуда таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Ба ақидаи мо, дар зери мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» *аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштаву дар синни меҳнатӣ бударо, ки тавассути донишҳои касбӣ ва малакаю маҳорати инноватсионии худ метавонанд дар*

*истеҳсолоти ҷамъиятию хизматрасониҳо иштирок намояд,* фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳқиқотҳои назариявию илмӣ хулоса намудан мумкин аст, ки захираҳои меҳнатӣ яке аз омилҳои асосии ҷойгиркунӣ ва рушди истеҳсолот буда, бешубҳа бо қувваи истеҳсолкунанда алоқаманд аст ва самаранокии меҳнатро таъмин менамояд, ки дар натиҷа ба афзоиши муътадили соҳаҳои хоҷагии халқ бурда мерасонад.

### 1.2. Хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ, принсипҳои ҷойгиркунии саноат ва шуғли аҳолӣ

Яке аз омилҳои асосии рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои географӣ, ин мавҷуд будани захираҳои меҳнатии ба талаботи муосири истеҳсолӣ ҷавобгӯй башумор меравад.

Маълум аст, ки аввалин қувваи истеҳсолкунанда инсон, коргарон, яъне ҳамон шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд ва неъматҳои моддиву маънавӣ истеҳсол мекунанд, мебошанд.

Дар шароити кунуни барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он вазъи номуайянии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хос аст, ки таҳияи усулҳои навро дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақозо мекунад. Пешниҳод намудани механизми истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар ҳудудҳое, ки аҳолии қобили меҳнат барзиёд аст, хеле ба маврид аст ва вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин категорияи ҳудудҳои географӣ мансуб аст.

Зиёдшавии ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат ба хусусиятҳои рушди таърихии минтақа ва афзоиши бемайлони шумораи аҳолӣ алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб мебояд механизми истифодаи самараноки потенсиали иқтисодӣ-географии минтақа бо дарназардошти барзиёдии захираҳои меҳнатӣ таҳия карда шавад.

Минтақаҳое, ки дар онҳо аҳолии қобили меҳнат барзиёд аст, аслан минтақаҳои таназзулёфта (дипрессияшуда) мебошанд, ки ин бештар ба

модели тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста асту минтақаи таҳқиқшаванда ба ин гуруҳ дохил мешавад. Дар баробари ин, минтақа дорои иқтидори баланди захиравӣ буда, дар айни замон инфрасохтори пасти истеҳсолӣ-техникӣ, технологӣ ва нокофии институтсионалӣ барои он хос аст.

Профессор Назаралӣ Хоналиев қайд менамояд, ки комплекси хоҷагии халқи мамлакат механизми мунтазам афзоишёбанда буда, дорои садҳо корхонаҳои истеҳсолӣ мебошад, ки наметавонад бидуни банақшагӣ ва самаранок ҷобаҷогузории истеҳсолот дар саросари кишвар, бе дарназардошти истифодаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, ташкили равобити оқилонаи соҳаҳои истеҳсолот дар дохил ва байни минтақаҳои ҷумҳурӣ бомувафаққият рушд карда бошад [169].

Ф.Энгелс дар чунин ақида аст, ки «Танҳо ҷамъияте, ки мутаносибии қувваҳои истеҳсолкунандаи худро аз рӯи нақшаи ягона тавъам карда метавонад, қодир аст, ки дар саросари кишвар ҷойгиркунии саноатро танзим намуда, барои рушду нигоҳдории он ва дигар унсурҳои истеҳсолот мусоидат намояд».

Саноат, чун қоида, дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар як мамлакат нақши бориз мебозад ва дараҷаи тараққиёт ё қафомонии қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият аз дараҷаи тараққиёти ин муҳимтарин соҳаи хоҷагии халқ вобаста аст.

Истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ мавҷудияти ду омили асосӣ - захираҳои моддӣ ва инсониро тақозо мекунад. Агар қаблан диққати асосӣ ба омили аввал дода мешуд, ҳоло баракс гуманизатсияи иқтисодиёт яъне шахс-инсонро дар мадди аввал медонанд. Ҳамин тариқ, эътироф карда мешавад, ки шарти зарурии фаъолияти бомуваффақияти соҳаҳои иқтисодиёт риояи манфиатҳои инсон мебошад ва ин дар илми назарияи иқтисодӣ, омор, демография ва географияи аҳолӣ зери мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» истифода мегардад.

Оид ба ин афкор асосгузор ва намояндаи мактаби физиократҳо Ф.Кенэ чунин хулоса пешниҳод намудааст: «Қувваи асосии давлатро одамон

ташкил мекунанд: бо шарофати эҳтиёҷоти онҳо боигариҳо зиёд мешаванд, чи қадаре ки одамон истеҳсоли маҳсулоти ба он эҳтиёҷдоштаро зиёд кунанд ва чи қадаре ки онҳо бисёртар истеъмол намоянд, ҳамон қадар онҳо сарвадмандтар мегарданд» [71].

Ба захираҳои меҳнатӣ ҳам шахсоне, ки кору фаъолият мекунанд ва ҳам шахсони қобили меҳнат, ки бекоранд (потенсиалӣ) мансуб меёбанд. Дар адабиёти хориҷӣ дар мафҳуми «захираҳои инсонӣ» истифода мегардад.

Ҳамчунин, ба захираҳои меҳнатӣ тамоми аҳолии қобили меҳнат, ки на вобаста аз синну сол дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ шуғл ва фаъолият доранд дохил мешаванд. Ғайр аз ин, ба онҳо шахсони қобили меҳнатро, ки синну соли меҳнатӣ доранду, аммо дар корҳои хонаводагӣ ва хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ, таҳсил ва хизмати ҳарбӣ шуғл доранд мансубанд медонанд.

Таҷриба ва тадқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки ноҳияҳои иқтисодӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ барои фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ шароитҳои гуногун доран: дар як ноҳия шароит мусоид асту дар дигар ноҳия монеаҳои зиёде мавҷуд аст.

Масалан, баъзе қитъаҳои замин ҳосилхезанду баъзе камҳосил, дар баъзеи онҳо парвариши як намуд растанӣ пурмаҳсул асту, аммо дар дигараш ҳосили дилхоҳ дода наметавонад; баъзе минтақаҳо аз захираҳои ашёи хоми минералӣ бой буда, дар дигар минтақаҳо онҳо вуҷуд надоранд ё кам вомехӯранд ва ғайра. Аз ин рӯ, воҳидҳои ҳудудҳои истеҳсолӣ аз якдигар бо шароитҳои мушаххаси кор барои рушди истеҳсолот фарқ мекунанд. Шаклҳои истифодаи қувваҳои коргарӣ ва ташкили фаъолияти корӣ дар ҳар як қаламрав нисбат ба тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ дар маҷмуъ то андозае фарқ мекунанд.

Ҷойгиркунии истеҳсолот дар ҳудудҳои алоҳида яке аз шартҳои муҳими таъмини самаранокии истеҳсолот буда, он на танҳо аз маҳсулнокии иқтисодӣ, балки аз мувофиқи мақсад ҷойгиршавии он шаҳодат медиҳад. Гузашта аз ин, хусусияти ҷойгиркунии корхонаҳои

саноатӣ суръати гардиши сармояро дар истеҳсолот, ҳаҷми хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот ва дар ниҳоят ташаккулёбии арзиши маҳсулоти истеҳсорлшударо муайян намуда, шарти муҳими рақобатпазирии истеҳсолкунандаи мол ва маҳсулоти он дар бозори дохилӣ ва берунӣ мебошад.

Ҷойгиркунии истеҳсолот инчунин ба самаранокии идоракунӣ ва таъмин намудани маҳсулнокии меҳнат дар истеҳсолот таъсир мерасонад. Дарки муҳимияти дар ҳудудҳои алоҳида ҷойгиркунии объектҳои истеҳсолӣ, муайян намудани андоза ва майдони ишғолнамудаи онҳо, номгӯй ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, боиси ташаккулёбии донишҳо оид ба ҷойгиркунии иншоотҳои истеҳсолӣ ва тамоми шаклҳои фаъолияти ҳаёти ҷомеа мегарданд, ки предмети омӯзиши системаи илми географӣ ба шумор меравад.

Ҳаёти ҷомеа гуногунҷанба буда, дар он ду ҷанбаи асосии фаъолият: иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фарқ карда мешаванд ва ҳар кадоми онҳо фарқияти муттаасили иерархии дохилӣ доранд, ки дар таркиби донишҳои географӣ ҳамчун воҳиди илмии соҳавӣ инъикос меёбанд. Дар доираи ин тақсимот ҷойгоҳи марказӣ ба чунин соҳаи илм - *ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда* тааллуқ дорад. *Ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда,* тақсимоти географии ҷузъҳои моддии истеҳсолот ва захираҳои меҳнатӣ дар қаламрави кишвар ва ноҳияҳои иқтисодии он мебошад.

Тақсимоти ҳудудии меҳнат ба омӯзиши қонуниятҳои рушди истеҳсолот, зуҳуроти онҳо дар шароити махсуси ноҳияҳои иқтисодӣ ё мамлакат ҳамчун як самти илм сару кор дорад.

Рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда аз ҳам ҷудонопазиранд, зеро онҳо дар фазо ва вақт рушд мекунанду, ду паҳлуи як раванд мебошад. Алоқамандии диалектикии онҳо дар он таҷассум меёбад, ки дар раванди истеҳсолот унсурҳои (омилҳои) истеҳсолот дар қисматҳои гуногуни кишвар дар шакли махсус тавъам шудаанд.

Фарқи шароит, ҳамчун омили муҳимтарини тақсимоти ҳудудии меҳнат, дар асарҳои олимон ва муҳақиқону олимони илми география,

иқтисод ва дигар илмҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла К.Маркс чунин қайд намудааст: «Ҳосилхезии мутлақи хок вуҷуд надорад, аммо фарқияти он, гуногунии маҳсулоти табиии он, заминаи табиии тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро ташкил медиҳад. Бо шарофати тағйир ёфтани шароитҳои табиӣ, зарур мешавад, ки инсон бояд дар он зиндагӣ кунад, эҳтиёҷот, қобилият, восита ва усулҳои кори ӯ ташаккул ёбанд» [94].

Ба рушд ва ҷойгиршавии саноат омилҳои зиёди табиӣ, техникӣ, шаклҳои ташкили истеҳсолот, ҷойгиршавии канданиҳои фоиданок, нақлиёт ва дараҷаи рушди инфрасохтор, хусусиятҳои ҷойгишавии истеҳсолот, шумора ва таркиби аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, сатҳи даромад ва сифати захираҳои меҳнатӣ, сатҳи рушди комплексии хоҷагии минтақа ва дурнамои он таъсир мерасонанд. Ин омилҳо бо ҳам алоқаманд буда, аз якдигар вобастагии зиёд доранд. Аммо, дараҷаи таъсиррасонии онҳо ба ҷойгиршавии саноат вобаста аз сатҳи қувваҳои истеҳсолкунанда, хусусиятҳои иқтисодии соҳаҳои алоҳидаи саноат ва шароити хоси давраи муайяни таърихи якхела нест.

Оид ба ин таъсири баъзе омилҳое, ки ба ташаккулёбӣ ва ҷойгиршавии саноат дар шароити вилояти Суғд мисол овардан мумкин аст.

Вилояти Суғд аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо хусусиятҳои хоси табиӣ-географии худ фарқ мекунад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо самти фаъолияти хоҷагии минтақаро дар марҳилаи аввали рушд пешакӣ муайян намуданд. Водии Фарғона яке аз қадимтарин ноҳияҳои парвариши пахта дар ҷумҳурӣ мебошад ва то имрӯз боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, дар ин водӣ, пеш аз ҳамма соҳаҳои саноате рушд кард, ки ба эҷоди заминаи моддию техникии соҳаи пахтакорӣ алоқаманд аст. Дар минтақа, дар баробари пахтакорӣ дигар соҳаҳо низ рушд ёфтанд, аз ҷумла боғдорӣ, токпарварӣ, кирмакпарварӣ, картошкапарварӣ ва ғайра. Дар ташаккулёбии онҳо шароитҳои мусоиди табиию иқлимӣ мусоидат намуданд.

Истеҳсолоти кишоварзӣ дар атрофи худ истеҳсолоти саноатиро ташаккул дод, пеш аз ҳама соҳаҳои саноати сабук ва хурокворӣ барои коркарди пахта, меваю ангур, пилла ва сабзавот. Пас аз он раванди амиқгардонии истеҳсоли комплексии саноат тавассути таъсиси корхонаҳои саноати пахта, кешбофӣ (трикотаж), чарму пойафзол, дузандагӣ ва қолинбофӣ роҳандозӣ гардид.

Дар ибтидои солҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ гузашта, ҳозира ва ояндаи Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ба рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва он соҳаҳое, ки ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғуланду ҳаётан барои ҷомеъа заруран мансуб медонистанд.

Аз ҳамин сабаб, самтҳои асосии рушд ва ҷобаҷогузории соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ то солҳои 70-уми асри гузашта саноати сабук ва хурокворӣ, ки дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ кору фаъолият карда метавонистанд, ба шумор мерафтанд.

Ичиро Ивасаки иқтисоддон, муҳаққиқ оид ба кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, собиқ корманди сафорати Ҷопон дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравӣ ва Федератсияи Русия дар асари худ «Структураи саноат ва рушди минтақавии ҷумҳуриҳои  Осиёи Марказӣ: таҳлил маълумотҳо оид ба ҷойгикунонии ҳудудии соҳаҳои саноат» қайд менамояд, ки имрӯз саноати кишварҳои  минтақа тамоюли муайянеро ба суи «монокултуризм» нишон медиҳанд. Истеҳсоли алюминий дар Тоҷикистон, коракарди пахта дар Ӯзбекистон, истихроҷи тилло дар Қирғизистон, истеҳсоли маҳсулоти нафт дар Қазоқистон, истихроҷи гази табиӣ дар Туркманистон соҳаҳои саноате мебошанд, ки комплекси саноатии ин ҷумҳуриҳоро ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин нишон медиҳад, ки дар он вақт саноати сабук ва хурокворӣ ду соҳаи асосии саноати мамлакатҳои Осиёи Марказӣ буданд. Ин ду соҳаи саноат бузургтарин таъминкунандагони ҷойҳои корӣ дар ин кишварҳо буд, аз ҷумла дар Қазоқистон тақрибан 44% қувваи кории

умумии саноат, дар Ӯзбекистон – 50%, дар Қирғизистон – 38%, дар Тоҷикистон – 57% ва дар Туркманистон – 49% [182].

Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Суғд барои рушди соҳаҳои саноат имкониятҳо бузург дорад, аз қабилӣ: захираҳои бузурги обӣ ва гидроэнергетикӣ, ки истифодабарии онҳо самарабахш буда, барои бунёд намудани нерӯгоҳҳои обии иқтидорашон гуногун (хурду бузург) имкон медиҳанд; захираи бузурги канданиҳои фоиданок, ки ба рушди соҳаҳои энергетикӣ-сузишворӣ, металлургияи ранга ва сиёҳ, химия, саноати масолеҳи бинокорӣ мусоидат мекунанд; шароити мусоиди биоиқлимӣ ва мавҷудияти захираи заминҳои серҳосил, ки дар водиҳо барои парвариши зироатҳои субтропикию техникӣ ва дар ноҳияҳои куҳсор барои боғдорӣ ва парвариши растаниҳои ғаладонагӣ мусоидат менамоянду маҳсулоти онҳо ашёи хоми саноати сабук ва хурокворӣ мебошанд; шароити мусоиди коммуникатсионии нақлиётӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии ба таври интенсивӣ таъсисёфта – роҳҳои автомобилгард, ки ба стандартҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯй мебошанду минтақаҳои ҷумҳуриро дар тамоми мавсими сол ба ҳам мепайванданд, роҳи оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ; суръати баланди афзоиши аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, ки барои таъмини талаботи соҳаҳои саноат бо кадрҳои соҳибихтисос мусоидат мекунад.

Ҷиҳати тавсифи мушаххаси таъсири ҳар як омил ва шароитҳои зикршуда ба ташаккул ва рушди саноат дар минтақа пеш аз ҳама омӯхтан ва шарҳ додан лозим аст, ки вилояти Суғд дар гузашта дар кадом марҳилаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ қарор дошт, аҳолии вилоят чанд нафар буд, соҳаҳои асосии шуғли аҳолӣ кадом соҳаҳо буданд ва амсоли ин. Танҳо дар ин сурат метавон амиқи ва миқёси таҳқиқотро аз оғози рушди саноат (индустриякунонӣ) то имрӯз дар вилоят ба таври бояду шояд арзёбӣ карда, оид ба дурнамои рушди соҳаҳои саноати минтақа хулоса ва пешниҳодҳо намуд.

Тавре, ки маълум аст, то таъсисёбии Ҳокимияти Шӯравӣ ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ ба ҳайати ҳукумати генерал-губернатори Туркистон мансуб буданд.

Зиёда аз 80% аҳолии минтақа дар соҳаи кишоварзӣ бо усули анъанавӣ, ки хусусияти табиӣ дошт кору фаъолият менамуданд. Саноат амалан вуҷуд надошт. Танҳо корхонаҳои хурди косибӣ вуҷуд доштанд, ки ба истеҳсоли асбобу анҷоми рӯзгор, кишоварзӣ, дастгоҳҳо барои фаъолият намудани тамоми корхонаҳои маҳаллии косибӣ истеҳсол мешуданд. Дар шаҳри Хуҷанд, дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ як корхонаи хурди чармгарӣ фаъолият мекард, ки дар як сол 1200 пусти чорвои хурду калонро коркар менамуд. Соли 1874 бошад корхонаи чармгарии шаҳри Истаравшан (собиқ Уротеппа) ба фаъолият оғоз намуд, ки дар он 44 нафар коргарон ба кор фаро гирифта шуданд ва ин низ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ кор мекард. Нигоҳ накарда ба он ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ захираи зиёди ашёи хом барои соҳаи саноати хуроквориӣ мавҷуд буд, аммо ин соҳа низ дар сатҳи зарурӣ рушд намеёфт. Ҳануз аз замонҳои қадим дар ҳудуди Осиёи Миёна ангур парвариш карда мешуд, аммо коркарди саноатӣ надошт, хусусан истеҳсоли шароб мамнуъ буд, зеро ба ин анъанаҳои миллию динӣ имконият намедоданд. Танҳо соли 1873 дар деҳаи Деҳмой (дар наздикии шаҳри Хуҷанд) корхонаи шаробпазӣ бо иқтидори тақрибан 1000 литр дар як сол ба истифода дода шуд, аммо он ҳатто ду сол кор накарда сӯзонида шуд. Соли 1906 дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 3 корхонаи шаробпазӣ амал мекард, ки дар онҳо ҳамагӣ 10 нафар коргарон кор мекарданд ва ин корхонаҳо мавсимӣ буда, дар дар давраи ҳосилғундории ангур фаъолият мекарданд. Соли 1913 ин корхонаҳо ҳамагӣ 8000 сатил шароб истеҳсол намуданд [53].

Дар соли 1928 дар округи Хуҷанд 8953 корхонаҳои косибӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар онҳо 15332 нафар коргарон кору фаъолият менамуданд [122]. Шумораи умумии корхонаҳои косибӣ-истеҳсолӣ солҳои 1928-1929 дар ҷумҳурӣ қариб 20 ҳаз. буд, ки дар онҳо зиёда аз 30 ҳаз. нафар коргарон машғули кор буданд [122].

Дар қаламрави Тоҷикистон соли 1913 29 корхонаи саноатӣ - ба ҳисоб гирифта шудааст, ки 11-тои онҳо ба истихроҷи ангишт, нафт,

озокерит, 8-то ба тозакунӣ ва коркарди пахта, 4-корхонаи наонқадар бузург ба истихроҷи намаки ош ва 2-завод ба истеҳсоли шароб машғул буданд. Корхонаҳо ниҳоят хурд буда, дар як кони маъдан 36 нафар коргар, як корхонаи пахтатозакунӣ то 14 нафар ва танҳо дар корхонаи истихроҷи нафти «САНТО» 156 нафар коргар рост меомад [136]. Қариб ҳамаи ин корхонаҳо дар қисми шимолии ҷумҳурӣ ҷойгир шуда буданд.

Маълум аст, ки соҳаҳои саноат бе мавҷудияти роҳҳои нақлиётӣ рушд карда наметавонад. Аввалин роҳи оҳан дар қаламрави Тоҷикистон, ин роҳи оҳани истгоҳи Урсатевск-Андиҷон ба шумор меравад, ки дар шимоли ҷумҳурӣ аз вилояти Суғд гузашта шабакаи ягонаи роҳи оҳани Империяи Русия дар кишвари Туркистон пайваст намуд, ки ин ба пайдошавии аввалин марказҳои саноатӣ дар қаламрави вилояти Суғд такон бахшид.

Дар маҷмуъ то ибтидои солҳои 1920 дар Тоҷикистон нақлиёт амалан вуҷуд надошт, дар қаламрави он танҳо роҳҳои корвонгарду аробагард мавҷуд буданду халос. Дар рӯзҳои аввали ташкил шудани РАСС Тоҷикистон бунёди роҳҳои нақлиётӣ яке аз масъалаҳои асосии сохтмони сотсиалистӣ ба шумор мерафт. Аввалин автомобил соли 1922 ба Хуҷанд, соли 1925 ба Душанбе ва соли 1933 ба Хоруғ омад. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон мамлакати кӯҳӣ асту сохтмони роҳҳо маблағи зиёдро талаб мекунанд, солҳои 1928-1932 38,8% маблағе, ки барои рушди хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ҷудо шуда буд, дар ин соҳа сарф гардид [170].

Яке аз омилҳои асосии ҷойгиркунии истеҳсолот омили мавҷудияти захираҳои табиӣ мебошад. Дар марҳилаҳои ибтидоии индустриякунонӣ, ҷойгиршавии саноати вазнинро бештар географияи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама канданиҳои фоиданок - ҳавзаҳои ангишт ва маъдани оҳан муайян мекарданд, ки манбаи асосии рушди соҳа ба шумор мерафтанд. Аммо дар давраи инқилоби илмию техникӣ ин ҷазобият коҳиш ёфт. Лекин дар ҷойгиркунии саноати истихроҷи маъдан омили мавҷудияти захираҳои табиӣ ҳамчун омили асосӣ боқӣ мондааст. Нигоҳ накарда ба

он ки аксар ҳавза ва конҳои канданиҳои фоиданок қариб ба пурагӣ истифода шудаанду дар онҳо захира хеле кам шудааст, дар соҳаи истихроҷ гузариш ба минтақаҳои навазхудшуда, ки шароити шадиди табиӣ дошта аксар вақт дастнорас ва камаҳолӣ мебошанд, нигаронида шудааст.

Мавҷудияти омили захираҳои табиӣ дар ташаккул ва рушди саноати вилояти Суғд дар марҳилаи аввал ҳеҷ ваҷҳ таъсире надошт, зеро захираҳои табии ҷумҳурӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашуда буданд. Оид ба баъзе канданиҳои фоиданок аз қабили полиметалҳо, тилло, сангҳои қимматбаҳо ва ороишӣ, ангишт, нафт, намаксанг маълумотҳои онқадар муфассал мавҷуд набуд. Онҳо аҳамияти бузурги иқтисодӣ надоштанд. Танҳо баъзеи онҳо бо миқдори кам барои эҳтиёҷи аҳолии маҳаллӣ истифода мешуданд.

Аз ҷумла, соли 1868 дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд, соли 1882 дар шаҳри Исфара ва соли 1890 дар Шуроб истихроҷи ангишт бароҳ монда шуда буд, ки соли 1912 дар кони Шуроб 28 ҳазор тонна ангишт истихроҷ карда шуд. Бори нахуст аз вуҷуд доштани нафт дар шимолии Тоҷикистон геолог А. А. Кунакевич (соли 1871) маълумот дода буд. Аввалин чоҳи нафтӣ дар назди деҳаи Селроҳа (байни шаҳрҳои Конибодом ва Исфара) парма карда шуд, ки ҳаҷми истеҳсолии он дар як шабонарӯз 1000 пудро ташкил медод. Соли 1912 ширкати Осиёи миёнагии савдои нафт (САНТО) таъсис ёфт, ки онро англисҳо сармоягузорӣ ва назорат мекарданд ва соли 1915 истихроҷи нафт ба 19,1 ҳазор тонна расид [46].

Омӯзиши мақсадноки канданиҳои фоиданок дар ҷумҳурӣ танҳо дар миёнаи солҳои 20-уми асри гузашта оғоз гардид. Геолог ва муҳаққиқон солҳои 1927-1928 татқиқот ва омӯзиши минтақаи маъдании Қарамазор оғоз намуданд, дар натиҷа маълум гардид, ки дар таркиби конҳои маъдани ин минтақа сурб, руҳ, нуқра, мис, молибден, волфрам, висмут ва дигар унсурҳои кимёвӣ мавҷуд аст.

Дар омӯзиши боигариҳои табиии Тоҷикистон экспедитсияи комплексии Тоҷикистон (1932) ва экспедитсияи Тоҷику Помир солҳои 1933-1934 бо роҳбарии олимони бузурги соҳаи геология А.Е. Ферсман, Д.В. Наливкин, Д.И. Щербаков ва дигарон, ки аз ҷониби Академияи улуми Иттиҳоди Шӯравӣ  ташкил гардида буд, нақши бузург гузошт. Дар асоси натиҷаи тадқиқоти ин экспедитсияҳо оид ба зарурати ташкили саноати истихроҷи металлҳои нодир ва ранга дар Тоҷикистон масъалагузорӣ гардид ва соли 1933 дар конҳои Консой ва Текелини минтақаи маъдании Қарамазор истихроҷи маъдани қалъагӣ оғоз гардид.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, иқтидори он ба 527 млрд. кВс дар як сол арзёбӣ мегардад, ки айни замон 4-5% он мавриди истифода қарор дорад. Дар ибтидо бо сабаби аз нигоҳи омодагии техникию иқтисодӣ дуруст арзёбӣ  нагардидан ва омӯхта нашудани захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон истифода намегнардиданд. Аввалин нерӯгоҳи барқии обӣ дар ҷумҳурӣ неругоҳи Варзоби боло маҳсуб меёбад, ки соли 1937 бо иқтидори 7,5ҳаз. кВт сохта ба истифода дода шуд. Дар вилояти Суғд бошад нерӯгоҳи барқии обии «Дустии халқҳо» дар дарёи Сир, Обанбори Қайроқум соли 1940 ба нақша гирифта шуда, соли 1957 ба кор дода шуд.

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳим ба ҷойгиршавии истеҳсолот ва сохти ҳудудии хоҷагӣ таъсир дошта, омили таъсирбахш боқӣ мемонад. Ҷанбаи муҳимтарини ташаккул ва рушди саноат пеш аз ҳама аҳолӣ, хусусан аҳолии қобили меҳнат мебошад. Омили захираҳои меҳнатӣ дар ташаккулёбию ташкили хоҷагӣ дар ҳудудҳои алоҳида ва сиёсати иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон таъсири назаррас расонида, мақсади асосии он ҷорӣ намудани шаклҳои нави моликият ва ташкили меҳнат ва ба ҳар як шахси қобили меҳнат  барои пурратар ифода намудани қобиляти ҷисмонию фикриаш дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ имконият дода, шароити муътадил фароҳам меорад. Вазифаи муҳимтарини гузариш ин амалиёти самаранокии бозори қувваи коргарӣ мебошад [54].

Омӯзиши захираҳои меҳнатӣ ҳамчун категорияи бисёрҷабҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ имконият медиҳад, ки ташаккулёбии коргари типи навро пурратар нишон диҳем, тағйироти миқдорӣ ва сифатии иқтидори меҳнатиро дар шароити пешрафти босуръати прогресси илмӣ-техникии ҳамаҷонибаи интенсификатсияи истеҳсолӣ ва инноватсионӣ (фановарӣ) ошкор намоем.

Дар солҳои аввали барпошавии Ҷумҳурии худмухтори шӯравии Тоҷикистон шумораи аҳолии он 990,9 ҳазор нафар буд, ки аз ин 86,3 ҳазор нафар ё 9%-и онро аҳолии шаҳр ташкил медод. То давраи барпошавии ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон саноат амалан вуҷуд надошт ва мутахассисони баландихтисос, бахусус аз аҳолии таҳҷоӣ мавҷуд набуданд. Яке аз омилҳои асосии рушди саноати ҷумҳурӣ тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ буд ва аз ин лиҳоз ҳокимияти маҳаллӣ барои омода намудани мутахассисон ва қонеъ гардонидани талаботи соҳаҳои саноат бо коргарони соҳибкасб ва баландихтисос шуруъ намуд.

Дар марҳалаи ибтидоии бунёд намудани иншоотҳои саноатӣ дар Тоҷикистон аз минтақаҳои гуногуни ИҶШС, асосан аз ноҳияҳои маркази саноатии Русия, Украина, Белорусия мутахассисони соҳаҳои саноат, гуруҳҳои коргарони баландихтисос барои рушд додани ҷумҳурии тозабунёди ҷавон фиристода шуданд, ки ин аз нақши захираҳои меҳнатӣ дар ташкили истеҳсолот шаҳодат медиҳад. Дар иншоотҳои саноатӣ аз аҳолии таҳҷоӣ ва маҳаллӣ низ қабули коргарон ба кор оғоз гардид.

Ба тайёр кардани коргарони маҳаллӣ (миллӣ), мутахассисон ва ташкилотчиёни истеҳсолот барои кор дар корхонаҳои саноатӣ аҳамияти махсус дода мешуд. Шабакаи васеъи курсҳои гуногун, муассисаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ таъсис дода шуданд, ки мутахассисонро барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хусусан барои соҳаҳои саноат, ки нав дар зинаи ташаккулёбӣ қарор дошт омода менамуданд. Коргарон ва мутахассисони соҳавӣ ва бомаҳорат барои Тоҷикистон дар ноҳияҳои саноатии Русия ва Ӯзбекистон низ тайёр карда шуданд. Аллакай соли 1928 дар соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ зиёда аз 2,5 ҳазор нафар коргарон ва

хизматчиён кор мекарданд ва дар охири соли 1933 шумораи онҳо ба 10,5 ҳазор нафар расид, ки аз ин 2,7 ҳазор нафарашон аз сокинони маҳалӣ - тоҷикон ва ӯзбекҳо буданд [170].

Аксари коргарони маҳаллӣ дар заводҳои пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, корхонаҳои саноати абрешим кор мекарданд, зеро аҳолии маҳаллӣ дар ин самт алакай таҷриба доштанду, корхонаҳои ин соҳаҳо пештар бунёд гардида буданд. Масалан, кирмакпарварӣ аз замонҳои қадим шуғли аҳолии маҳалӣ буд ва аз ин рӯ, корхонаҳои косибии соҳаи абрешим нисбатан рушдёфта буда, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти соҳаи саноати абрешим мутахассисон заминаи ибтидоӣ ва таҷриба доштнд. Аз қадим занҳои маҳаллӣ ба истеҳсоли маҳсулоти абрешимин машғул буданд ва онҳо такягоҳи асосии қувваи кории корхонаҳои истеҳсоли абрешимро ташкил мекарданд. Барои васл намудани дастгоҳ ва таҷҳизотҳо дар корхонаҳои ин соҳа мутахассисон аз Италия даъват карда шуданд. Агар соли 1906 дар ҳудуди уезди шаҳри Хуҷанд 8 заводи пахтатозакунӣ амал мекард ва дар онҳо 142 нафар коргарон кор мекарданд, соли 1916 шумораи онҳо ба 11-то бо фарогирии 318 нафар коргар расид. То моҳи октябри соли 1917 дар уезди шаҳри Хуҷанд ду заводи пиллашӯӣ бо 31 коргар ва як фабрикаи пилахушккунӣ бо шумораи 28 нафар коргарон фаъолият мекарданд [60]. Маҳсулоти ин корхонаҳо ба хориҷ, бахусус ба шаҳри Милан ва қисман ба шарҳи Марсел фиристода мешуданд.

Дар ташаккул ва рушди соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд дар марҳилаи аввал омили асосӣ ин мавқеи географӣ, шароити мусоиди табиӣ ва иқлимӣ барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан зироатҳои техникӣ, ки ашёи хом барои корхонаҳои саноати сабук ва хурокворӣ мебошанд ба шумор рафта, нақши ҳалкунанда бозиданд.

Соҳаҳои асосии кишоварзӣ пахтакорӣ ва кирмакпарварӣ буд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо, пеш аз ҳама, соҳаҳое рушд ёфтанд, ки ба нигоҳдорӣ, коркард ва фароҳам овардани заминаи модию техникии соҳаи пахтакорию кирмакпарварӣ алоқаманд аст. Ғайр аз ин, дар натиҷаи

татбиқи сиёсати аграрӣ боғдорӣ, токпарварӣ, парвариши ниҳоли тут барои соҳаи кирмакпарварӣ ва дигар соҳаҳо бо суръат ташаккул ёфтанд, ки рушди ин соҳаҳо низ аз шароитҳои мусоиди табиӣ-географӣ вобаста аст. Бунёд гардидани шохаи роҳи оҳан, заводҳои пахтатозакунӣ ва тобеияти уезди Хуҷанд ба Русияи подшоҳӣ низ дар пешрафти ин соҳа бетаъсир намонданд.

Истифодаи коргарони соҳибтахассус мутобиқи касби омӯхтаашон, ки ба талаботи истеҳсолот ҷавобгӯй аст, дар истифодаи парки мошинаҳою трактор, зиёд намудани муҳлати истифодабарии онҳо (амортизатсияи он), баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандони соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ натиҷаи мусбӣ медиҳад. Хусусияти рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат ба тағйирёбии сохтори шуғли аҳолӣ ва коргарон таъсир расонид (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2**.

**Тағйирёбии шумораи аҳолии дар соҳаҳои саноат шуғлдошта (ҳаз.нафар)**

| Соҳаҳо саноат | 1940 | 1950 | 1960 | 1970 | 1980 | 1995 | 2000 | 2010 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯли соҳаҳои саноат, аз ҷумла: | 17,2 | 23,6 | 37,3 | 65,03 | 68,9 | 47,9 | 31,2 | 34,2 | 32,4 |
| Энергетика | 0,5 | 0,7 | 2,2 | 3,0 | 0,8 | 0,8 | 1,3 | 3,1 | 4,2 |
| Мметаллургияи ранга | - | - | 4,1 | 4,4 | 4,6 | 4,3 | 3,8 | 5,6 | 8,3 |
| Химия | - | - | 0,1 | 1,03 | 2,1 | 1,7 | 1,1 | 1,0 | 1,2 |
| Мошинасозӣ ва коркарди металл | 1,3 | 2,1 | 4,2 | 11,4 | 13,2 | 11,0 | 8,0 | 7,1 | 6,5 |
| Саноати ҷангал ва коркарди чӯб | 0,7 | 0,5 | 2,1 | 2,2 | 2,6 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | - |
| Саноати масолеҳи сохтмонӣ | 0,5 | 1,0 | 2,9 | 6,0 | 7,1 | 12,7 | 3,1 | 5,3 | 4,0 |
| Сабук | 9,6 | 12,6 | 15,5 | 27,3 | 27,5 | 11,1 | 8,6 | 7,6 | 5,6 |
| Хӯрокворӣ | 3,2 | 4,3 | 5,5 | 8,2 | 9,3 | 4,7 | 4,1 | 2,8 | 1,8 |
| дфдигар соҳаҳо | 1,4 | 2,4 | 0,7 | 1,5 | 1,7 | 1,4 | 0,8 | 1,3 | 0,8 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1971, 1981, 1996, 2001, 2011, 2022

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бар меояд, ки шумораи аҳолии дар соҳаҳои саноат шуғлдошта агар соли 1940 17,2 ҳазор нафар бошад то соли 1980 ба 68,9 ҳазор расидааст, яъне майл ба болоравӣ дорад. Аммо соли 1995 ин нишондиҳанда ба 47,9 ҳазор нафар расид, ки 33% нисбат ба соли 1980 кам шудааст ва рӯ ба таназзул дошта соли 2000 то 31,2 ҳазор (45%) расид. Соли 2022 бошад каме афзуд, яъне шумораи коргарони дар соҳаҳои саноат шуғлдошта ба 32,4 ҳазор нафар расид. Ин ҳолатест, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон саноаткунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул намудааст, ки он барои таъмини устувори иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад.

## 1.2. Нақши захираҳои меҳнатӣ дар ҷойгиршавӣ ва рушд истеҳсолот

Истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ ду ҷузъи (компоненти) заруриро дарбар мегиранд: *захираҳои моддӣ* (ашёи хом, таҷҳизот ва ғ.) ва *захираҳои меҳнатӣ (инсонӣ)*, яъне, коргарони дорои малака ва донишҳои касбӣ. Зери ин мафҳум, захираҳои меҳнатӣ ҳамчун як қисми аҳолӣ баробари захираҳои моддӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолот маҳсуб меёбанд.

Пешрафти илм ва техника, ба даст овардани сатҳи баланди маҳсулнокии меҳнат ба таври максималӣ сафарбар намудани тамоми захираҳои ҷомеа ва пеш аз ҳама захираҳои меҳнатиро тақозо мекунад, ки «аввалин қувваи истеҳсолкунандаи тамоми инсоният - коргарон, меҳнаткашон» мебошад, яъне ҳамон шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд ва неъматҳои моддиву маънавӣ истеҳсол мекунанд.

Ҳама гуна дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа, мамлакат ва ҳудуди алоҳидаи географиро дар сурате метавон асоснок намуд, ки агар он ба маълумотҳо оид ба шумора ва сохтори аҳолӣ, ҷойгиршавии аҳолӣ дар ноҳия ва ҳудудҳои алоҳида, шаҳр ва деҳот, шуғли аҳолӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва ғайраро ба инобат

гиранд. Мавҷудияти раванди ҳаёти модии ҷомеа, пеш аз ҳама, аз мавҷудияти захираҳои инсонӣ, кадрҳои баландихтисос муайян карда мешавад.

Захираҳои меҳнатӣ қувваи кории корхонаро ташкил медиҳанд, ки аз рӯи маҷмӯи қобилияти ҷисмонӣ ва равонии онҳо, ҳайати шахсии корхона ташкил ва қобилияти меҳнатии онҳо муайян карда мешавад. Ин раванд захираҳои меҳнатиро яке аз омилҳои асосии истеҳсолот мегардонад, ки бидуни он ягон фаъолияти иқтисодӣ амал карда наметавонад ва самаранокии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона ба он вобаста аст. Дар раванди рушди динамикаи системаи хоҷагии халқ, дар фаъолияти иқтисодии корхонаҳо ва соҳаҳои фаъолият тағйирот ба амал меояд. Яке аз масъалаҳои калидӣ дар ин бобат самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатии корхона мебошанд, зеро дар корхонаҳо муосир нишондиҳандаи молиявию иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ бештар ба истифодаи оқилонаи меҳнат ва натиҷаҳои кори кормандони корхона вобаста аст.

Захираҳои меҳнатӣ на танҳо қувваи асосии итеҳсолкунанда, балки дар якҷоягӣ бо тамоми аҳолӣ ягона объекте мебошанд, ки бо номи қувваҳои истеҳсолкунанда рушд меёбанд. Муҳити географӣ ва аҳолӣ мавҷудият ва имкониятҳои рушди истеҳсолотро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳар як нақшаи фаъолияти хоҷагиро (иқтисодиро) танҳо ба шарте асоснок кардан мумкин аст, ки агар он маълумот дар бораи шумора, такиб ва сохтори аҳолӣ, ҷойгиршавии аҳолӣ ва соҳаҳои хоҷагии халқ асос ёбад. Дар натиҷа, мавҷудияти раванди ҳаёти моддии ҷомеа пеш аз ҳама ба мавҷудияти аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ муайян карда мешавад. Инсон созандаи тамоми боигариҳои иҷтимоӣ мебошад, аз ин рӯ шумораи аҳолӣ, хусусан аҳолии қобили меҳнат бо таҷриба ва малакаи истеҳсолии худ, омили асосие мебошад, ки имкониятҳои рушди иқтисодии қаламрав ва ё ҳудуди алоҳидаро муайян мекунад. Моҳият ва мавқеи захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили асосии қувваҳои

истеҳсолкунанда ба ҷойгиршавӣ ва рушди ҷомеа таъсири бевосита дорад.

Мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон синну соли қобили меҳнат аз 16 то 59 сола барои занҳо ва аз 16 то 63 сола барои мардҳо муайян гардидааст. Ҳамзамон, аҳолие, ки аз синни қобили меҳнат гузаштааст, аммо дар истеҳсолот ширкат меварзад (нафақахурон ва дигарон), наврасоне, ки ба синни қобили меҳнат нарасидаанд, аммо дар истеҳсолот кор мекунанд аҳолие, ки синни қобили меҳнатро тарк кардаанд, аммо дар иқтисодиёти саноатӣ иштирок ба захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд.

Таҷрибаи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда нишон медиҳад, ки дар байни маҷмӯи омилҳое, ки ба ҷойгиркунии самараноки саноат таъсир мерасонад, омили мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ аҳамияти муҳим дорад. Гузашта аз ин, мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ барои ҷойгиршавии корхонаҳо дар тамоми соҳаҳои саноат омили асосӣ мебошад.

Таъсири захираҳои меҳнатӣ ба ҷойгиркунонии истеҳсолот хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама ба рушди истеҳсолот мустақиман бо мавҷудияти худ дар ҳудуди муайян таъсир мерасонанд. Аммо, чун аст, ки баъзе минтақаҳо сераҳолӣ ва баъзеи дигар камаҳалӣ аст, ё аҳолӣ умуман мавҷуд нест.

Дар робита ба шароити Тоҷикистони Шимолӣ (вилояти Суғд), ки дар он шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ бо суръат афзоиш меёбанд, ба инобат гирифтани омили захираҳои меҳнатӣ дар рушд ва ҷойгиршавии истеҳсолот бениҳоят зарур аст.

Захираҳои меҳнатӣ ба ҷойгиршавии истеҳсолот дар тамоми марҳилаҳои рушди ҷомеа таъсир доштанд ва доранд.

Ҳанӯз солҳои 30-юми асри XX асосгузор географияи иқтисодӣ дар СССР Н.Н. Баранский қайд карда буд: «предмети география омӯзиши хусусиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва минтақаҳо, фарқияти фазои фаъолияти хоҷагӣ дар кураи Замин, яъне байни муҳити географии

аз муҳити дигар ва вобастагии фаъолияти хоҷагии инсон мебошад» [22].

Тадқиқот оид ба назарияи умумии ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ оид ба таҳияи моделҳое, ки имконияти фарогирии ҳамаи омилҳоро (ё аксари ин омилҳоро) ба инобат мегиранд, дар охири асри XVII оғоз гардид. Аввалин модеоли ҷойгиркунии иншоотҳои саноатӣ аз ҷониби пайравони мактаби иқтисодчӣ Рикардо (Смит, Рикардо) таҳия гардиданд. Онҳо ҷойгиркунии иншоотҳои саноатиро натиҷаи тақсмоти ҳудудии маҳсулоти изофаи кишоварзӣ, ки ҳамчун ғизо барои коргарон ва ашёи хом барои истеҳсолот заруранд, ҳисобиданд.

Генри Форд менависад, ки: «Сармояи асоси одамон мебошанд. Онҳо барои ман ҳама чизро ифода мекунанд. Маҳз онҳо маро сарватманд мегардонанд» [30], аз ин бар меояд, ки идоракунии захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи бадаст овардани натиҷаҳои самарабахш ва ҷойгиркунии иншоотҳои истеҳсолӣ нақши калидӣ доранд.

Яке аз омилҳои муҳимтарини ҷойгиркунонии корхонаҳои истеҳсолӣ аҳолӣ мебошад, ки бо хусусиятҳои миқдорӣ, сифатӣ ва кирдору ахлоқи худ дар ҳудуди муайян маскун шуда ташаккул меёбад. Шумора ва сохтори аҳолӣ андоза ва таркиби захираҳои меҳнатиро муайян мекунад. Бозтавлиди аҳолӣ чун натиҷаи ҳаракати табиӣ (таносуби таваллуд ва фавт) ва механикӣ (муҳоҷират) ҳамчун шарти зарурӣ барои рушд ва ҷойгиркунонии соҳаҳои хоҷагӣ хидмат мекунад.

Зичии аҳолиро азхудкунии ҳудудҳои нав, ки ба гардиши фаъолияти хоҷагӣ мусоидат мекунанд, муайян менамояд.

Назарияи ҷойгиркунӣ робитаи мустақими маскуншавии аҳолӣ истеҳсолотро шарҳ медиҳад. Аз дигар тараф, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ дар ҳудуди мушаххас метавонад шарти ҳатмии ҷойгиршавии корхонаҳои истеҳсолӣ бошад.

Масалан, мавҷудияти шумораи зиёди аҳолӣ ва малакаю таҷрибаи тахассусии он ба ҷойгиршавии соҳаҳои мошинасозӣ ва саноати бофандагӣ дар ноҳияи шимолии мамлакат (вилояти Суғд) мусоидат

намуд. Аммо, мавҷудияти мутахассис, эҳтиёҷот ба ҷойҳои корӣ аксар вақт ба сохтани ин ё он иншооти муайяни истеҳсолӣ дар ноҳияҳое, ки захираҳои барзиёди меҳнатӣ мавҷуд аст, боис шуда наметавонад.

Аз ҷониби дигар бунёд намудани корхонаҳои саноатӣ дар ҷойҳои муайян боиси ҷалби одамон дар ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат мегардад. Масалан, бунёди комбинати қолинбофӣ, обанбори Қайроқум, НБО-и Дӯстии халқҳо, истихроҷи ангишти кони Шӯроб дар ноҳияи Исфара сабаби ворид гардидани захираҳои меҳнатӣ аз дохил ва берун аз ҷумҳурӣ ба ноҳияҳои шимолӣ ҷумҳурӣ гардиданд.

Таъсири захираҳои меҳнатӣ ба ҷойгиршавии истеҳсолот гуногунҷабҳа ва гуногунпаҳлӯ мебошад.

Таъсири омили аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар ноҳия ба рушди истеҳсолот, махсусгардонӣ ва сохтори соҳавии он метавонад самтҳои зеро дошта бошад: пеш аз ҳама, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ба рушди истеҳсолот, аз ҷумла соҳаҳои саноат мустақиман таъсир мерасонанд: ҳамзамон аҳолӣ ҳамчун заминаи ибтидоии ташаккули захираҳои меҳнатӣ, истеҳсолкунандаи неъматҳои моддию маънавӣ ва истеъмолкунандаи маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба қаламрави муайян алоқаманд дар ноҳияҳое, ки ин намуди истеҳсолот роҳандозӣ гардидааст, тақозо менамояд.

Сифати захираҳои меҳнатӣ ин баёнгари воқеии иқтидори баланди рушди инсонӣ, омили муҳими таъмини рақобатпазирии мамлакат, минтақа ва соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Зеро гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва ворид гардидан ба сатҳи мамлакати рушди иқтисоди дошта, тақозо менамояд, ки дар бозори меҳнат танҳо кадрҳои муосир фаъолият намоянд. Яъне натанҳо ихтироотгарони техникаю технологияҳои навин, олимон, конструкторҳо, муҳандисҳо, балки ҳунармандон, коргарони ботаҷриба, менеҷерони фаъол ва мутахассисони инфрасохтори муосир метавонанд ба сифати захираҳои меҳнатии фаъол баромад намуда, ба

устуворгардонию самараноки истифодабарии иқтидори меҳнатии аҳолӣ заминаи муҳим гузоранд [6].

Нобаробар ҷойгиршавии аҳолӣ дар он зоҳир мегардад, ки зичии баланди аҳолӣ аксар вақт боиси истифодаи ками захираҳои меҳнатӣ ва зичии кам боиси дар таъмин нагардидани ҳудуд бо захираҳои меҳнатӣ мегардад. Ин ба рушди минбаъдаи истеҳсолот, махсусгардонии сохтори соҳавии хоҷагии минтақа таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҳудуди вилояти Суғд барзиёдии захираҳои меҳнатӣ дида мешавад ва барои қонеъ гардонидани талаботи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа ва ҷумҳурӣ метавонанд басанда бошанд.

Тӯли солҳои 1989-2019 шумораи аҳолии вилоят 58,5 % ё ба ҳисоби миёна 1,81% дар як сол зиёд шудааст. Аммо, айни замон, шумораи миёнаи солонаи кормандон дар хоҷагии халқи вилоят аз 490,7 ҳазор нафари соли 1991 то 213,4 ҳазор нафар ё 2,1 маротиба дар соли 2019 коҳиш ёфтааст [151].

Агар ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар минтақа назар андозем, метавон дараҷаи гуногунии мувофиқат байни захираҳои меҳнатии мавҷуда ва эҳтиёҷот ба онҳоро дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ дар ҳудуди тадқиқшаванда дарёбем.

Тафовут дар таъмин будан бо захираҳои меҳнатӣ дар ҳудудҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ вобаста ба шароитҳои табиию иқтисодӣ гуногун аст. Ноҳияҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ ва зичии аҳалӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дар як ноҳия аҳолӣ зиёдтарасту дар дигаре кам. Масалан, зичии аҳолӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон агар дар 1 км$^2$ 123,9 нафарро ташкил диҳад, дар ВМКБ 3,3 нафар, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 68, 9 нафар ва ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд ба 112,1 нафар баробар аст.

Нобаробар ҷойгиршавӣ ва афзоиши баланду барзиёдии аҳолӣ аксар вақт боиси пурра истифода нагардидани захираҳои меҳнатӣ мегардад, аммо таъмини нокифояи захираҳои меҳнатӣ низ ба рушди истеҳсолот ва махсусгардонии соҳаҳои хоҷагии минтақа ё кишвар

таъсири манфӣ мерасонад. Чуноне, ки Холина В. Н. қайд менамояд, «тақсимоти ҳудудии (географӣ)-и меҳнат боиси махсусгардонии соҳаҳои хоҷагии минтақа ва кишвар дар истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид мегардад»[31]. Ин зуҳуротро ба таври мукаммал шарҳ додан хеле мушкил аст. Зеро ба он як қатор омилҳо, аз қабили сатҳи рушди иқтисодӣ, самти он, ба таври комплекси рушдёбии хоҷагӣ, сохтори ҷинсӣ ва синусолии аҳолӣ, анъанаҳои миллӣ ва ғайра таъсир мерасонанду, тамоюле вуҷуд дорад, ки чи қадаре қобилияти кории ноҳия ё минтақа баланд бошад, дараҷаи истифода намудани аҳолии қобили меҳнат дар истеҳсолот ҳамон қадар пасттар мешавад.

Дар тӯли мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил мамлакат ва минтақаҳои он ҳеҷ гоҳ норасоии омили меҳнатиро ҳис накардааст. Ин гуфтаҳоро аз рӯйи суръати рушд ва афзоиши шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ баҳо додан мумкин аст. Мувофиқи маълумоти Оқилов А.А. шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии мамлакат ва минтақаҳои он тамоюли устувори афзоишро дошта, суръати миёнасоли афзоиш мувофиқан 2,4 ва 2,6%-ро ташкил мекунад [115].

Ба вилояти Суғд дараҷаи баланди афзоиши табии аҳолӣ хос буда, он ба гуруҳи минтақаҳои таъмини дараҷаи балани захираҳои меҳнатӣ дохил мешавад.

Тағйиротҳои азими микдорию сифатии аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ чӣ дар ҷумҳурӣ ва чӣ дар минтақа бештар дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ба амал омаданд. Тасдиқи гуфтаҳои боло мисоли зер аст. Агар аҳолии минтақа соли 1939 пас аз ташкил шудани вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) 261728 нафар бошад, соли 1959 ба 665457 нафар ва соли 1979 ба 1194931 нафар расид, ки дар ин давра (аз соли 1939 то 1979) 4,5 баробар афзуд. Шумораи аҳолӣ дар 30 соли охир аз 1554145 (соли 1989) ба 2707 000 (соли 2020) нафар расид, яъне дар ин муддат 1 152 855 нафар зиёд шудааст. Дар маҷмуъ дараҷаи афзоиши аҳолии вилоят чӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаи Осиёи Миёна яке аз

нишондиҳандаҳои баландро дарбар мегирад, коэффитсенти афзоиши аҳолӣ бошад 27,6⁰/₀ промелро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа то имрӯз идома дорад ва боқӣ мемонад. Мувофиқи пешгӯиҳои демографӣ СММ (Созмони милали муттаҳид) шумораи аҳолии Тоҷикистон то соли 2050 тақрибан ба 16 млн. нафар мерасад [183], ки дар оянда дар шумораи захираҳои меҳнатӣ низ тағйироти ҷиддӣ ба амал меояд. Дар натиҷа, ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар таркиби аҳолӣ меафзояд, яъне дар шароити Тоҷикистони шимолӣ (вилояти Суғд) аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба ҷойгиршавии истеҳсолот, пеш аз ҳама бо мавҷудияти худ боқӣ мемонанд.

Ба ҷойгиршавӣ ва рушди истеҳсолот на танҳо аз мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ, балки аз норасоӣ ва ё кам будани шумораи аҳолӣ дар ин ё он ноҳия таъсир мерасонанд. Аксар маврид захираҳои табиӣ дар ноҳияҳое ҷойгиранд, ки шароити номусоиди табиӣ дошта, камаҳолианд. Дар чунин ҳолат барои самаранок рушд ёфтани соҳаҳои муассиртарини хоҷагии халқ навобаста аз ҷойгиршавии сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ҷалб карда мешавад. Таъсири норасоии аҳолӣ дар ин ҷойҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар ин ноҳия истеҳсолоти махсусгардида бо доираи хеле маҳдуди соҳаҳое рушд хоҳад кард, ки бевосита ба ниёзҳои аҳолии маҳал хизмат мерасонанд. Дар чунин ноҳияҳо маҷмааи (комплекси) хоҷагии халқ ба маънои васеъаш вуҷуд надорад ва он ҷо соҳаҳои махсусгардидаи маҳдуд, ба вижа он соҳаҳое, ки барои хоҷагии маҳал хеле заруранду аз сабаби набудани ашёи хом ва шароити мушкили нақлиётӣ наметавонанд ба гурӯҳи ноҳияҳои рушдёфтаи дорои захираҳои меҳнатии тавозуни мусбидошта дохил шаванд, ташкил карда мешаванд. Ҳамзамон кофӣ набудани шумораи аҳолӣ ба он оварда мерасонад, ки дар чунин ноҳияҳо бо дарназардошти мавҷудияти заминаи мувофиқ, соҳаҳои энергияталаб, сӯзишвориталаб ва металлу ашёихомталаб рушд мёбанд, яъне соҳаҳое, ки дар муқоиса бо дигар соҳаҳои саноат, масрафи зиёди сӯзишворӣ, энергия, металл ва дигар маҳсулотро (истеҳсоли алюминий, заводҳои

коркарди нафт, соҳаҳои саноати химия ва ғ.) нисбат ба захираҳои меҳнатӣ камтар талабот доранд.

Норасоии захираҳои меҳнатӣ на танҳо ба ташаккул ёфтани соҳаҳои нави истеҳсолӣ таъсир мерасонанд, балки дар рушди соҳаҳои амалкунанда бетаъсир намемонад. Ин водор менамояд, ки истеҳсолот бо суръати тез механиконию автоматикунонӣ карда шавад.

Мошина ва дастгоҳҳое, ки дар истеҳсолот ворид гардида, меҳнати даҳҳо нафар коргарро иваз мекунанд дар ноҳияҳое, ки норасоии қувваи корӣ мавҷуд аст, нисбат ба ноҳияҳои дорои қувваи барзиёди корӣ фоидаи бештар меоранд. Зеро ин раванд боиси сарфа гардидани маблағи зиёде, ки барои ворид намудани қувваи корӣ, музди меҳнат, фароҳам овардани шароит дар соҳаҳои инфрасохтор ва ғайра сарф мешавад, мегардад.

Яке аз омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиркунии истеҳсолот ва вобастагии мустақим аз мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, ин меҳнатталаб будани соҳаҳои истеҳсолот мебошад.

Дар байни иншоот ва истеҳсолоти соҳаҳои гуногуни саноатӣ, гуруҳи корхона ва соҳаҳое мавҷуданд, ки аз ҷиҳатии самаранокии иқтисодӣ ба ноҳияҳои консентратсияи захираҳои меҳнатӣ майл доранд. Ба ин гуруҳ пеш аз ҳама корхона ва соҳаҳое, дохил мешаванд, ки тибқи технология, ба ҳисоби як корманд дар як сол нисбатан ашёи хом, сӯзишворӣ ва нерӯи барқ кам сарф мешавад ва аз ҷиҳати ҳаҷм маҳсулоти нисбатан кам истеҳсол карда мешавад (то 5 - 6 т) [56].

Дар натиҷа хароҷот барои кашонидани ашёи хом ба маҳалли истеҳсолот ва маҳсулоти тайёр ба минтақаи истеъмолӣ нисбат ба хароҷоти барои кӯчонидан ва беҳтар  намудани шароити зисту зиндагонии қувваи корӣ дар ноҳияҳое, ки бо ашёи хом таъминанду қувваи корӣ намерасад, камтар мешавад.

Аксарияти корхона ва соҳаҳои меҳнатталаб ба саноати мошинасозӣ (асбобсозӣ, электротехника, радиотехника ва саноати электронӣ) ва  саноати сабук (кешбофӣ (трикотаж), пойафзол, дузандагӣ,

галантерея ва ғ.) мансубанд, ки дар ин соҳаҳо истеъмоли сӯзишворӣ, неруи барқ барои як корманд дар як сол он қадар зиёд нест.

Самаранокии ҷойгиршавии соҳаҳои меҳнатталабро дар минтақаҳое, ки захираҳои меҳнатии зиёд доранд, нисбат ба ҷойгиркунии онҳо дар ноҳияҳое, ки норасоии захираҳои меҳнатӣ мавҷуд асту вале бо ашёи хом таъминанд фарқ мекунанд.

Иқтисодшиноси Итолиёӣ Ахилла Лориа мавҷудияти қувваи кориро омили муҳими ҷойгиршавии саноат донист. Ӯ чунин мешуморид, ки соҳаҳои меҳнатталаби саноат бояд танҳо дар минтақаҳои кишоварзие, ки зичии аҳолиашон хеле зиёд аст ва аҳолии ин минтақаҳо камбизоатанду ба даромади иловагӣ ниёз доранд бояд ҷойгир намуд.

Аммо, дар тӯли 50 соли охир дар тамоми кишварҳои ҷаҳон коҳишёбии шуғли аҳолӣ дар саноат ва ҳиссаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) мушоҳида карда мешавад. Ба ҳисоби миёна дар ҷаҳон тӯли солҳои 1960-2017 ҳиссаи саноат дар ММД аз 40 % ба 28% ва ҳиссаи аҳоли машғул дар саноат то 21% коҳиш ёфт.

Вале, муҳимтарин омил дар ҷойгиркунии соҳаҳои илмталаб технологияҳои мураккаб дар ҷаҳон ва кишварҳои муосири саноатӣ мавҷудияти қувваи корӣ, хусусан мутахассисони соҳибмаълумот мебошад.

Тамоюлҳои нави рушд ва ҷойгиркунии иншоотҳои саноатӣ ин консентратсияи корхонаҳо дар минтақаҳои озодӣ иқтисодӣ, ноҳияҳои наздисарҳадӣ ва ноҳияҳои иқтисодии байналмилалии дорои саноати гуногунсоҳа мебошад, ки дар онҳо имтиёзҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар баробари ин ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунии сарватҳо, автоматикунонӣ ва механизатсия дар баландбардории маҳсулнокии меҳнат мавқеи омилҳои мавҷудияти захираҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатиро дар ҷойгиркунии истеҳсолот коҳиш дода, муҳити сармоягузорӣ ва сармоя ба омилҳои асосӣ табдил ёфтанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои вилояти Суғд ҳамчун ҳудуди дорои захираҳои меҳнатии барзиёд, ҷойгиркунии шаклҳои

истеҳсолоти меҳнатталаб дар ноҳияҳое, ки захираҳои зиёди меҳнатӣ доранд, ҳатто дар ҳолати аз маркази ҷойгиршавии ашёи хом ва маҳалли истеъмолӣ дур ҷойгир буда, нисбат ба он ки чунин корхонаҳо дар ноҳияҳое, ки аз норасоии захираҳои меҳнатӣ танқисӣ доранду бо ашёи хом таъминанд ва ба кӯчонидани қувваи корӣ, сохтмони манзил ва фароҳам овардани шароитҳои иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд самараи иқтисодии назаррас дода метавонад.

Захираҳои меҳнатие, ки аз дигар соҳаҳо озод шудаанду қобилияти баланиди истеҳсолӣ ва тахассуси доранд, дар рушд ва ҷойгиркунии соҳаҳои саноат таъсири зиёд доранд. Ба чунин соҳаҳо кишоварзӣ ва саноати куҳӣ (истихроҷ) мисол шуда метавонанд. Дар натиҷаи механизатсиякунонии комплексӣ ва автоматизатсияи корҳои заҳматталаб дар деҳот барзиёдии қувваи корӣ рӯи кор меояд, яъне дар натиҷа аксари коргарон бекор мемонанд. Ҳамчунин ба ҷойгиршавии баъзе соҳаҳои истеҳсолот сохтори аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ бетаъсир намемонанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияҳое, ки баъзе соҳаҳои истеҳсоли вобаста ба шароитҳои табиӣ ва таърихӣ консентратсия шудаанду бештар мардон дар ин соҳаҳо кору фаъолият доранд, зарур аст, ки соҳаҳои истеҳсолотеро ташкил намуд, ки барои кори занҳо мусоидат кунанд, яъне қувваи кори занона истифода гардад. Масалан дар як қатор соҳаҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи истихроҷи маъдан имконияти истифодаи меҳнати занон маҳдуд аст. Дар аксар марказҳои саноати металлургияи сиёҳ ва ранга, мошинасозии вазнин рушд ёфта, соҳаҳое, ки дар онҳо меҳнати занон истифода карда шавад суст тараққӣ кардаанд. Ба таври ғайрикомплексӣ ташкил кардани соҳаҳои саноат омили асосии истифода нагардидани меҳнати занҳо ва аз истеҳсолот берун мондани онҳо мегардад. Инчунин, мушкили дигар шуғл дар шаҳрҳое, ки истеҳсолоти маҳсулоти нассоҷӣ ва сабук бартарӣ доранд дида мешавад, яъне дар ин ҳолат проблемаи истифодаи меҳнати мардон рӯи кор меояд.

Масъалаи ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда бояд бо истифодаи захираҳои меҳнатӣ, ҷойгиршавии аҳолӣ мустақиман ва зич алоқаманд бошад. Мақсад аз он иборат аст, ки тамоми фондҳои иқтисодию истеҳсолии хоҷагии халқи мамлакат ба таври комплексӣ истифода гардад.

Муҳимтарин нишондиҳандаи иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ пурра бо кор таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулнокии меҳнат, фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнатии кормандон ва зиёд кардани музди маош, ноил гардидан бар рушди муътадили иқтисодиёт ва сифати зисту зиндагии кормандон мебошад. Дар иҷрои ин мақсадҳо нақши асосиро захираҳои меҳнатӣ мебозанд.

Ба қадри кофӣ таъмин намудани корхонаҳои истеҳсолӣ бо захираҳои меҳнатӣ, оқилона истифода бурдани онҳо, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат барои зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот аҳамияти калон дорад. Аз ҷумла аз таъмин намудани корхонаҳо бо захираҳои меҳнатӣ ва самаранок истифодабарии онҳо ҳаҷм ва иҷрои саривақтии тамоми корҳо, самаранок истифода бурдани таҷҳизот, мошина ва механизмҳо, чун натиҷаи ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, арзиши аслии он, фоида ва як қатор нишондиҳандаҳои иқтисодӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки дар айни замон омӯзиши проблемаи таъсиррасонии захираҳои меҳнатӣ ба ҷойгиршавии истеҳсолот, пеш аз ҳама соҳаҳои саноат, сарфи назар аз аҳамият дар шароити нави хоҷагидорӣ барои Тоҷикистон дар сатҳи локали (ноҳиявӣ) дар зинаи ибтидоӣ қарор дорад.

Тарзи дуруст масъалагузории ин масъала ба ташкили самарабахши тамоми соҳаҳои истеҳсолот на вобаста аз шакли моликият, сохтори ташкилии он ва барқарор намудани муносибати оқилона байни захираҳои меҳнатӣ ва рушди истеҳсолот мусоидат мекунад. Дар ин

робита, ба масъалаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ бояд чӣ аз ҷониби соҳаҳои хоҷагӣ ва чӣ кормандони илмӣ диққати ҷиддӣ дода шавад.

Маълум аст, ки танҳо дар сурати мавҷуд будани миқдори кофии захираҳои меҳнатӣ, хусусан кадрҳои баландихтисос ва баландбардории сатҳи шғли аҳолӣ дар истеҳсолот, имконпазир аст, ки захираҳои табиии ноҳия пурра азхуд карда шуда, иқтисодиёти минбаъдаи он таъмин карда шавад.

# БОБИ II. ГЕОГРАФИЯИ ҶОЙГИРШАВИИ ИНШООТҲОИ САНОАТӢ ВА ҲОЛАТИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Ҳолати истифодабарӣ ва шуғли захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои саноатӣ

Захираҳои меҳнатӣ субъекти асосии кули соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус саноат мебошанд, аз ин рӯ, рушди демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйирёбии таркибу сохтори саноат ва шуғли аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад.

Шуғл яке аз хусусиятҳои хосӣ фаъолияти одамон байни неку-аҳволии аҳолӣ баҳисоб меравад. Сатҳӣ шуғл нишондиҳадаҳои муҳими макроиқтисодӣ мебошад. Аммо дар баробари ин шуғлро пурра ҳодисаи иқтисодӣ номидан мумкин нест. Дар баробари омилҳои иқтисодӣ он ба равандҳои демографӣ асос гирифта, ки қисми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Ан ин нуқтаи назар шуғл хусусияти иҷтимоӣ ва демографӣ низ дорад.

Ҳамчун котегорияи иқтисодӣ шуғл маҷмуи муносибатҳоро оид ба иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатӣ ифода менамояд, ки бо мақсади қонеъ намудани дархостҳои талаботҳои ҷамъиятии худ дар бозори меҳнат ҳамчун объекти хариду фурӯш баромад мекунад ва аз ин нигоҳ яке аз хусусияти муҳими бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғл нисбат васеътар шарҳ дода шудааст, он фаъолияти ҷамъиятии манфиатовари шаҳрвандонро ифода менамояд, ки ба қонеъ гардонидани талаботҳои шахсӣ ва ҷамъиятии онҳо алоқаманд буда, маъмулан дар шакли музди меҳнат ё даромад ба онҳо манфиат меорад [144].

Гузариши ба иқтисоди бозорӣ истилоҳоти гуногунро дар шуғл тақозо намуда, бо дар назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузориҳои махсус дар соҳаи шуғл ҷорӣ карда шуданд,

ки пеш аз ҳамма ба онҳо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ мебошанд, ки ин қонунгузориҳо принсипҳои асосии шуғлро дар кишвар муқаррар ва танзим менамоянд. Дар натиҷаи қабули чунин қонунҳо муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти бозорро касб намуданд. Принсипи аввал дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки он худ ихтиёрии меҳнатро ифода менамояд. Аҳолӣ мувофиқи ин принсип қобилияти меҳнатии худро озодона дар фаъолияти истеҳсолӣ ё эҷодӣ истифода намуда метавонад. Ҳар як принсип метавонад дар худ ин ё он шакли фаъолияти ҳаётан муҳимро ифода намояд, ки барои имконияти хубтар дарёфт намудани мавқеаш дар ҳаётро фароҳам меоварад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ маҷбур намудани қувваи коргарӣ ба меҳнат ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ овардааст, иҷозат дода намешавад. Илова бар он бекорӣ ё аз истеҳсолот берун мондан ҷалби онҳо низ ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷоиз нест.

Сарфи назар аз нақши фавқулода доштани пешрафти технология, муҷҷаҳаз гардонии истеҳсолот бо мошинаю дастгоҳҳо, инсоният нерӯи асосии истеҳсолкунандаи ҷомеа буд, ҳаст ва боқӣ мемонад. Ягон соҳаи хоҷагии халқ бидуни мавҷудияти инсон ва шумораи кофии коргарони соҳибтахассус вуҷуд дошта наметавонад.

«Вақте, ки шумораи коргарон меафзояд, навиштааст К. Маркс, ... то андозае таносуби қувваҳои истеҳсолии ҷамъият тағйир меёбад...» [92].

Қувваҳои истеҳсолии ҷамъият ва сатҳи рушди кишвар бештар ба сохтори хоҷагии халқ ва таносуб дар тақсимоти коргарон дар бахшҳои алоҳида вобаста аст.

Бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намудани иншоотҳои саноатӣ, истифодаи оқилонаи онҳо, дараҷаи баланди маҳсулнокии меҳнат дар афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва баландбардори самаранокии меҳнат аҳамияти бузург дорад. Аз ҷумла, бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намудани иншоотҳои саноатӣ ба истифодаи самараноки онҳо, ҳаҷм ва

сариваќт ичро намудани тамоми корҳо, истифодаи самараноки таҷҳизот, мошина, механизмҳо ва ҳамчун натиҷаи истеҳсоли маҳсулот, арзиш, фоида ва як қатор нишондиҳандаҳои дигари иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Нигоҳ накарда ба ақида ва ривоятҳо оид ба ҷаҳони пасоиндустралӣ, нақши саноат на танҳо дар рушди мамлакат ва минтақаҳо, инчунин дар ташаккул ва нигоҳ доштани рақобатпазирии ҳудудӣ, ташкили оқилонаи истеҳсолот ва бо ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ дар миқёси давлату кишварҳои ҷаҳон назаррас буда, боқӣ мемонад. Нақши саноатро имрӯз ташаккули афзоиши рақобат муайян мекунад, ки дар он кишварҳои фановари (инноватсионии) фаъоле афзалият ба даст меоранд, ки иқтидори илмӣ-техникии онҳо маҳз дар соҳаи саноат самараноктар татбиқ карда мешавад. Дар кишварҳои пешрафта 70% афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ба бахши инноватсионӣ рост меояд. Дар Олмон (Германия) қариб 100 % афзоиши ММД аз ҳисоби истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба даст меояд [20], Тайван бошад тавассути тиҷорати хурди инноватсионӣ 78% шуғл ва 45% ММД-ро таъмин мекунад.

Сохтори шуғли аҳолӣ ба сатҳи рушд, ММД, таркиби соҳаҳои хоҷагии халқ (сохтори иқтисодии он), сатҳи рушди соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ, сохти маскуншавии аҳолӣ, анъанаҳои миллӣ ва шароити сиёсии мамлакат алоқаманд аст.

Дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф (тараққӣ), ки даромадашон кам аст, то 61% аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, 22% дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ фаъолият доранд ва 15%-и онҳо дар шаҳрҳо кор мекунанд. Дар мамлакатҳои саноатӣ-аграрии дорои сатҳи миёнаи даромад бошад, 29% аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои кишоварзӣ, 18% дар соҳаҳои ғайрикишоварзӣ ва 46% дар шаҳрҳо дар саноат ва соҳаи хизмаирасонӣ кор мекунанд.

Дар мамлакатҳои пешрафта, ки даромаднокии баланд доранд, танҳо 4% аҳолии қобили меҳнат дар кишоварзӣ, 27% дар саноат ва 60% дар соҳаҳои хизматрасонӣ шуғл доранд. Шумораи шахсоне, ки дар

кишоварзӣ шуғл доранд, мунтазам коҳиш меёбанд. Масалан, дар Британияи Кабир танҳо 1%, ИМА 2%, Ҷопон ва Фаронса тақрибан 3%-и аҳолӣ дар кишоварзӣ кору фаъолият доранд. Ҳиссаи соҳаҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла тиҷорат, нақлиёт, алоқа, молия ва идоракунии давлатӣ, маориф, фарҳанг, илм, хизматрасонии маишӣ ва фароғат тамоюли афзоиш доранд ва имрӯз дар мамлакатҳои пешрафта беш аз 70%-ро ташкил медиҳанд.

Дар марҳилаҳои гуногуни рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон, хусусан дар давраи иқтисодиёти нақшавӣ таносуб ва мувозинати тақсимоти захираҳои меҳнатӣ вобаста ба вазифаҳои иқтисодии дар назди ҷумҳурӣ қарордошта муқаррар карда шуда буданд. Дар давраи солҳои 1950-1990 ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар маҷмуъ тақрибан 12 баробар, аз ҷумла дар саноати электроэнергетика 42,5 баробар, саноати масолеҳи бинокорӣ – 56,6 баробар афзуд. Саноати сабук (7,7 маротиба) ва хурокворӣ (11,0 маротиба) суст рушд карданд.

Дар солҳои мавҷудияти ҳокимияти Шӯравӣ дар заминаи ассотсиатсияҳои косибон аввалин артелҳои косибӣ-ҳунармандӣ ба вуҷуд омаданд, ки супоришҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро оид ба истеҳсоли таҷҳизоти кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва ниёзи мардум иҷро менамуданд. Дар округи Хуҷанд 8953 корхонаҳои косибӣ фаъолият менамуданд, ки дар онҳо 15332 нафар коргарон бо кор таъмин шуданд [39].

Аввалин корхонаҳои давлатии типпи фабрикаю завод дар Тоҷикистон миёнаи солҳои 20-уми асри XX сохта шуданд. Аз ҷумла дар Истаравшан (Уротеппа) ва Панҷакент соли 1925 2 заводи хурди истеҳсоли машрубот (вино) бунёд гардиданд, ки зинаи ибтидоии коркарди ангур дар онҳо роҳандозӣ гардид. Заводи машруботи шаҳриХуҷанд (пештара Ленинобод) соли 1932 ба истифода дода шуд. Моҳи марти соли 1932 комбинати абрешими шаҳри Хуҷанд ба кор даромад, ки  дар он зиёда аз 1250 нафар коргарон, бахусус занони маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд. Дар соли 1933 корхонаи консерви Хуҷанд бо иқтидори 40 миллион

қуттиҳои (банкаҳои) шартӣ дар як сол ба истифода дода шуд. Заводҳои пуриқтидори истеҳсоли машрубот дар шаҳрҳои Истаравшан (Уротеппа), Хуҷанд (Ленинобод), Панҷакент ва корхонаҳои коркарди гӯшт ва шир дар шаҳри Хуҷанд, заводҳои консерваи меваю сабзавот дар шаҳрҳои Конибодом, Хуҷанд, Исфара, Хистеварз (Қистақуз) ҳануз солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба фаъолият шуруъ намуда буданд.

Суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд то солҳои 1960 дар ҷумҳурӣ аз ҳама баландтарин буд. Агар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Тоҷикистон соли 1960-ум нисбат ба соли 1940 ба ҳисоби миёна 4,3 маротиба афзуда бошад, дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда дар ҳамин давра 4,5 баробар афзудааст [104].

Баъдан ин нишондиҳанда дар вилоят нисбат ба ҷумҳурӣ то андозае паст шуд. Масалан, соли 1970 дар муқоиса ба соли 1960 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ 2,3 баробар ва дар вилояти Суғд 2,1 баробар ва дар соли 1988 нисбат ба соли 1980 мутаносиба 138 ва 128% афзоиш ёфтааст [106].

Сабаб ин буд, ки тӯли ин солҳо дар ноҳияҳои ҷануби ҷумҳурӣ, дар заминаи истифодаи захираҳои бойи гидроэнергетикӣ саноат бо суръати баланд рушд ёфта, ки боиси ташкил гардидан Комплекси минтақавӣ-истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ гардид. Солҳои 90-уми асри XX, дар замони гузариш ба иқтисоди бозорӣ низ иқтидори истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд нисбат ба дигар мнтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи пешсафиро ишғол мекард, ки он 35% кулли маҳсулоти саноатӣ ва 40,4% шумораи коргарони соҳаи саноати ҷумҳуриро ташкил медод (дар ҷумҳурӣ 30,5% аҳолӣ дар соҳаҳои саноат шуғл доштанд).

Мавҷудияти шароитҳои зарурии рушди саноат ва афзоиши маҳсулнокии меҳнат, дар ҷумҳурӣ ба афзоиши босуръати шумораи кормандони ин соҳаи хоҷагии халқ чӣ дар замони мавҷудияти ҳокимияти Шӯравӣ ва чӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ мусоидат намуд. Бахусус, ин дар вилояти Суғд нисбат ба дигар вилоят ва минтақаҳои ҷумҳурӣ бо суръат ба амал омад.

Агар солҳои 1950-1990 шумораи кормандон дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ 2,2 маротиба афзуда бошад, ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 3,2 баробар аст. Аммо дар солҳои соҳибистиқлолӣ ин нишондиҳанда пас аз барҳам хурдани робитаҳои иқтисодию истеҳсоли байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ яку якбора поин фаромад.

Коҳиш ёфтани истеҳсолоти саноатӣ ҳанӯз дар охири солҳои мавҷудияти ҳокимияти Шуравӣ (соли 1991) ба чашм мерасид, ки ҳиссаи истеҳсолот нисбат ба соли 1990 3,6% пастшуда буд. Бухрони воқеии пастшавии истеҳсоли саноатӣ ба солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рост меояд. Дар ин давра пастравии истеҳсол нисбат ба соли 1990 ба 32,3% расид, ки ин аз ҳама авҷи баландтарини пасравии истеҳсоли саноатии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [106].

Аз ҷиҳати шумораи мутахассисони соҳавӣ, саноат дар солҳои 1990-1997 талафоти беандоза дод, ки шумораи коргарон дар тамоми соҳаҳои саноат 113, 2 ҳазор нафар ё 2,1 баробар кам шуд. Аз ин раванд соҳаҳои мошинасозӣ ва коркарди металл (30,7 ҳазор ё 3,1 баробар), химия ва нафту химия (6,5 ҳазор нафар ё 2,5 баробар), саноати масолеҳи сохтумонӣ (9,6 ҳазор ё 3,1 баробар), саноати бофандагӣ (54 ҳазор нафар ё 2,7 баробар), хӯрокворӣ (13,2 ҳазор нафар ё 2,0 баробар) зарари ҷиддӣ диданд [116].

Истеҳсолоти саноатӣ баъд аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ рӯ беҳбудӣ ниҳод ва индекси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 1997 250,2 % афзуд [118]. Шуруъ аз соли 2010 шумораи кормандони соҳаҳои саноат рӯ ба афзоиш ниҳоданд, ки дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 88,6 ҳазор нафар ё 25% расид.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки солҳои 1950-1990 шумораи коргарон дар соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд дар муқоиса ба сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ бо суръати баланд (1,8 маротиба) афзудааст. Солҳои 2010 то 2019 бошад ин нишондиҳанд аз 4,2 ҳазор нафар (2010) то 37, 5 ҳазор нафар (2019) афзудааст.

Дар таносуби шумораи аҳолӣ ва кормандони соҳаи саноат соли 2020 нишондиҳандаи баландтарин вилояти Суғд (мутаносибан 29,1% ва 33,0%) ва шаҳри Душанбе (9,3 ва 16,4%) ташкил медиҳанд, ки ин аз ҷойгиршавии иншоотҳои саноатии меҳнатталаб дар қаламрави онҳо шаҳодат медиҳад. Аммо, нигоҳ накарда ба дастовардҳо дар соҳаи саноат соли 2020 ҳиссаи кормандони соҳаи саноат нисбат ба соли 1990   21,0% кам шудааст.

Минтақаҳои мамлакат аз рӯи фарогирии шуғли аҳолӣ ба 1000 нафар дар соҳаҳои саноат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷиҳати ин нишондиҳанда шаҳри Душанбе (16,8 нафар, 1,7 маротиба аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ зиёдтар) пешсаф аст. Ҳиссаи аз ҳама камтар аз дар ин самт ба вилояти Хатлон рост меояд (5,5 нафар ва 3,1 маротиба камтар).

Вилояти Суғд аз ҷиҳати барзиёдии захираҳои меҳнатӣ, рушди соҳаҳои саноат, дараҷаи ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, инкишофи нақлиёт ва  мунтазам роҳандозӣ намудани робитаҳои истеҳсолию иқтисодӣ бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ имкониятҳои мусоид дорад.

Яке аз шароитҳои зарурии рушди саноати ҷумҳурӣ дар баробари афзоиши маҳсулнокии меҳнат, ин афзоиши босуръати шумораи кормандон дар соҳаҳои саноат аст.  Ин нишондиҳанда дар ҳудуди вилояти Суғд нисбат ба дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ бо суръати баланд ба амал омад.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва сохти нави хоҷагидорӣ (хусусӣ, инфиродӣ, саҳомӣ, кооперативӣ ва ғ.), давлат ба шуғли аҳолӣ диққати махсус медиҳад. Баландбардории сатҳи шуғли аҳолӣ, бахусус шуғли истеҳсолии аҳолӣ дар шароити номукаммали бозори меҳнат вазифаи аввалиндараҷа ва стратегии иҷтимоию иқтисодии давлат  мебошад.  «Зарурати афзоиши мунтазами шуғли устувору самараноки истеҳсолӣ ва маҳсулнокии меҳнат, таъмини ҳифзи муассири иҷтимоӣ, ҳадафи асосии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти меҳнат, дар давраи дарозмуҳлат  хоҳад буд» [34].

**Ҷадвали 3.**

**Шуғли кормандони соҳаҳои хоҷагии халқ дар вилояти Суғд солҳои 2010-2019 (ҳаз. нафар)**

| | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 34,2 | 35,4 | 37,7 | 38,0 | 37,0 | 34,6 | 34,1 | 34,6 | 34,6 | 37,5 |
| Сохтмон | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 4,3 | 4,5 | 4,1 | 4,4 | 4,5 | 4,4 |
| Нақлиёт ва алоқа | 6,7 | 6,2 | 5,8 | 5,1 | 5,1 | 5,0 | 4,9 | 4,0 | 3,8 | 5,0 |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 228,7 | 219,4 | 217,1 | 215,5 | 220,3 | 216,2 | 215,3 | 217,0 | 219,5 | 229,4 |




Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2010-2018.

Аз маълумотҳои ҷадвали 3 муайян гардид, ки дар тӯли солҳои 2010 то 2019 дар таркиби шумораи кормандони соҳаҳои хоҷагии халқ тафовутҳои гуногун дида мешавад. Агар дар ин давра шумораи коргарони соҳаи саноат аз 34, 2 ҳазор нафар ба 37,5 ҳазор ва кишоварзи 228,7  ва 229,4 ҳазор  афзоиш ёфта бошад, ин нишондиҳанда дар соҳаи сохтмон 5,4 ва 4,4 ҳазор, наклиёт ва алоқа 6,7 ва 5,0 ҳазорро ташкил медиҳанд, ки дар ин соҳаҳо пастшавии шумораи кормандон ба назар мерасад.

Маълум аст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барзиёдии захираҳои меҳнатӣ хос аст. Масалан, дар давраи аз соли 2012 (7987,4 ҳаз) то соли 2018 (9126,8 ҳаз) шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ 8,7% ё тақрибан 1139,4 ҳаз. нафар зиёд шудааст, ки ҳамин нишондиҳанда дар вилояти Суғд аз соли 2012 (2349,0 ҳаз) то соли 2018 (2608,5 ҳаз) 9,0% ё 259,5 ҳаз. нафар зиёд шудааст [118].

Ҳамин тариқ, захираҳои меҳнатӣ яке аз омилҳои муҳимтарини соҳаҳои истеҳсолот-муассисаҳои хурду калон, тиҷоратию ғайритиҷоратӣ, саноат ва кишоварзӣ башумор меравад. Бе мавҷудияти инсон ягон соҳаи хоҷагии халқ фаъолият карда наметавонад. Аз ин рӯ бешак гуфтан мумкин аст, ки ташкили идоракунии захираҳои меҳнатӣ яке аз омилҳои муҳимтарини фаъолият, рақобатпазирӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот мебошад.

## 2.2. Ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ ва таъмини онҳо бо захираҳои меҳнатӣ

Тавре маълум аст, ба дараҷаи ҷалби захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ ва истифодаи онҳо, бештар ташкили ҳудудии истеҳсолот (географияи ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншоотҳо) дар ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, шаҳрҳо, маҳалаҳои аҳолинишине, ки дар заминаи корхонаҳои истеҳсолӣ ташкил шудаанд (қасабаҳо) бо дарназардошти ташкил намудани шароити зарурӣ барои бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат мусоидат менамоянд.

Захираҳои меҳнатӣ аз рӯи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии худ хусусияти географӣ, яъне минтақавӣ ва маҳаллӣ пайдо мекунанд. Суханони зикргардида ба захираҳои меҳнатии шимоли мамлакат вилояти Суғд, ба минтақаи дорои захираҳои меҳнатии барзиёд дахл дорад.

Вобаста ба омилҳои ҷойгиркунонии ягон намуди истеҳсолоти саноатӣ, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳаҳои саноатро шартан ба чунин гуруҳҳо ҷудо менамуданд, ки маҳз аксари корхонаҳои саноатӣ

вилояти Суғд дар ҳамон замон бунёд гардидаанд:

1) корхонаҳои саноатие, ки онҳо бояд дар минтақаҳои тамаркузи (консентатсияи) захираҳои меҳнатӣ ҷойгир бошанд (приборсозӣ, саноати электротехникӣ, як қатор соҳаҳои саноати сабук – бофандагӣ, кешбофӣ (трикотажӣ), пойафзол, дузандагӣ, саноати фармасевтӣ, истеҳсоли маҳсулоти пластикӣ ва ғайра);
2) соҳа ва истеҳсоли маҳсулоте, ки аз нигоҳи иқтисодӣ ба самтҳои истеъмолии маҳсулот майл доранд (соҳаҳои саноати нонпазӣ, истеҳсоли пиво, хишт, маснуоти оҳану бетон ва ғайра);
3) соҳаҳое, ки дар асоси манбаҳои ашёи хом ҷойгиранд (ғайр аз худи саноати истихроҷи маъдан ба ин гуруҳ соҳаҳои коркарди ашёи хоми саноати металлургияи сиёҳ ва ранга, селюлозаю коғаз, як қатор корхонаҳои саноати сохтмон, соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, ки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нақлиётталаб аст – ашёи хом, истеҳсоли қанд, консерваи меваю сабзавот, корхонаҳои коркарди пахта ва ғайра);
4) соҳаҳое, ки ба қувваи барқи арзон майл эҳтиёҷ доранд (истеҳсоли алюминий, ферросплавҳо, металлҳои рангае, ки бо роҳи электролиз истеҳсол карда мешаванд, каучуки хлоропенӣ, атсетилене бо усули электрокрекинг истеҳсол мешавад ва ғайра);
5) соҳаҳое, ки ба манбаҳои сӯзишворӣ майл доранд (неругоҳҳои барқи-алавӣ, як гуруҳ соҳаҳои саноати химия ва ғ.);
6) соҳаҳое, ки маҳалли ҷойгиршавии корхонаҳои он самти возеҳ надоранд (як гуруҳ корхонаҳои саноати мошинасозӣ ва ғ.)

Омилҳои ҷойгиркунонии соҳаҳои саноат таърихан вобаста ба прогресси илмию техникӣ, тағйирёбии технологияи истеҳсолот, шароити интиқол ва ғайра тағйир меёбанд.

Дар робита ба пешрафти прогрессии илмӣ-техникӣ, таносуб байни омилҳои ҷойгиркунии истеҳсолоти саноатӣ, аз қабили мавҷудияти ашёи хоми саноатӣ ва манбаҳои энергетикӣ аз як ҷониб ва аз ҷониби дигар мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ манфиатовар мебошад.

Хусусиятҳои ҷойгиршавии ҳудудии аҳолӣ, яъне шаклҳои маскуншавӣ ба тарзи муайяни истеҳсолот, ба муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ вобаста аст. Як қатор шаҳрҳои ҷумҳурӣ дар асоси истифода намудани сарватҳои табиӣ ва сохтани корхонаҳои саноатӣ бунёд гардидаанд, ба монанди Норак, Роғун, Гулистон, Шӯроб, Адрасмон, Зарнисор (пештара Олтин-Топкан), Консой, Чоруқдарон, Нафтобод, ки боиси тамаркуз аҳолӣ  гардиданд.

Саноат ҷузъи муҳими комплекси хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки накши пешбарандааш дар он айён мегардад, ки ин соҳа тамоми соҳаҳои хоҷагиро бо дастгоҳу асбобҳо таъмин намуда, ҳамчун омили фаъолтарини прогресси илмию техникӣ ва такрористеҳсолӣ вусъат дод.

Агар соҳаҳои саноати истихроҷ дар ҷойгиркунии ҳудудӣ дар ноҳияҳои камаҳолӣ ба мавҷудияти манбаҳои ашёи хом ва кашфи конҳои нави канданиҳои фоиданок  алоқаманду ба аҳолии қобили меҳнат эҳтиёҷ дошта бошанд, пас соҳаҳои саноати коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз мавҷудияти ашёи хом кам вобастагӣ доранд ва аз ин рӯ корхонаҳои ин соҳаҳои саноат асосан бояд бо дарназардошти маскуншавии аҳолӣ ва мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ҷойгир карда шаванд.

Ҳамин тариқ, принсипи асосии ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ ба дарназардошти омили захираҳои меҳнатӣ дар он аст, ки мо метавонем як қисми  захираҳои меҳнатиро ба минтақаҳои камаҳолӣ, ки дар оянда бунёди иншоотҳои саноатии истихроҷ (соҳаҳои меҳнатталаб) ба нақша гирифта шудааст кӯчонем.  Албатта мо дар он ақида нестем, ки дар як ноҳия танҳо бояд соҳаҳои саноати истихроҷ рушд кунанду дар ноҳияи дигар соҳаҳои коркард ва истеҳсолӣ. Зеро танҳо рушди комплексии соҳаҳои хоҷагӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо захираҳои ашёи хом ва энергия, балки захираҳои меҳнатӣ низ самаранок истифода бурда шаванд.

Истифодаи комплексии захираҳои меҳнатӣ маънои онро дорад, ки ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ бояд ҳадди максималии истифодаи аҳолии қобили меҳнатро (аъзоёни оила, на танҳо мардон, балки занон,

наврасони синни қобили меҳнатро бо дарназардошти мансубияти ҷинс ва синнусол) таъмин намояд.

Ин на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад. Аҳолии қобили меҳнат дар ҳама марҳилаҳои рушди хоҷагӣ ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ пурра ҷалб карда шаванд.

Корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз нуқтаи назари ҷалби захираҳои меҳнатӣ) нобаробар ҷойгир шудаанд. Аз ин рӯ дар байни минтақаҳои табиӣ-иқтисодӣ сатҳи фарогирии шуғли аҳолӣ дар соҳаҳои саноат фарқияти калон дошт ва то ҳол ин фарқият вуҷуд дорад.

Дар Тоҷикистон рушди саноат дар минтақаҳо ба монанди тамоми ҷумҳурӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ин пеш аз ҳама ба дар сатҳи зарурӣ истифода набурдани шароит ва сарватҳои табиӣ ва нерӯи инсонӣ (захираҳои меҳнатӣ) мебошад. Ҷойгиркунии дилхоҳ корхонаи саноатӣ наметавонад аз манбаҳои ашёи хом, захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ, захираҳои меҳнатӣ ва бозори истеъмолӣ канда бошад.

Вилояти Суғд аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо хусуиятҳои географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, рушди минтақавии қувваҳои истеҳсолӣ ва ғайра фарқ намуда, ҳамчун ноҳияи иқтисодӣ дар таркиби комплекси хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хос дорад. Заминаи асосии ташаккулёбии соҳаҳои хоҷагӣ ва механизми рушди онҳо дар шароити гузариш ба сохти нави хоҷагидорӣ аз замони пешинаи хоҷагии нақшавӣ боқӣ мондааст. Муҳимтар аз ҳама, истеҳсолот дар ноҳия пеш аз ҳама бояд ба имкониятҳои дохилии он асос ёбад. Дар асл як қатор соҳаҳои истеҳсолӣ фаъолияти худро дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ мондаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақа аз ашёи хоми маъданӣ бой аст, ва барои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ имкониятҳои васеъ дорад.

Саноат ба ташаккул ва рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, инкишоф ва мустаҳкам гардидани алоқаҳои байнисоҳавӣ ва дар маҷмуъ ба раванди босуботи истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсири назаррас дорад. Нақши

саноат дар бунёди ҷойҳои кории нав ва иловагӣ, таъмини шуғли аҳолӣ хеле бузург аст. Маҳз рушди саноат фарқияти байни деҳот ва шаҳр аз байн мераваду наздик шудани сатҳи зиндагии деҳот ба шароити шаҳрӣ сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар Англия асри XVIII давраи авҷи босуръати инқилоби якуми саноатӣ нуфузи аҳолии шаҳру деҳот баробар буд ва маҳз урбанизатсия омили рушди саноат шуда буд. Аз ин ҷост, ки такмили механизмҳои идоракунии равандҳои демографӣ, ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақаҳои мамлакат ва таъмини институтсионалии рушди индустралии онҳо масъалаи мубрами рӯз аст.

Вилояти Суғд қисми тараққикардаи санотии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар  зимни истифодаи захираҳои табиӣ ва иқтисодии мавҷуда комплекси ягонагии минтақавию истеҳсолӣ ташаккул ва инкишоф ёфтааст.

Минтақа 45% маъдани оҳан, 69,8% маҳсулоти кирмакпарварӣ, 82,2% консерваи меваю сабзавот, 42,1% маҳсулои машруботӣ ва 52% маҳсулоти тайёри истеҳсолшударо дар  ҷумҳурӣ медиҳад.

Маълум аст, ки қисми асосии аҳолии вилоят дар деҳот маскун шудаанд ва афзоиши табиии аҳолии деҳот нисбат ба шаҳр баланд аст. Аз ин рӯ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии давлат интиқоли як қисми аҳолии машғули кори кишоварзӣ ба дигар соҳаҳои хоҷагӣ, инчунин таъмини ҷойҳои корӣ  дар хориҷи кишвар ба шумор меравад.

Вобаста ба ин принсипҳо, ба таъсис додани корхонаҳои саноатии муосир ва бунёд намудани корхонаҳои хизматрасониҳои гуногун ба аҳолӣ дар минтақа ва худудҳои сераҳолӣ ва аз ашёи хоми кишоварзӣ бой таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ҳамзамон дар минтақа ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва қарзҳо дар бахши саноат корҳои назаррас ба анҷом расидаанд.

Бо ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҳудудҳои сераҳолӣ иваз намудани таҷхизоти куҳнаи корхонаҳои саноатӣ бо таҷҳизоти муосир, бунёд намудани корхонаҳои саноатии хурду миёнаи дорои таҷҳизот ва

технологияи нав, ки маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи онҳо дар бозор рақобат пазиранд диққати махсус дода мешавад. Зеро ки ингуна истеҳсолот ба талаботи тағйирёбандаи бозор зуд мутобиқ мешаванд. Сармоягузориҳое, ки барои бозсозӣ ва бунёди корхонаҳои муосири истеҳсолиӣ ҷалб шудаанд, метавонад дар муддати хеле кӯтоҳ пардохт гарданд. Самтҳои афзалиятноки таъсиси корхонаҳои саноатии муосир таваҷҷуҳ ба рафъи тафовути шадид дар сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо, пеш аз ҳама, рушди минтақаҳои дорои захираҳои бойи табиӣ-иқтисодӣ ва бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулот кишоварзӣ дар ин ҳудудҳо мебошад.

Аз ҷумла саноати вилояти Суғд дар ин самт нақш ва аҳамияти муҳим дорад. Пас аз ба дастовардани истиқлолияти давлатӣ дар ин соҳа дигаргуниҳои куллии сохти идоракунӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, институтсионалӣ ва сохторӣ ба амал омад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд карданд, ки «...бо назардошти аҳамияти соҳа дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва бунёди ҷойҳои корӣ, пешниҳод менамоям, ки индустрякунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад». Дар солҳои истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ дар рушди саноати миллӣ дигаргуниҳои куоллии сохторӣ ба амал омаданд, ки дар асоси таҳлили онҳо мушоҳида мешеавад.

Дар тӯли 30 соли истиқлолияти давлатӣ танҳо дар саноати сабук зиёда аз 50 корхона бо 9500 ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Аз ин шумора 17 корхона бо 2225 ҷойи корӣ дар вилояти Хатлон, 15 кохона бо 3305 ҷойи корӣ дар вилояти Суғд, 10 корхона бо 2760 ҷойи корӣ дар шаҳри Душанбе ва 4 корхона бо 1000 ҷойи корӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёд гардид.

Саноати хӯрокворӣ бошад дар ин давом тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот рушд ёфтааст. Агар соли

1991 дар ҷумҳурӣ 94 корхонаи саноати хӯрокворӣ мавҷуд бошад, пас соли 2020 шумораи онҳо ба 523 адад расид, ки нисбат ба соли 1991 429 корхона зиёд буда, беш аз 11,6 ҳазор коргаронро фаро гирифт.

Саноат яке аз соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқи минтақа мебошад. Амалигардии прогрессии техникӣ дар хоҷагии халқи минтақа ва қобилияти мудофиавии мамлакат бевосита ба рушди саноат вобастагӣ дорад. Саноати минтақа дар заминаи мавҷудияти сарватҳои табиӣ, захираҳои энергетикӣ, ашёи хоми кишоварзӣ, миқдори кофии захираҳои меҳнатии дорои тахссус бунёд гардидааст.

Саноат қариб нисфи маҳсулоти хоҷагии халқи ҷумҳуриро истеҳсол намуда, 13-14 фоиз даромади миллиро дарбар мегирад ва 22-23% захираҳои меҳнатӣ дар ин соҳа кору фаъолият доранд. (Ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4.**

**Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд, млн. сомонӣ (бо нархҳои соли 2022)**

| Соҳаҳои саноат | 2010 | 2013 | 2015 | 2017 | 2019 | 2022 | 2010 бо % нисбат ба соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ саноат | 1292 | 1816 | 2200 | 2775 | 3536 | 2488 | 192,5 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |
| Саноати вазнин | 928,3 | 1211 | 1411 | 1799 | 2255 | 1024 | 110,3 |
| Саноати энергетикӣ | 101,4 | 126,5 | 144,1 | 246,1 | 244,5 | 285,8 | 2,8 маротиба |
| Саноати коркарди метал | 773,3 | 1021 | 1182 | 1425 | 1803 | 485,2 | 62,7 |
| Саноати масолеҳи бинокорӣ | 10,4 | 14,8 | 25,7 | 43,8 | 61,8 | 81,2 | 10,4 маротиба |
| Саноати сабук | 1139,6 | 187,8 | 237,2 | 299,8 | 341,7 | 323,3 | 2,3 маротиба |
| Саноати хӯрокворӣ | 223,6 | 417,7 | 551,6 | 676,0 | 938,4 | 1140 | 5,1 маротиба |

**Манбаъ:** Статистический сборник Согдийской области. Главное Управление Агентства по статистике при Президенте РТ в Согдийской Области.

Соли 2022 дар вилояти Суғд афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мушоҳида карда шуд. Аз ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати вазнин 10,3%, қувваи барқ 181,8%, саноати сабук 131,5%. Дар соҳаҳои истеҳсолоти масолеҳи бинокорӣ ва саноати хӯрокворӣ бошад, ҳаҷми маҳсулот 5,1 – 10,0 баробар афзуд.

Дар байни соҳаҳои саноат, саноати сабук ва хӯрокворӣ мавқеи махсус дошта, зиёда аз 32,9% маҳсулоти умумии саноати ҷумҳуриро истеҳсол мекунанд. Дар соли 2022 соҳаҳои саноати вилоят нисбат ба соли 2010 –ум 92,5% зиёд маҳсулот истеҳсол намуданд. Яке аз омилҳои рушди соҳаҳои саноати минтақа ҷалби сармояи хориҷӣ, аз нав муҷаҳазгардонӣ ва ба кор андохтани корхонаҳои саноатии қафомонда мебошад.

Дар ҳудуди минтақаи таҳқиқшаванда 17 корхона дар асоси сармояи хориҷӣ ва ҳамкориҳо бо баъзе мамлакатҳои ҷаҳон таъсис ёфтаанд ва дар таркиби саноати ҷумҳурӣ мавқеи хоса пайдо намуданд. Бахусус корхонаҳои «Зарафшон», «Оби зулол» «Абрешим», «Ҷавонӣ», комбинати маъдантозакунии «Адрасмон» ва ғ. ба ин мисол шуда метавонанд.

Корхонаҳои пахтатозакунии вилоят соле зиёда аз 13 ҳазор тонна нахи пахта, ки 37%-и пахтаи истеҳсолшударо ташкил медиҳанд, коркард мекунанд.

Аз сабаби кам будани захираҳои маъдани оҳан дар минтақа ба монанди ҷумҳурӣ соҳаҳои саноати металлургияи сиёҳ рушд наёфтаанд, танҳо дӯконҳои (сехҳои) гудозиш, рехтагарӣ ва коркарди металл дар заминаи корхонаҳои мошинасозӣ бунёд гардидаанд.Чунин дӯконҳо дар заводҳои «Истеҳсоли мошинаҳои маишӣ (Торгмаш)», ҷамъияти саҳомии «Бодом» дар шаҳри Конибодом, комбинати маъдану кимёи «Металлҳои нодири шарқ (Востокредмет)»-и шаҳри Бустон ва ғ. мавҷуданд.

Корхонаҳои саноати металлургияи ранга дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ва кашонидашуда кор мекунанд ва якчанд корхонаро дарбар мегиран, ки ҳануз солҳои 30-юми асри XX ташкил шуда буданд. Аксари

онҳо дар заминаи дигар корхонаҳо бунёд гардидаанд. Масалан корхонаи «Олтинтопкан» консентрати сурб ва руҳ истеҳсол мекунад, ки баъдан барои коркард ба Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон фиристода мешаванд. Марказҳои асосии истихроҷи металлҳои ранга Адрасмон, Исфара, Олтинтопкан, Консой, Табошар, Ҷилав, Панҷакент ба роҳ монда шудаанд, ки онҳо зербунёди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошанд.

Вилояти Суғд аз канданиҳои фоиданок бой аст. Ҳоло дар ҳудуди он 214 конҳои гуногун, аз ҷумла 16 кони сурб ва руҳ, 3 кони мисс ва висмут, оҳан, молибден, 15 кони тилло, 11 чоҳи нафту газ ва ғайра мавҷуд аст. Кони нуқраи «Кони-Мансур» дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад, ки соле то 50 тонна нуқра истеҳсол карда мешавад. Минтақа дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати истихроҷи маъдани сурмаю симоб дар зинаи аввал меистад. Дар ҳудуди минтақа масолеҳи бинокорӣ, ашёи хом барои истеҳсоли хишт, шағалу қум, алибастер, масолеҳи гуногун барои истеҳсоли ранг ва ғайра истеҳсол карда мешавад.

Саноати сабук яке аз соҳаҳои муҳимтарини комплекси саноатии вилоят башумор меравад. Саноати сабуки минтақа 47,7% ҳаҷми умумии маҳсулоти ҷумҳуриро дода, 9,7% фонди истеҳсолӣ ва 38% аҳолии дар соҳаҳои саноат шуғлдоштаро ташкил мекунад. Ин соҳаи саноат гуногунсоҳа буда, зиёда аз 140 корхонаро дарбар мегирад. Соҳаҳои асосии он коркарди пахта, бофандагӣ, дузандагӣ, абрешим, қолин, чарму пойафзол мебошанд. Саноати сабук яке аз соҳаҳои муҳимтарини комплекси саноатии вилоят ба шумор меравад ва корхонаҳои он ба соҳаҳои кишоварзи зич алоқаманд буда, аз онҳо пахта, зағир, лаблабу, офтобпараст, пӯст, пашм, пила, асал ва дигар маҳсулотро мегирад.

Дар қаламрави вилоят зиёда аз 15 корхонаҳои пахтатозакунӣ мавҷуд аст, ки 5,7% кормандони саноати сабук дар ин соҳа кор мекунанд. Пешрафти ин соҳа аз ҳосили пахта ва ҳаҷми истеҳсоли он дар минтақа вобаста аст ва ҳаҷми коркарди пахта дар корхонаҳои вилоят сол то сол афзуда, 14,3 % коргарони соҳаи саноати сабук дар заводҳои

коркарди пахта кор мекунанд. Корхонаҳои калонтарини истеҳсоли матоъҳои пахтагин дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Конибодом ҷойгир шудаанд.

Ҳоло дар шаҳри Хуҷанд чанд корхонаи муштараки соҳаи саноати сабук мавҷуд аст, ки дар онҳо соҳибкорони Италия ва Кореяи Ҷанубӣ кор мекунанд ва дар асоси матоъҳои маҳаллӣ маҳсулот (либос, шим ва курткаҳо аз матоъи ҷинс) истеҳсол мекунанд. Дар минтақа ашё ва захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи зарурӣ басанда мебошанд, мушкили дар набудани сармоя аст, ки барои ҳалли ин мушкилот ҷалби сармояи хориҷӣ зарур аст.

# ХАРИТАИ СОҲАҲОИ САНОАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД




Харита дар асоси Харитаи соҳаҳои саноати Тоҷикистон бо иловаҳо аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Соли 1928 дар шаҳри Хуҷанд аввалин корхонаи кирмакпарварӣ сохта шуд. Соли 1932 он ба «Комбинати кирмакпарварии Хуҷанд» табдил дода шуд ва он аз 2 фабрика иборат буд. Ҳоло ин комбинат аз 5 фабрика иборат буда, 35,9 фоизи абрешими ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Соли 1970 дар ҳудуди вилоят корхонаи кешбофӣ (трикотаж) ба кор шуруъ намуд. Ҳоло дар ин ҷо 5 фабрикаи кешбофӣ фаъолият доранд, ки калонтарини он дар шаҳри Истаравшан ҷойгир шудааст. Ҳиссаи маҳсулоти тайёр 33%-и маҳсулоти истеҳсолкардаи саноати сабукро медиҳад ва маҳсулотҳои асосии он ҷӯроб, джемпер ва дигар маҳсулотҳои трикотажӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки саноати хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини комплекси агросаноатӣ ба шумор рафта, дар таъмини аҳолӣ бо масолеҳи ғизоӣ истеҳсоли орд, маҳсулоти нонию қанодӣ, равғани растанӣ ва чарбу (жир), консерви меваю сабзавоту гӯшт, шир, гӯшт, маҳсулоти тамоку, шароб, шарбат ва дигар маҳсулотҳо нақши муҳим мебозад.

Иншоотҳои саноат хӯрокворӣ дар шаҳрҳои калон ё дар минтақаҳои наздик ба ашёи хом ҷойгир шудаанд. Аввалин корхонаҳои саноати хӯрквории дар минтақа консерваи меваю сабзавоти шаҳри Конибодом, заводи машруботи (вино) шаҳри Панҷакент, комбинатҳои консервабарории шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Хистеварз (Қистақуз), Ғончӣ ва Исфара буданд. Дар муқоиса бо дигар минтақаҳо саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд хеле рушд кардааст ва аксари корхонаҳои саноати хӯрокворӣ махсус гардидаанд.

Солҳои охир дар натиҷаи ташкил шудани корхонаҳои хурду миёна сатҳу сифати зиндагӣ дар вилояти Суғд баланд гардида, сатҳи шуғли аҳолӣ ба таври назаррас боло рафт. Даромад аз фуруши маҳсулоти истеҳсолнамуда дар корхонаҳои хурд дар ҷумҳурӣ аз рӯи натиҷаҳои соли 2022 нисбат ба соли 2010 2 маротиба афзудааст, ки инро аз маълумотҳои ҷадвал дидан мумкин аст (Ҷадвали 5).

Даромад дар корхонаҳои хурди минтақа дар давраи солҳои 2010-2022 7,7% кам шуданд. Омили асосӣ рақобатпазир набудани аксар

мебошад. Соли 2022 музди меҳнати коргарони корхонаҳои хурд дар ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2003 58,1% афзуд, ки инро пеш аз ҳама ба таварруми пулӣ, дувум муҷаҳҳаз гардонии корхонаҳо бо таҷҳизоти нав ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар истеҳсолот мансуб медонанд. Ҳамзамон ин амал ба афзоиши муомилоти мол дар ин соҳа гардида, рӯ ба афзоиш аст. Агар соли 2010 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақа 22,7% ҳаҷми умумии ҷумҳуриро ташкил карда бошад, ин иншондиҳанда дар соли 2019 ба 47,2% ё ин ки ду баробар афзуд.

**Ҷадвали 5.**

**Фаъолияти корхонаҳои хурд дар ҷумҳурӣ ва минтақаи тадқиқшаванда (вилояти Суғд)**

| | 2010 | | 2014 | | 2018 | | 2022 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурӣ | Вилоят | Ҷумҳурӣ | Вилоят | Ҷумҳурӣ | Вилоят | Ҷумҳурӣ | Вилоят |
| **Шумораи корхонаҳои хурд** | 1323 | 399 | 1483 | 392 | 1669 | 421 | 1801 | 436 |
| **Шумораи миёнаи кормандон(нафар)** | 14488 | 4242 | 16538 | 5037 | 17190 | 4198 | 18132 | 4413 |
| **Даромад аз фурӯши маҳсулот млн. сом.** | 270,3 | 82,8 | 346,8 | 67,2 | 435,2 | 66,2 | 534,7 | 76,4 |
| **Фонди музди меҳнат млн. сом.** | 10,7 | 1,8 | 15,7 | 3,1 | 19,3 | 3,0 | 26,3 | 4,5 |

**Манбаъ:** Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд, 2023

Мувофиқи маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҷумҳурӣ дар соли 2022 дар вилояти Суғд 688 корхонаҳои гуногуни саноатӣ фаъолият мекунанд, ки 30,8% аз шумораи умумии заводу фабрикаҳои мамлакатро ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 606 ё 27,2% ва дар шаҳри Душанбе бошад 468 ё 21% мебошад.




**Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд (млн. сомонӣ бо нархҳои соли 2022)**

Манбаъ: Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд (2010-2020).

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар моҳҳои январ августи соли 2022 бошад дар шаҳри Душанбе 6128 сомонӣ (600 доллар), вилояти Суғд 3470 сомонӣ (335 доллар) ва вилояти Хатлон 496 сомонӣ (48 доллар)-ро ташкил менамояд.

Дар давраи гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ вилояти Суғд аз ҷиҳати иқтидори саноатӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол менамуд. Ба он 35,7% тамоми маҳсулоти саноатӣ ва 40,4% шумораи коркунони соҳаҳои саноати мамлакат рост меомад. Муҳимтарин соҳаҳои тахассусии саноати вилояти Суғд, саноати коркарди пашм, (98,2 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин соҳаро дар ҷумҳурӣ ташкил медод), абрешим (81,5%), консерваи меваю сабзавот (71,9%),  химия ва нафту химия (66,9%), сӯзишворӣ (58,5%), бофандагӣ (45,3%), дузандагӣ (40,1%), чарму пойафзол (37,%), гӯшту шир (34,4%) ба шумор мерафтанд.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар таркиби соҳавии саноати вилояти Суғд мавқеи асосиро саноати сабук ишғол менамуд, ки соли

1990 ҳиссаи он 52,1% тамоми маҳсулоти саноатӣ ва 44,6% шумораи кормандони соҳаи саноатро дар вилоят ташкил медод. Зинаи дуюмро саноати хурокворӣ ишғол намуда буд, ки ба саҳми он 15% истеҳсоли тамоми маҳсулоти саноатӣ ва 11,7% шумораи коргарон рост меомад. Инҳо соҳаҳои махсусгардидаи саноати вилояти Суғд буданд, ки дар асоси талаботи махсусгардонии соҳаҳои истеҳсолоти умумииттифоқӣ ташкил шуда буданд. Саноати мошинасозӣ ва коркарди металл низ аз ин ҷиҳат дар вилоят мавқеи пешсафро ишғол менамуд, яъне 17% шумораи коргарони саноати вилоят ба ин соҳа рост меомад. Дигар соҳаҳои саноат дар вилоят (хусусан саноати энергетикӣ-сӯзишворӣ, коркарди чӯб) ҳаҷми ками маҳсулот ва шумораи коргаронро дарбар мегиранд (Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6.**

**Сохтори соҳаҳои саноат дар вилояти Суғд солҳои 1990-2022**
**(% дар маҷмуъ) ***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Аз рӯи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ** | | | **Аз рӯи шумораи кормандон** | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1990** | **2010** | **2020** | **1990** | **2010** | **2022** |
| **Ҳамагӣ саноат** | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| **аз ҷумла:** | | | | | | |
| Электорэнергетика | 0,6 | 5,6 | 7,9 | 1,7 | 22,6 | 14,3 |
| Сӯзишворӣ | 0,5 | 2,0 | 2,5 | 3,0 | 4,6 | 4,4 |
| Металлургияи ранга | 5,2 | 32,6 | 23,3 | 4,0 | 24,7 | 22,0 |
| Химия | 8,2 | 2,2 | 0,4 | 6,9 | 3,2 | 3,0 |
| Мошинасозӣ ва коркарди металл | 8,3 | 0,5 | 23,4 | 17,0 | 2,5 | 1,9 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маснуот аз чӯб | 1,3 | 0,5 | 0,6 | 3,3 | 0,4 | 2,6 |
| Истеҳсоли масолеҳи | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| бинокорӣ | 3,1 | 3,2 | 11,4 | 4,2 | 6,2 | 12,4 |
| Саноати сабук | 52,1 | 24,4 | 7,8 | 44,6 | 24,0 | 20,1 |
| Саноати хӯрокворӣ | 15,0 | 29,5 | 22,6 | 11,7 | 11,6 | 18,8 |
| Соҳаҳои дигари саноат | 5,7 | 0,1 | 0,1 | 2,6 | 0,1 | 0,4 |

*Манбаъ: саноати ҶШС Тоҷикистон барои соли 1990 (маълумоти оморӣ аз ҳисоботи солона) Душанбе, 1991.- с. 15-18; Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2011 .-- С.52.Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2023.- С.262, 263.

Дар солҳои истиқлоли давлатӣ на танҳо суръати афзоиш, балки дар сохтори соҳавии саноати вилояти Суғд тағйироти амиқ ба амал омад. Бuҳрони ҳассостарин соҳаҳои саноати ҷангал, коркарди чӯб, мошинасозӣ ва коркарди металлро дар вилоят фаро гирифт, ки корхонаҳои ин соҳаҳо танҳо дар заминаи фонди гардиши воридот (чӯбу тахта, металлҳои сиёҳ ва ранга, қисмҳои эҳтиётии комплектӣ, агрегатҳо ва ғайра) кору фаъолият менамуданд.

Дар давраи гузариш, дар таркиби ҳайати кормандони соҳаи саноати вилоят дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, ки ин пеш аз ҳама ба тағйирёбии таркибии (структураи) худи соҳаҳои саноат ва таъсири соҳаҳои меҳнатталаб мусоидат намуд. Шумораи кормандони соҳаи саноати вилоят аз 88757 нафари соли 1990 то 28286 нафар ё 3,1 баробар дар соли 2022 кам шуд. Ин тағйирот бештар ба саноати сабук хос аст, ки дар ҳамин давра шумораи кормандони ин соҳа 31,6 ҳазор нафар ё 4,9 баробар кам шуданд. Баъдан шумораи кормандони соҳаи мошинасозӣ ва коркарди металл – 16 ҳазор нафар ё 32 баробар, саноати хурокворӣ – 6,9 ҳазор нафар ё 2,4 баробар, химия ва нафту химия 5,0 ҳазор нафар ё 5,3 баробар. Ин боиси хеле камгардидани шумораи коргарони дар тамоми соҳаҳои саноати вилоят шуғлдошта гардид. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ шумораи кормандони соҳаи саноат танҳо дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон 4,1 ҳазор нафар ё 2,1 баробар афзуд [132].

Дар вилояти Суғд кишоварзӣ низ рушдёфта, дар минтақа парвариш пахта, ғалладонагиҳо (асосан гандум), картошка, растаниҳои полезӣ, растаниҳои хӯроки чорво, растаниҳои равғандиҳанда (офтобпараст, зағир), боғу токдорӣ бештар ба роҳ монда шудаанд. Аз соҳаи чорводорӣ бошад, парвариши гов, гӯсфанд, буз, парранда, асп ва кирмакпарварӣ бартарӣ доранд. Ғайр аз ин дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқи минтақа соҳаҳои занбуриасалпарварӣ ва моҳипарварӣ низ рушд ёфтаанд.

Ба вилояти Суғд 31,0% кишти тамоми зироатҳои кишоварзии ҷумҳурӣ, 35,3% мева, 35,9% пила ва 43,7% растаниҳои хӯроки чорво рост меояд.

Соли 2020 дар вилояти Суғд 231,5 ҳазор тонна ғалла ва 124,8 ҳазор тонна пахта истеҳсол карда шуд, ки ин мутаносибан 23,1 ва 22,7% маҳсулоти дар ҷумҳурӣ истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

Аз нигоҳи илми география ташкили ҳудудии истеҳсолот яке аз принсипҳои асосӣ дар географияи иқтисодӣ мебошад. Ин дар қаламрави мамлакат дар ташкил намудан ва ба таври оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии он мусоидат менамояд.

## 2.3. Таъсири ҷойгиркунии саноат ба шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд

Шуғл пайванди асосии байни одамон ва фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот мебошад. Бояд қайд намуд, ки шуғл на танҳо фаъолияти иҷтимоии аҳолиро тавсиф мекунад, балки манфиатҳои иқтисодӣ ва давлатиро дар самти кор низ дарбар мегирад [102].

Бо мақсади пурратар истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ, чун қоида рушди минбаъдаи саноати шаҳрҳои калон маҳдуд карда шуда, имтиёзи ҷойгиркунии корхонаҳои дар шаҳрҳои миёна ва хурд, ки дорои захираҳои меҳнатӣ ва шароитҳои мусоид барои рушди саноат доранд ба мақсад мувофиқ мебошад [37].

Дар марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ таъмини корхонаҳои саноатӣ бо кормандони соҳибтахассусу баландихтисос ва истифодаи самараноки иқтидори меҳнатии онҳо шарти муҳими самаранокии фаъолият ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва иҷроиши корҳои хизматрасонӣ захираҳои меҳнатӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд ва ба истифодаи онҳо диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Дар ин аснод баландбардории истифодаи иқтидори меҳнатӣ ин баландбардории маҳсулнокии меҳнат дониста мешавад ва барои корхонаҳои саноатӣ алоқамандии ин таносубро риоя намудан зарур аст. Дар чунин шароит барои баландбардории самаранокии меҳнат дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, алалхусус, дар соҳаи саноат зарур аст, ки роҳҳои асосии он ҷустуҷӯ карда шаванд. Иҷрои ин вазифа дар шароити имрӯза барои корхонаҳои ватании соҳаи саноат зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

Барои самаранок истифода намудани захираҳои меҳнатӣ ва дар ин асос баландбардории маҳсулнокии меҳнат чунин омилҳо бояд ба инобат гирифта шаванд:

1. Сатҳи рушди илм;
2. Ташкили истеҳсоли маҳсулот;
3. Таҷрибаи истеҳсолӣ;
4. Баландбардории сатҳи тахассуснокӣ;
5. Ҳавасмандии моддӣ;
6. Ҳавасмандии маънавӣ;
7. Бо таҷҳизоти муосир ҷиҳозонидан ва ғ. [109].

Таъмини самаранокии амалишавии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар бештари мавридҳо аз ҳамоҳангсозии омилҳои дар боло ҷойдошта вобаста аст. Дар баробари ин, шарти муҳим ва зарури ҳалли масъалаи баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ин дарёфти роҳҳои илмӣ, таҳлили фаъолият, истифодаи таҷрибаи амалии низоми

идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини амалишавии фаъолияти корхонаҳо нақши худро мегузорад.

Яке аз самтҳои рушди инкишофи соҳаҳои саноат дар ҷумҳурӣ воридотивазкунӣ мебошад. Аз рӯи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, дараҷаи ҷалби захираҳои табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ ба ҷараёни истеҳсолот яке аз принсипҳои асосӣ ба шумор меравад. Сатҳи истифодабарии иқтидори истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ аз ҳисоби васеъшавии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда ва захираҳои меҳнатӣ ниҳоят васеъ мебошад. Оид ба мавҷудияти чунин имкониятҳо дар мамлакат борҳо дар баромадҳо Президенти мамлакат қайд шудааст. Ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олӣ афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатиро дар ҷодаи баланд бардоштани шуғли аҳолӣ қайд мекунад. Истифодабарии ҳаматарафаи иқтидори истеҳсолӣ дар соҳаи саноат дар дурнамои наздик ва миёна унсури асосии таъмини рушди иқтисодии варидотивазкунӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ ба ҳисоб меравад [7]. Оид ба масъалаи фавқ академик Н.Қ. Қаюмов ба маврид қайд кардаанд «... дар саноат иқтидорҳои зиёди истифоданашуда мавҷуданд, ки ҳамчун захира барои ҷалби қувваи коргарии иловагӣ баромад мекунанд ва ... интихоб ва инкишофи корхонаҳои мавҷуда метавонад ба сифати «локоматив» баромад кунад, ки ҷумҳуриро аз бухрони тӯлонӣ наҷот дода, рушди устувори иқтисодиро таъмин намояд» [67].

Дар раванди рушди иқтисод аз ҷониби давлат ва соҳибкорон бунёд намудани корхонаҳои нави саноатӣ боиси пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ мегардад. Ташкил намудани ҷойҳои нави кории пойдор (устувор) тағйироти сохториро мехоҳад, яъне иқтисодиёт қобиляти пайваста ташкил намудани ҷойҳои кории навро барои фаъолиятҳои муосири босуръат афзоишёбанда, ки арзиши изофа ва маҳсулнокии меҳнати самаранокиаш микёсан васеъро тақозо мекунад. Дар муқоиса бо дигар

соҳаҳои хоҷагии халқ, саноати коркард барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ имконияти бештар дошта, истифодаи самараноки технологияҳои нав ва дар сатҳи амиқтар ҳавасмандкунии модӣ ва ғайримодии прогрессии техникӣ имкониятҳои бештар фароҳам меорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 қайд намуданд, ки «... бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад», ки ин як омили муҳими таъсиррасон ба ҷойгиркунии саноат ва шуғли аҳолӣ дар вилоят мебошад.

Равандҳои демографӣ ва афзоиши шумораи аҳолӣ омили ташаккулу рушди тамаддуни индустриалӣ мебошад. Дар давраи соҳибстиқлолии мамлакат аҳолии Тоҷикистон аз 5,5 миллион ба 9,5 миллион нафар расида, беш аз 70 фоиз афзудааст. Захираҳои меҳнатӣ бошад, аз 2526 то 5427 ҳазор нафар, қувваи корӣ аз 1971 то 2478 ҳазор нафар афзудааст, қайд менамояд дар пайёми худ ба Маҷлиси Олӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (26.12.2019) [123].

Дараҷаи тараққиёти саноат дар минтақаҳои Тоҷикистон аз ҷумла вилояти Суғд дар ҳолати ғайриқаноатманд қарор дорад. Сабаб он аст, ки захираҳои табиӣ ва неруи инсонӣ дар сатҳи зарурӣ истифода намешаванд.

Рушд ва ҷойгиркунонии яктарафаи соҳаҳои саноат на танҳо барои самаранок истифода нагардидани захираҳои табиии мавҷуда мегардад, балки истифодаи қувваи асосии истеҳсолкунандаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ – нерӯи инсонӣ, ки Тоҷикистон аз он бой аст, мади назар мемонад.

Соли 1990 35,8% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ ба вилояти Суғд, 18,4% вилояти Хатлон, 25,9% шаҳри Душанбе, 19,5% ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) ва 0,45% ба ВМБК рост меомад.

Шумораи коргарон бошад дар ҳамин давра ба вилояти Суғд 30,5%, Хатлон 33,4%, шаҳри Душанбе 11,6%, НТҶ 21,3 ва ВМБК 3,1 буд [170], ки маҳз ин аз рушд ва ҷойгиркунонии яктарафаи корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Мавҷудияти миқдори кофии захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд, барои рушди кули соҳаҳои саноат, бахусус соҳаҳои меҳнатталаб мусоидат менамоянд. Захираҳои меҳнатӣ дар минтақа бо суръати баланд афзоиш меёбанд, ки ин нишондиҳанда барои солҳои 2000-2022 мутаносибан 1,85 ва 2,70% дар як сол мебошанд ва ба инобат гирифтани ин омил дар ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда хеле муҳим аст.

Ҳанӯз аз замони Ҳокимяти Шуравӣ ва иқтисоди нақшавӣ дар ҳудуди вилояти Суғд як чанд гиреҳҳои саноатӣ ташаккул ёфтанд, ки яке аз омилҳои асосии он мавҷудияти қувваи коргарӣ- аҳолӣ мебошад. Пеш аз ҳама гиреҳи саноатии Хуҷанд, ки ба ҳайати он худи шаҳри Хуҷанд ва шаҳрҳои атрофи он - Бустон, Гулистон ва н. Б. Ғафуров дохил мешаванд. Қасабаҳои типи шаҳрие, ки ба ҳудуди гиреҳи саноатии Хуҷанд ворид намешаванд, боиси ташаккулёбии марказҳо ва пунктҳои саноатии алоҳида гардиданд. Маслан, дар соли 2022 қариб 15,2% маҳсулоти саноатӣ ва 22,3% шумораи коргарони соҳаи саноати вилояти Суғд ба гиреҳи саноатии Хуҷанд рост меояд. Соли 2022 дар ҳудуди ин гиреҳи саноатӣ 178,4 ҳазор нафар аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли махсулоти саноатӣ ва шумораи кормандони саноатӣ дар ҳудуди гиреҳи саноатӣ ҷои дуюмро шаҳри Гулистон ишғол мекунад, ки дар соли 2022 6,4%-и аҳолии ин гиреҳи саноатӣ ва 41,7%-и кормандони саноатиро ташкил медиҳад. Гиреҳи саноатии ноҳияи Б. Ғафуров мутаносибан 14,7% ва 17,5%, шаҳри Бустон 13,8 ва 4,1% - ро ташкил медиҳанд. Дар ҳудуди гиреҳи саноатии шаҳри Исфара бошад, дар ҳамин давра 5,5%-и истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 7,5% кормандони соҳаи саноат ва 10,2% аҳолии вилоят рост меояд.

Дар давраи пеш аз ислоҳот дар байни дигар марказҳои саноатии вилояти Суғд шаҳри Конибодом аз ҷиҳати иқтидори иқтисодӣ баъд аз шаҳри

Хуҷанд ҷои дуюмро ишғол менамуд. Он 8,4% аҳолии вилоят, 9,3% маҳсулоти саноатӣ ва 9,0% шумораи коркунони соҳаи саноати вилоятро ташкил медод. Аммо соли 2021 бошад ҳамагӣ 2,4% истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд ва 3,3% шумораи кормандони саноатиро ташкил дод.

Гиреҳи саноатии шаҳри Истаравшан бошад, 0,7 ҳазор км$^2$ (2,8%-и ҳудуди вилоят) масоҳат дошт, дар қаламрави он 310 ҳазор нафар аҳолӣ (11,2%-и аҳолии вилоят) зиндагӣ мекунад ва 5,7% маҳсулоти саноатиро истеҳсол карда, 5,9%-и командони саноати вилояти Суғдро дарбар мегирад.




**Таҳияи муаллиф**

Гиреҳи саноатии шаҳри Панҷакент ҳудуди маъмурии шаҳри Панҷакентро дар бар гирифта, масоҳаташ 3,7 ҳазор км$^2$ аст ва 16,9% истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва 2,1% шумораи кормандони соҳаи саноати вилоят ба он рост меояд.

Аммо нигоҳ накарда ба он, ки дар вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ саноат рушдёфтааст, шумораи аҳолии машғули кор дар саноат кам аст. Вилояти Суғд на танҳо бо сатҳи пасти шуғл, балки ба минтақаҳои коҳиши шумораи коргарон дар саноат ворид мегардад. Тӯли солҳои 1991-2019 шумораи миёнаи коргарон дар саноати вилояти Суғд 42,6 ҳазор нафар ё 2,6 баробар кам шуд [77].

**Ҷадвали 7.**

**Тағйироти рушди гиреҳҳои саноатии вилояти Суғд дар солҳои 1990-2022**

| **Нишондиҳандаҳо** | **с.1990** | **с.2022** | Шумораи кормандон дар соҳаҳои саноат (%) | |
|---|---|---|---|---|
| | миёнаи солонаи кормандони соҳаи саноат | миёнаи солонаи кормандони соҳаи саноат | с.1990 | с.2022 |
| Хуҷанд | 32851 | 10492 | 37,0 | 36,5 |
| Исфара | 6831 | 2157 | 7,7 | 7,5 |
| Конибодом | 8005 | 953 | 9,0 | 3,3 |
| Истаравшан | 6621 | 1687 | 7,5 | 5,9 |
| Панҷакент | 1493 | 604 | 1,7 | 2,1 |
| **Ҳамагӣ дар вилоят** | **88767** | **28746** | **62,9** | **55,3** |

**Нақша аз рӯи нишондиҳандаҳои :* *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонн. 2021. – С. 188, 190, 192, 194, 216, 218, 224; 2012. -С. 58, 59, 62, 69, 70-71, 74; Омори солонаи вилояти Суғд, Хуҷанд-2023. -С.309-323.* **таҳия шудааст.**



**ТАҚСИМОТИ АҲОЛИИ МАШҒУЛИ КОР ДАР СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ СУҒД АЗ РӮИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2010-2017 (ҲАЗОР НАФАР)**

Манбаъ: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2018, саҳ.73

Бо вуҷуди он ки солҳои охир шумораи корхонаҳои саноатӣ ва истеҳсоли маҳсулот бо суръат меафзояд, коҳиши шуғли аҳолӣ идома дорад.

Аз нишондиҳандаҳои нақша маълум мешавад, ки дар ҳақиқат коҳиши шуғли аҳолӣ чашмрас аст. Агар дар соли 2010 дар соҳаҳои саноати вилоят 34,2 ҳазор нафар коргарон машғули кор бошанд, соли 2017 ин нишондиҳанда 34,1 ҳазор нафарро ташкил менамояд. Дар сохтмон соли 2010 5,4 ҳазор, соли 2017 4,4 ва дар соҳаи нақлиёт агар соли 2010 6,7 ҳазор нафар машғули кор бошанд ин нишондиҳанда соли 2017 ба 4,0 ҳазор нафар расид.

Вилояти Суғд ба ин нигоҳ накарда ҳамеша бо бартарии соҳаҳои саноати меҳнатталаб – соҳаҳои саноати сабук ва хуроквори, мошинасозӣ, коркарди металл ва ғайра аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарқ мекард. Аз ин рӯ қисми зиёди мутахассисони соҳаҳои саноат дар қаламрави он маскун шудаанд.

Дар қаламрави ҷумҳурӣ вобаста ба шароитҳои табиӣ-иқтисодӣ, захираҳои меҳнатӣ, роҳҳои нақлиётӣ соҳаҳои саноат нобаробар ҷойгир шудаанд. Масалан, комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ асосан дар ҳудуди

вилояти Хатлон мутамарказ шудааст. Соли 2020 89,8% истеҳсоли маҳсулоти саноатии мамлакатро ин соҳаи саноат истеҳсол намудааст, аз ин 93,6% ба соҳаи электроэнергетикӣ ва 15,9% ба соҳаи саноати сӯзишворӣ рост меояд, ки дар ин соҳаҳои саноат дар ҷумҳурӣ 19,1 ҳазор нафар аҳолӣ машғули кор аст. Аз ин 4,2% истеҳсоли нерӯи барқ, 65,5% истеҳсоли сӯзишворӣ ва 6,7 ҳазор нафар аҳолии машғули кор дар ин соҳаҳои саноат ба вилояти Суғд рост меояд.

Соли 2018 дар вилояти Суғд ба ҳар 1000 нафар аҳолии дар соҳаи саноат шуғлдошта 15,2 нафар рост меояд, ки ин нишондиҳанда дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 12,6 нафарро ташкил медиҳад [116].

Металлургияи ранга дар ҳудуди вилояти Суғд рушд ёфтааст, ки дар корхонаҳои он истихроҷ, пурбаҳрагардонӣ ва омода намудани консентрати металлҳои ранга, нодир ва пароканда ба роҳ монда шудааст. Асосан корхонаҳои ин соҳаи саноат дар шаҳру ноҳияҳои Адрасмон, Анзоб, Исфара, Майхура, Консой, Табошар, Ҷилав, Панҷакент мебошанд. Ҳоло дар ҷумҳури панҷ корхонаи саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳиро корхонаҳои мувафақ мешуморанд, ки ҳамаи онҳо ба қаламрави вилояти Суғд рост меоянд (Апреловка, Зарфшон, Пакрут, Анзоб ва Адрасмон).

Корхонаи «Апреловка»- муассисаи муштараки Тоҷикистону Канада буда, дар қисми шимолии ҷумҳурӣ, дар шаҳраки Консои вилояти Суғд ҷойгир шудааст. То соли 1985 дар ин корхона истихроҷи руҳу қурғошим (сурб) ба роҳ монда шуда буд. Баъдан дар заминаи тиллои мавҷудбудаи таркиби ин кон корхонаи истихроҷи тиллои Қайроқум ташкил гардид. Соли 1995 дар асоси ҳамин корхона, корхонаи муштараки «Апреловка» ташкил гардид, ки 51% ҳиссаи сармояи он ба Тоҷикистон ва 49% ба ширкати Канадагии «Gulf» мансуб аст. Ашёи хом барои ин иншоот маъдани конҳои Апреловка, Қизил-Чека, Бургунда, Иккижелон ва ғайра мебошанд. Дар ин корхона маъдан бо усули кушод истихроҷ карда мешавад. Дар инҷо омехтаи тилло ва нуқра истеҳсол карда мешавад. Иқтидори истеҳсолии он 180 ҳазор тонн маъдан дар як сол мебошад.

Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи (ҶСШК) корхонаи муштараки «Зарафшон» - корхонаи муштараки Тоҷикистону ширкати («сзитсин»-и Чин (Хитой) буда, 30% ҳиссаи он ба Тоҷикистон ва 70% ба Чин мансуб аст. Бузургтарин корхонаи истихроҷи тиллои ҷумҳурӣ буда, сикли пурраи истеҳсолӣ дорад, ки зинаи истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёрро (хиштҳои рехташудаи тилло (слитка)) дар бар мегирад. Ин корхона моҳи сентябри соли 1995 ташкил шудааст, ки дар заминаи маъдани конҳои «Ҷилав» ва «Тарор» - шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд фаъолият менамояд. Зиёда аз 70 % тиллои дар мамлакат истеҳсолшуда ба ин корхона рост меояд.

Корхонаи истихроҷи тиллои «Пакрут» (Ваҳдат) пурра хоси давлати Чин буда, ба ширкати «China Njnferrjus Gjold» тааллуқ дорад ва фаъолияташро соли 2016 оғоз намудааст.

Яке аз корхонаҳои дигари саноати маъдани кӯҳи комбинати маъдантозакунии Адрасмон мебошад. Ин корхона соли 1970 дар бо номикомбинати Қарамазор кушода шуд ва соли 1994 ба истихроҷ ва коркарди маъданҳои нуқраю руҳ махсус гардонида шуда номашро «Адрасмон» номиданд. Ҳоло 100% саҳмияҳои он ба ширкати Қазоқистонии «Казинвестменерал» хос аст. Комбинат дар вилояти Суғд, шаҳраки Адрасмон ҷойгир буда дар заминаи кони маъдани Конимансури Шарқӣ фаъолият дорад.

Комбинати маъдантозакунии «Анзоб» корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка буда, сурмаю симоб истихроҷ карда мешавад ва дар водии Зарафшон ҷойгир шудааст. Маҳсулоти он пештар ба шакли консентрат ба заводи металлургии Қадамҷойи Ҷумҳурии Қирғизистон барои коркард фиристода мешуд. Ҳоло бошад маҳсулотро ба Чин мефурӯшад. Танҳо дар шаш кони сурмаи водии Зарафшон 80 фоизи захираи сурмаи минтақаи Осиёи Марказӣ маҳфуз аст. Корхонаи муштараки истеҳсоли тиллои «Зарафшон» сол аз сол ҳаҷми маҳсулотро зиёд намуда истодааст. Ин корхона дар базаи конҳои Тарор, Ҷилав ва Ғиждарра ва истеҳсоли тиллои холисро ба роҳ мондааст.

Тоҷикистон аз рӯи захираҳои нуқра дар ҷаҳон ҷои сеюмро ишғол менамояд. Аз рӯи нақшаи пешбинишуда дар заминаи Кони Мансур бо назардошти талаботи бозори ҷаҳонӣ ба нуқра сохтмони корхонаи бузург дар назар дода шудааст. Ҳоло дар ин ҷо корхонаи муштараки Тоҷикистону Канада «Апреловка» фаъолият дорад.

Ба ақидаи Ғуфронов Д.Н. яке аз омилҳои асосии рушд ва ҷойгиркунии саноати сабук ва хӯроквори, ки барои вилояти Суғд як шакли анъанавӣ маҳсуб меёбад, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ мебошад. Онҳо на танҳо қувваи асосии истеҳсолкунанда, балки дар баробари дигар қисматҳои аҳолӣ истеъмолкунандагони асосии ин неъматҳое, ки бо меҳнати онҳо истеҳсол шудаанд башумор меравaнд [39].

Мавҷудияти шумораи кофии захираҳои меҳнатӣ барои тараққӣ додани аксар корхонаҳои саноатӣ, бахусус корхонаҳои саноати сабук ва хӯроквори, ки ба соҳаҳои меҳнатталаб дохил мешаванд, омили асосӣ маҳсуб меёбад.

Ба соҳаҳои меҳнатталаб, соҳаҳое дохил мешаванд, ки дар раванди технологияи истеҳсолӣ қувваи кории зиёд истифода бурда мешавад. Ба ин соҳаҳо корхонаҳои саноати кешбофӣ (трикотажӣ), чарму пойафзол, дузандагӣ, абрешим, бофандагӣ, қаннодӣ, консерваи меваю сабзавот ва гӯшт, нӯшокиҳо (шарбату афшурдаи мева) ва дигарҳо дохил мешаванд.

Агар проблемаи муҳимтарини бозори меҳнатро дар вилояти Суғд ба инобат гирем, ин пеш аз ҳама барзиёдии захираҳои меҳнатӣ дар минтақа мебошад, пас аз инҷо бар меояд, ки бояд дар қаламрави он маҳз соҳаҳои саноати меҳнатталаб роҳандозӣ карда шавад.

Гузашта аз ин, вилояти Суғд дар ҷумҳурӣ на танҳо ба ноҳияҳои сатҳи пасти шуғли аҳолӣ, балки аз ҷиҳати коҳиши шумораи коргарон дар саноат башумор меравад. Агар соли 1991 шумораи миёнаи солонаи коргарон дар саноати вилояти Суғд 39,6 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 қариб 2,1 баробар кам шудааст [116].

Дар тӯли 30 соли истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 50 корхонаҳои саноати сабук бунёд гардидааст, ки дар заминаи онҳо 9500 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд. Аз ин 17 иншоот бо 2225 ҷойи корӣ дар вилояти Хатлон, 15 иншоот бо 3305 ҷойи корӣ дар вилояти Суғд, 10 иншоот бо 2760 ҷойи корӣ дар шаҳри Душанбе, 4 иншоот бо 1000 ҷойи корӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва 3 иншоот бо 300 ҷойи корӣ дар Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ бунёд гардидаанд.

**Ҷадвали 8.**

**Афзоиши шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Воҳид (ченак)** | **Солҳо** | | **Бо % с. 2020 нисбат ба с.2010** |
|---|---|---|---|---|
| | | **2010** | **2020** | |
| **Шумораи умумии аҳолӣ дар вилояти Суғд** | ҳаз. Нафар | 2247,6 | 2753,1 | 122,5 |
| **Захираҳои меҳнатӣ** | -«- | 1521,4 | 1641,7 | 107,9 |
| **Ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ** | % | 60,6 | 59,6 | - 0,88 |

*Нақша дар асоси нишондиҳандаҳои омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2018, 2020 таҳия шудааст (2018.- с. 19, 2023. –с.26)

Масалан, дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» танҳо дар соли 2022 14 корхонаи саноатӣ фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти онҳо 342832,6 ҳазор сомониро ташкил кард. Ин корхонаҳои саноатии ҶДММ «Реал», ҶДММ «Равзана Пластик», ҶДММ КМ «Стар Пласт», ҶДММ КМ «Арча мебел», ҶДММ КМ ТТ «Тоҷпроф», ҶДММ «Фартуна Ко», ҶДММ «Тоҷикполиэтилен», ҶДММ КМ ТТ «Афранг пластик», ҶДММ «Ариана метал пласт», ҶДММ «Донаи алмос», ҶДММ «Суғдиён Агро», ҶДММ «Ҷаҳони нав», ҶДММ «Покзарф» мебошанд [3].

Гузашта аз ин истифодаи самараноки захираҳои табиӣ метавонан дар фарогири шуғли аҳолӣ дар минтақа нақши боиз дошта бошанд. Яке

аз масъалаҳои муҳими рушди саноат, таъмин будан бо ашёи хом мебошад. Тоҷикистон заминаи дохилии таъмин намудан бо маҳсулоти металлургияи сиёҳро барои ташаккулёбии соҳаҳои мошинасозӣ надошт ва то ҳол надорад. Кӯли иншоотҳои саноати мошинасозӣ ва коркарди металли мамлакат, ки ба соҳаҳои меҳнатталаб дохил мешавад, дар асоси ашёи хоми кашонидашуда, қисмҳои мошинаҳо, деталҳо, агрегатҳо ва дигар маҳсулотҳои нимтаёр кор мекарданд ва кор мекунанд. Аммо дар шароити бадаст овардани истиқлоли давлатӣ ва канда шудани системаи ягонаи иқтисодию истеҳсолии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, метавонад дар асоси мавҷудияти сарватҳои табиии маҳаллӣ баъзе соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати металлургияи сиёҳро роҳандозӣ намоем, ки ин ба яке аз ҳадафҳои асосии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, саноаткунонии босуръати мамлакат мансуб буда метавонад. Дар шимоли Тоҷикистон захираҳои зиёди маъдани оҳан мавҷуд аст, аз ин кони маъдани оҳани Чакадамбулоқ аҳамияти саноатӣ дорад. Кон дар нишебиҳои ҷанубу шарқии қаторкуҳҳои Қурама ҷойгир буда, корҳои ҷустуҷӯии геологӣ солҳои 1956-1967 гузаронида шудааст.

Яке аз омилҳои бунёд гардидани шаҳр ва шаҳракҳо дар қаламравӣ вилояти Суғд (Шуроб, Гулистон, Бустон, Истиқлол ва ғ.) маҳз дар асоси истифода намудани сарватҳои табиӣ бунёд намудани корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Дар шароити муосир ва ҳатто дар оянда низ ҳангоми таҳия ва коркарди стратегия ҷиҳати рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда, чӣ дар вилояти Суғд ва чӣ дар ҷумҳурӣ бояд пеш аз ҳама масъалаи асосӣ ва ҳалталаб мутахассисони баландихтисос ва истифода намудани неруи инсонӣ дар мамлакат бошад. Дар ин бобат саноат бояд нақши асосӣ дошта бошад ва корхонаҳои саноатиро ҳарчи бештар ба манбаъҳои ашёи хом ва захираҳои меҳнатӣ наздик бунёд намудан мувофиқи мақсад аст.

# БОБИ III. МЕХАНИЗМҲОИ ТАШКИЛӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ГЕОГРАФИИ ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ВА ДУРНАМОИ ҶОЙГИРКУНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## 3.1. Ташкил ва тағйири тахассуси захираҳои меҳнатӣ вобаста ба талабот дар сохтор ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилоят

Тадқиқотҳои муосир дар самти азнавсозии тахассуси захираҳои меҳнатӣ вобаста ба тағйирот дар сохтор ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандон зиёд нестанд, аммо бо вуҷуди ин имконият медиҳанд, ки саноат ва мушкилоти ташкили фазоии он ҳамчун унсури муҳимтарини ташкили ҳудудии истеҳсолот ва зерсистемаи иқтисодии ҷомеа дар шакл ва зуҳуроти мушаххаси ҳудуди муайян дарк шаванд, масъалаҳои тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда, иқтисодиёти истифодабарии табиат, мушкилоти минтақавии сиёсати иқтисодӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва бадаст овардани ҷанбаҳои возеҳи ҳудудиро тавсиф кунанд.

Ноил гардидан ба сифати баланди иқтидори меҳнатии аҳолӣ тақозои илмҳои замонавӣ буда, дар илмҳои иқтисодӣ-географӣ дониш ва нерӯи инсонӣ дар ҷойи аввал меистад, ки ин афзалияти муҳими сиёсати иҷтимоию меҳнатии давлат ва талаботи асосии бозори меҳнат дар замони муосир мебошад.

Истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ ду ҷузъи зарурирo дар бар мегирад: захираҳои моддӣ (ашёи хом, таҷҳизот ва ғ.) ва захираҳои инсонӣ, яъне коргарони дорои маҳорату дониши касбӣ. Бо ин мазмун, захираҳои меҳнатӣ (захираҳои инсонӣ) ҳамчун омили рушди иқтисодӣ дар баробари захираҳои моддӣ амал мекунанд. Захираҳои меҳнатӣ – категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, дар як вақт метавонад ҳамчун ченаки иқтидори меҳнатии ҷомеа ва нишондиҳандаи банақшагирию баҳисобгирӣ хизмат кунад. Муайян намудани захираҳои

меҳнатӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ бевосита ба шароити бозтавлиди қувваи коргарӣ, ки давлат муқарар кардааст вобаста буда, яке аз меъёрҳои ташаккулдиҳандаи ҷудо намудани захираҳои меҳнатӣ аз аҳолӣ мебошад.

Ба ақидаи Л. А. Мукаева, Л. Д. Гайсумова «... зиёда аз 60 фоизи омили асосии рушди ҷомеа, мамлакат ва ҷумҳурӣ меҳнат мебошад. Бинобар ин дар сатҳи зарурӣ донистани шумора, таркиби хусусиятҳои сифатии захираҳои меҳнатӣ, сохтори ҳудудӣ ва соҳавӣ, сатҳи шуғли аҳолӣ хело муҳим мебошад» [87].

Географияи захираҳои меҳнатӣ яке аз соҳаҳои анъанавии омӯзиши географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Печидагии мураккаби иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ташаккул ёфтан ва самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатии минтақаи Суғд давоми даҳсолаҳои охир махсусияти нав пайдо кард. Дар шароити босуръати афзоиши аҳолӣ, амиқтар шудани асимметрияи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташкил шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ (давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва ғ.) ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои нави истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пеш меояд.

Омӯзиши захираҳои меҳнатӣ ҳамчун категорияи гуногунҷабҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ имконият медиҳад, ки ташаккулёбии коргари типи навро пурратар нишон дода, тағйироти миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатиро дар шароити шадиди прогресси илмию техникӣ ва интенсификатсияи ҳамаҷонибаи истеҳсолӣ ошкор карда шавад [81].

Захираҳои меҳнатӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ арзёбӣ мегарданд. Арзёбии миқдорӣ тавассути нишондиҳандаҳои шумораи захираҳои меҳнатӣ ифода карда мешавад. Аҳолии қобили меҳнатро ба ду гуруҳ ҷудо мекунанд: аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва ғайри фаъол. Ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол шахсоне дохил мешаванд, ки дар соҳаҳои хоҷагии халқ машғули коранд (кормандони кироякор), кормандоне, ки мустақилона кор мекунанд ва худро бо кор таъмин менамоянд, занҳое, ки дар рухсатии нигоҳубини фазанд қарор доранд,

хизматчиёни ҳарбӣ, бекороне, ки ёрдампулӣ мегиранд. Ба гурухи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол хонандагони синни қобили меҳнат, маҷруҳони синни қобили меҳнат, ки қобиляти меҳнатиашонро гум кардаанд, шахсоне, ки дар муассисаҳои аз озодӣ маҳрум қарор доранд, ашхоси синнусоли қобили меҳнат, ки муваққатан бекоранд, вале метавонанд ба бозори меҳнат дохил шаванд, мансубанд.

Коргарон (коргарон касбу кори гуногун) – ин гуруҳи сершумори аҳолӣ мебошанд, ки ба коргарони асосӣ ва коргарони ёрирасон тақсим мешаванд. Аз рӯи дараҷаи тахасус, коргаронро ба баландтахассус, миёнатахассус ва бетахассус ҷудо мекунанд. Ба таносуби коргарон дорои ихтисосҳои гуногун дар мамлакат вазъи соҳаи маориф, суръати прогрессии илмию техникӣ ва дигар омилҳо таъсир мерасонанд. Дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда талабот ба мутахассисони дараҷаи тахассусиашон паст талабот ба таври назаррас мушоҳида мегардад.

Таркиби сифатии захираҳои меҳнатиро ҳолати солимӣ, сатҳи маълумотнокӣ ва тахассусӣ, потенсиали психофизиологӣ, сохтори синусолию ҷинсии коргарон, сатҳи камолоти иҷтимоӣ, талаботи коргарон ва ғайра тавсиф медиҳад [88].

Тақсимоти захираҳои меҳнатӣ дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро инъикос намуда, ба муҳимтарин таносуби ҷамъияти дахл дорад. Тақсимоти шуғли захираҳои меҳнатии бо кор таъминшуда дар ҳудуди минтақаҳо, соҳаҳо ва бахшҳои хоҷагии халқ сурат мегирад.

Дар замони ҳокимияти Шӯравӣ тақсимот муташаккилона ва нақшавӣ сурат мегирифт, ҳоло бошад, ин раванд тавассути бозори меҳнат амалӣ мегардад. Тақсимоти захираҳои меҳнатӣ асосан дар асоси потенсиали иқтисодии дар минтақа мавҷудбуда роҳандозӣ карда мешавад. Дар рафти тағйир ёфтани ҳаҷми кор, сохтори хоҷагии халқ, эҳтиёҷ ба захираҳои меҳнатӣ низ тағйир меёбад.

Мувофиқи ақидаи С.А.Караташов «...бозори меҳнат мураккабтарин унсури иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар ин ҷо манфиатҳои коргар ва корфармо ба муайян намудани арзиши меҳнат ва шароити истифодаи он алоқамананданд» [64].

Восиев Ф.М. дар чунин ақида аст, ки «...барои фаъолияти босамари бозори меҳнат бояд механизму институтҳои алоҳида таъсис дода шаванд, ки дар бозори меҳнат шароити мусоидро барои ҳам коргар ва ҳам корфармо фароҳам оваранд» [35].

Ба қадри зарурӣ таъмин намудани корхонаҳо ба захираҳои меҳнатӣ, оқилона истифода бурдани онҳо, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ва баландбардори самаранокии истеҳсолот аҳамияти калон дорад. Аз ҷумла, аз таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ бо захираҳои меҳнатӣ ва самаранок истифодабарии онҳо, сари вақт иҷро гардидани тамоми корҳо, самаранок истифодабарии таҷҳизот, мошина, дастгоҳ, механизмҳо ва ҳамчун натиҷаи ҳаҷм ва арзиши маҳсулот, фоида ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ вобаста аст.

Ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар системаи идоракунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифа ва принсипҳои нав ба миён омад, ки муҳимтарини онҳо истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ мебошад. Захираҳои меҳнатӣ на танҳо омил ё манбаи амалишаванда ислоҳот, балки фазоест, ки бояд ислоҳот сурат гирад.

Дигаргуниҳо дар системаҳои иқтисодию сиёсӣ дар як вақт ба шахс ҳам имконият ва ҳам мушкилоти ҷиддиро пеш оварда, дар ҳаёти одамон як дараҷаи хело номуайянро бавуҷуд меоваранд. Вобаста ба тағйирот дар сохтор ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ба низом даровардан ва идора намудани захираҳои меҳнатӣ аҳамияти хоса дорад, зеро он имконият медиҳад, ки мушкилоти мутобиқсозии шахс ба шароити тағйирёбанда бартараф карда шуда, омили мавқеи захираҳои меҳнатӣ дар пешрафти ҷомеа ба назар гирифта шавад.

Ҷойҳои корӣ дар ҷараёни рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт, таъсис додани корхонаҳо ва намудҳои нави фаъолиятҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд. Таъсиси устувори ҷойҳои корӣ тағйироти сохториро талаб мекунад, яъне шароитҳои иқтисодӣ барои пайваста эҷод намудани фаъолиятҳои нави босуръат рушдёбанда ва бо арзишҳои иловашуда, маҳсулнокии меҳнат ва самаранокии афзоишёбанда имконият дошта бошанд.

Татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 табдил додани иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз иқтисодиёти аграрию саноатӣ ба индустралӣ-аграрӣ, эҷоди ҷойҳои нави корӣ тавассути навсозии саноат ва бахшҳои асосии онро тақозо мекунад.

Асоси стратегия бояд мутобиқ намудани тадбирҳои стратегӣ оид ба бознигарии корхонаҳо бо назардошти нигоҳ доштани захираҳои кадрӣ, васеъ намудани тахассус ва касбҳои нав мебошад. Аз ҷумла стратегияи таъмини шуғли аҳолӣ манфиат ва имкониятҳои минтақаро ба инобат гирифта ба самти муҳими такмили идоракунии шуғли аҳолӣ нигаронида шудааст. Дар баробари ин нақши асосии бозори меҳнат ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ мувофиқи он бояд пурра зери назорати ҳукумати ҷумҳурӣ бошад. Самаранокии чунин системаи идоракунӣ аз вазифаҳои асосии мақомоти ҳокимяти давлатӣ вобаста аст.

Таҷрибаи мамлакатҳое, ки масъалаҳои таъмини шуғли аҳолиро ба таври мусбат ҳал мекунанд нишон медиҳад, ки системаи хизмати давлатии шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо ба кор таъмин намудани аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, расонидани ёрии моддӣ ба бекоронро зери назорат гирифта, системаи асосии иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунии давлатӣ маҳсуб меёбад. Дар Ҷопон (ва як қатор давлатҳои дигар) барои онҳое, ки нияти иваз кардани ҷойи кор ё баландбардории маҳорати касбӣ доранд курсҳои омӯзишӣ ташкил карда мешавад. Дар Белгия барои шахсони бекор бо тавсияи хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дар асоси муайян кардани касбҳое, ки дар онҳо норасоии мутахассис дида мешавад, бозомӯзии касбиро роҳандозӣ менамоянд. Дар Австрия, дар

асоси таҳлили бозори меҳнат, бо мақсади беҳтар намудани малакаҳои касбии коргарон, мазмун ва мундариҷаи барномаҳои таълимӣ-истеҳсолӣ таҷдиди назар гардида, бозомӯзии миёнамуҳлат гузаронида мешавад. Ҳадафи ин чорабиниҳои омӯзишӣ мутобиқ намудани омодагии касбии коргарон ба шароит ва талаботи ҷойи кори нав мебошад.

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ марҳалаҳои ниҳоия душвор ва шадидро аз сар гузаронида, дар ибтидо ба таназзул ва баъдан рӯ ба рушд ниҳод.

Коҳиш ёфтани истеҳсолоти саноатӣ ҳануз дар охири солҳои мавҷудияти ҳокимияти Шуравӣ (соли 1991) ба чашм мерасид, ки ҳиссаи истеҳсолот нисбат ба соли 1990 3,6% пастшуда буд. Бухрони воқеии пастшавии истеҳсоли саноатӣ ба солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рост меояд. Дар ин давра пастравии истеҳсол нисбат ба соли 1990 ба 32,3% расид, ки ин аз ҳама авҷи баландтарини пасравии истеҳсоли саноатии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [132].

Саноат аз ҷиҳати шумораи кадрҳои соҳавӣ махсусан дар солҳои 1990-1997 талафоти беандоза дод, ки шумораи коргарон дар тамоми соҳаҳои саноат 113, 2 ҳазор нафар ё 2,1 баробар кам шуд. Аз ин раванд соҳаҳои мошинасозӣ ва коркарди металл (30,7 ҳазор ё 3,1 баробар), химия ва нафту химия (6,5 ҳазор нафар ё 2,5 баробар), саноати масолеҳи сохтумонӣ (9,6 ҳазор ё 3,1 баробар), саноати бофандагӣ (54 ҳазор нафар ё 2,7 баробар), хӯрокворӣ (13,2 ҳазор нафар ё 2 баробар) зарар ҷиддӣ диданд [131].

Барқарорсозии истеҳсолоти саноатӣ баъд аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ рӯ беҳбудӣ ниҳод. Индекси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 1997 250,2 % афзуд [132].

Агар ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ аз соли 1998 то имрӯз муътадил афзоиш ёбад ҳам, шумораи коркунони саноат то соли 2009 ҳамагӣ 68,5 ҳазор нафар зиёд шуд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба соли 1991 (215,4 ҳазор нафар) 146, 9 ҳазор нафар ё 3,1 баробар кам шуд. Шуруъ аз

соли 2010 шумораи кормандони соҳаҳои саноат рӯ ба афзоиш ниҳоданд, ки дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 88,6 ҳазор нафар ё 25% расид.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи саноати минтақаҳои мамлакат тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Амиқтарин коҳиши истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилояти Суғд ба қайд гирифта шудааст. Ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд аз 25,9 фоизи соли 1990 то 2,4 баробар кам шуд. Баъдан ин равад рӯ ба афзоиш ниҳод. Масалан, соли 2018 дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, ки 38,4 фоизи аҳолии мамлакат ва 49,4 фоизи кормандони соҳаи саноатро дарбар мегирад, 59,3 фоиз маҳсулоти саноатии мамлакат истеҳсол карда шуд.

Дар таносуби шумораи аҳолӣ ва кормандони соҳаи саноат соли 2020 нишондиҳандаи баландтаринро вилояти Суғд (мутаносибан 29,1% ва 33,0%) ва шаҳри Душанбе (9,3 ва 16,4%) ташкил медиҳанд, ки ин аз ҷойгиршавии иншоотҳои саноатии меҳнатталаб дар қаламрави онҳо шаҳодат медиҳад. Аммо соли 2020 бошад, нигоҳ накарда ба дастовардҳо дар соҳаи саноат, ҳиссаи кормандони ин соҳа нисбат ба соли 1990 21% кам шудааст.

Минтақаҳои мамлакат аз рӯи фарогирии шуғли аҳолӣ ба 1000 нафар дар соҳаҳои саноат низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ҷиҳати ин нишондиҳанда шаҳри Душанбе (16,8 нафар, 1,7 маротиба аз ҳисоби миёнаи ҷумҳурӣ зиёдтар) пешсаф аст. Ҳиссаи аз ҳама камтар аз дар ин самт ба вилояти Хатлон рост меояд (5,5 нафар ва 3,1 маротиба камтар).

Дар давраи гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ вилояти Суғд аз ҷиҳати иқтидори саноатӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол менамуд. Ба он 35,7% тамоми махсулоти саноатӣ ва 40,4% шумораи коркунони соҳаҳои саноати мамлакат рост меомад. Муҳимтарин соҳаҳои тахассусии саноати вилояти Суғд, саноати коркарди пашм, (98,2 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ин соҳаро дар ҷумҳурӣ), абрешим (81,5%), консерваи меваю сабзавот (71,9%), химия ва нафту химия (66,9%),

сӯзишворӣ (58,5%), бофандагӣ (45,3%), дузандагӣ (40,1%), чарму пойафзол (37,%), гӯшту шир (34,4%) ба шумор мерафтанд.

Дар таркиби соҳавии саноати вилояти Суғд мавқеи асосиро саноати сабук ишғол намуда буд, ки соли 1990 ҳиссаи он 52,1 фоизи тамоми маҳсулоти саноатӣ ва 44,6 фоизи шумораи кормандони соҳаи саноатро дар вилоят ташкил медод. Зинаи дуюмро саноати хурокворӣ ишғол намуда буд, ки ба саҳми он 15,0 фоизи истеҳсоли тамоми маҳсулоти саноатӣ ва 11,7 фоиз шумораи коргарон рост меомад. Инҳо соҳаҳои махсусгардидаи саноати вилояти Суғд буданд, ки дар асоси талаботи махсусгардонии соҳаҳои истеҳсолоти умумииттифоқӣ ташкил шуда буданд. Саноати мошинасозӣ ва коркарди металл низ аз ин ҷиҳат дар вилоят мавқеи пешсафро ишғол менамуд, яъне 17,0% шумораи коргарони саноати вилоят ба ин соҳа рост меомад.

Дар солҳои истиқлоли давлатӣ на танҳо суръати афзоиш, балки сохтори соҳавии саноат дар вилояти Суғд тағйироти амиқ ба амал омад. Буҳрони ҳассостарин соҳаҳои саноати ҷангал, коркарди чӯб, мошинасозӣ ва коркарди металлро дар вилоят фаро гирифт, ки соҳаҳои ин корхонаҳо танҳо дар заминаи фонди гардиши воридот (чӯбу тахта, металлҳои сиёҳ ва ранга, қисмҳои эҳтиётии комплектӣ, агрегатҳо ва ғайра) кору фаъолият менамуданд.

Дар давраи гузариш, дар таркиби ҳайати кормандони соҳаи саноати вилоят дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, ки ба ин пеш аз ҳама тағйирёбии таркибии (структураи) худи соҳаҳои саноат ва таъсири соҳаҳои меҳнатталаб мусоидат намуд. Шумораи кормандони соҳаи саноати вилоят аз 88757 нафари соли 1990 то 28286 нафар ё 3,1 баробар дар соли 2018 кам шуд. Ин тағйирот бештар ба саноати сабук хос аст, ки дар ҳамин давра шумораи кормандони ин соҳа 31,6 ҳазор нафар ё 4,9 баробар кам шуданд. Баъдан шумораи кормандони соҳаи мошинасозӣ ва коркарди металл – 16 ҳазор нафар ё 32 баробар, саноати хурокворӣ – 6,9 ҳазор нафар ё 2,4 баробар, химия ва нафту химия 5 ҳазор нафар ё 5,3 баробар. Ин боиси хеле камгардидани шумораи коргарони дар тамоми

соҳаҳои саноати вилоят шуғлдошта гардид. Дар солҳои истиқлоли давлатӣ шумораи кормандони соҳаи саноат танҳо дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон 4,1 ҳазор нафар ё 2,1 баробар афзуд [132].

Ноил шудан ба сатҳи рушди саноатии давраи пеш аз ислоҳот дар вилояти Суғд, бартараф кардани қафомонӣ дар соҳа, маҳдуд будани захираҳои молявии корхонаҳои саноатӣ, сатҳи баланди додани қарзи бонкҳои тиҷоратӣ, сармоягузории хориҷӣ ва дигар мушкилиҳо мехоҳад.

Географияи захираҳои меҳнатӣ яке аз соҳаҳои анъанавии омӯзиши географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Печидагии мураккаби иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ташаккул ёфтан ва самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатии минтақаи Суғд давоми даҳсолаҳои охир махсусияти нав пайдо кард. Дар шароити босуръати афзоиши аҳолӣ, амиқтар шудани асимметрияи иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ташкил шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ (давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва ғ.) ҷустуҷӯ намудани роҳу воситаҳои нави истифодабарии захираҳои меҳнатӣ пеш меояд.

Яке аз омил ва унсурҳои муҳимтарини рушди самараноки саноат мавҷуд будани мутахассисони баландихтиссос, коргарони касбу кори зарурӣ ва оқилона истифода бурдани онҳо мебошад, ки дар ин самт ҳанӯз камбудию нуқсонҳои зиёд мавҷуд аст.

Такмили механизми шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, хусусан вилояти Суғд, ки равандҳои табдили хусусиятҳои бозор ба оқубатҳои назарраси иҷтимоӣ оварда мерасонанд, аҳамияти махсус пайдо кардаанд. Ба ақидаи Г.П. Ермошина, мушкилоти ин бахш дар бозори меҳнат номутаносибии он нисбат ба сохтори иқтисоди минтақавӣ мебошад. Ин ҳолат дар зиёд будани шумораи бекорон аз рӯи ихтисосҳои муайян дар бозори меҳнат ва афзоиши талабот ба дигар ихтисосҳо зоҳир мешавад. Ҷиҳати ҳалли ин мушкилот дар сатҳи минтақа нақшаҳои таълими касбӣ ва бозомӯзии аҳолиро тақозо дорад. Ҷузъи муҳими дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ фаъолияти инфрасохтори иҷтимоӣ аст, ки дараҷаи инкишофи

он сатҳи зиндагии аҳолӣ, аҳолии маҳалли аҳолинишин ва умуман самти табдили маскуншавии аҳолиро муайян мекунад [139].

Роҳандозӣ намудани истеҳсолоти муосири технологӣ, гузариш ба усулҳои нави интенсивии меҳнат, пеш аз ҳама коргарон ва мутахассисони балandихтиссоси муҳандисию техникиро талаб мекунад. Дар вилояти Суғд бо вуҷуди барзиёдии захираҳои меҳнатӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иқтисодиёт, барои саноат, коргарон ва мутахассисони соҳибихтисос намерасанд, нигоҳ накарда ба он ки омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ сол аз сол меафзояд.

Аз ин рӯ ба ҷои мутахассисони таркикорнамуда ва соҳаҳои нави истеҳсолот бо технологияи муосир омода намудани мутахассисон барои пешрафти саноат дар оянда мушкили эҷод менамояд. Пеш аз ҳама мушкили дар он аст, ки зиёда аз 75% ҷавонон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва бештар ба корҳои кишоварзӣ, ки ин соҳа ба мутахассисони баландихтисос онқадар эҳтиёҷ надорад, нигаронида шудаанд.

Ҳамаи ин камбудиҳоро дар як муҳлати кӯтоҳ бартараф кардан ғайри имкон аст ва барои азнавсозии тахассуси захираҳои меҳнатӣ вобаста ба тағйирот дар сохтор ва рушди соҳаҳои иқтисодиёти вилоят корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст, ки барои ин сармояи зиёд лозим аст.

## 3.2. Таҳияи моделҳои ташаккулёбии дараҷаи тахассусии кормандони соҳаҳои саноати минтақа ва роҳҳои беҳтар намудани сифати он

Дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 22-уми декабри соли 2016 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид гардид, ки дар 15 соли оянда саҳми саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохили ба таври назаррас бояд афзоиш ёбад ва Тоҷикистон ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ табдил дода шавад.

Профессор, А. Мирсаидов қайд менамояд, муҳимтарин дастоварди соли 2019 аз нигоҳи иқтисодӣ, амалигардии қадамҳои аввалини ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонуии босуръат мебошад, ки тарҳи устувори рушди саноати кишварро замина гузошт. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2019) қайд шудааст, ки «Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,5 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардидааст» [57].

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муҳим аст, ки афзалиятҳои муайяншуда дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Тоҷикистон то соли 2020 ва амалисозии босамари барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудонопазир ва фаъоли стратегияҳои болозикр ба ҳисоб меравaнд, аз ҷониби давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ таъмин карда шаванд.

Омӯхтани талаботи бозор ва оқилона тақсим намудани кормандону мутахассисон, албатта барои кам кардани сатҳи бекорӣ, баланд бадоштани самаранокии иқтисодиёт ва қаноатманд гардидани одамон аз кор ва фаъолияти худ аҳамияти хоса дорад.

Бо дарназардошти вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва ҷаҳоншишавӣ муътадил нигоҳ доштани вазъ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои асосии таъмини сиёсати иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Вазифаи асосии саноаткунонии босуръати мамлакат, барпо намудани саноати тараққикардаи рақобатпазир ва дар заминаи он баланд бардории сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ мебошад. Расидан ба ин мақсад ғояи миллӣ ва роҳнамои асосии ояндаи кишвар мебошад. Дар раванди саноаткунонии босуръати мамлакат зарур аст, ки дар сиёсати саноатӣ ва институтсионалии мамлакат ислоҳоти муассир роҳандозӣ гардад. Аз ҷумла дар соҳаи андоз, низоми қарздиҳии бонкӣ, сармоягузорӣ, таъмин намудан бо ашёи хом ва захираҳои кадрӣ, ки инҳо метавонанд ба раванди саноаткунонии мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда, дар пешрафти он мусоидат намоянд. Дар ҳамин радиф масъалаҳои беҳтар ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноати минтақаҳои ҷумҳурӣ дар алоҳидагӣ ва ҷумҳурӣ дар маҷмуъ ба мадди аввал мебарояд.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар баробари зиёнҳои моддӣ ба таркиби сифатии саноат, ба захираҳои кадрӣ (инсонӣ) низ зарари зиёд расид, ки дар муҳлати кӯтоҳ бартараф намудани он ғайриимкон аст. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ибтидо кадрҳои баландихтисоси русзабон ва баъдан сокинони маҳаллӣ дар ҷустуҷӯи кор тарки вазифа намуда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд ва аксарияти онҳо ба таври ҳамешагӣ Тоҷикистонро тарк намуда, шаҳрванди дигар давлат гаштанд. Аз ин сабаб мамлакатро зарур аст, ки аз нав мутахассисон ва коргарони соҳибкасбро барои соҳаҳои саноат аз ҳисоби аҳолии маҳаллӣ омода созад, ки аксари онҳо сокинони деҳотанду таҷрибаи кор дар

саноат надоранд. Омода намудани мутахассисон маблағи зиёд ва муҳлати тӯлониро мехоҳад, аммо барои ҷумҳурӣ ин хеле зарур аст.

Ташкил намудани истеҳсолоти дорои технологияҳои муосир ва инноватсионӣ, гузариш ба усулҳои интенсивии кор, шумораи зиёди кадрҳои соҳибкасби баландихтисосро талаб мекунад. Сарфи назар аз мавҷудияти барзиёди захираҳои меҳнатӣ, соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, бахусус саноат аз нарасидани коргарону мутахассисони соҳибкасб ба таври ҷиддӣ танқисӣ мекашанд.

Тамоюли ноустувории тайёр кардани мутахассисон барои саноати миллӣ то соли таҳсили 2001-2003 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мушоҳида мешуд. Оғоз аз соли таҳсили 2003-2004 тайёр намудани мутахассисон барои соҳаҳои саноат рӯ ба афзоиш ниҳод, ки шумораи онҳо дар соли таҳсили 2018-2019 аз 9170 нафар ба 29193 нафар ё 3,2 баробар зиёд шуд [117]. Инчунин омода намудани мутахассисони соҳаи саноат дар муассисаҳои олии кишвар зиёд гардид ва аз 944 нафари соли 1991 ба 5569 нафар дар соли 2018 расид, ки 5,9 маротиба нисбати он давра зиёд мебошад. Соли 2018 ҳиссаи донишҷуёне, ки барои соҳаҳои саноат дар муассисаҳои олӣ таҳсил менамоянд 13,9 фоиз ва хатмкунандагон 12,5 фоиз ҳаҷми умумии тамоми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олиро ташкил дод [119].

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар ҷойгиркунии иншоотҳои саноатӣ, дар муқоиса ба давраи иқтисодиёти нақшавӣ, бе назардошти омил ва шароитҳои ҷойгиркунии саноат дар тамоми мамлакат тағйироти куллӣ ба амал овард. Ғайритамаркуз ҷойгиркунии иншоотҳои истеҳсолӣ, ки хоси иқтисоди бозорӣ аст, корхонаҳои хурду миёна бо бартарии моликяти хусуӣ ба воситаҳои истеҳсолот, тағйир ёфтани муносибатҳои истеҳсолӣ ва манфиатҳои моликияти хусусӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Дар давраи индустриякунонии босуръати мамлакат талаботи ҷомеа ба илм, маориф ва инноватсия, махсусан алоқаи илм бо истеҳсолот рӯз то рӯз меафзояд.

Дар шароити рушди босуръати погресси илмӣ-техникии асри XI, тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакатҳо аз мавҷудияти омил ва сарватҳои табиӣ, захираи канданиҳои фоиданок камтар вобастагӣ доранд. Асос ва афзалият дар рақобат аз сифати қувваҳои корӣ, ҳади сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ дар мамлакат вобаста аст.

Потенсиали (зарфияти) меҳнатӣ – ченак ва сифати хусусияти умумии қобиляти меҳнатии аҳолии қобили меҳнат барои меҳнат кардан ва иштироки фаъолона дар фаъолияти меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад. Потенсиали меҳнатӣ ҳамчун хусусияти умумикунонии микдор ва ченаки татбиқи қобиляти меҳнатии шахсони алоҳида ва ё гуруҳи коргарондар раванди фаъолияти меҳнатӣ муайян карда мешавад.

Сифати потенсиали меҳнатӣ дар тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқ нақши бориз дорад. Сифати потенсиали меҳнатӣ – мафҳуми нисбӣ мебошад ва дар параметр (мушаххасот) ва ҷузъҳо ба монандӣ: сифати аҳолии қобили меҳнат, захираҳои меҳнатӣ, шумораи умумии коргарон ё қувваи корӣ ошкор карда мешавад.

Мамлакатҳое, ки иқтисоди бозорӣ доранд, ба аҳолӣ бештар дар се самт таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд: авалан, ҳамчун кадрҳое, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт фаъолият мекунанд; дуюм, ҳамчун истеъмолкунандагони ва кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ; сеюм, ҳамчун ташкилкунандаи муҳити ҷамъиятӣ, ки дар он фаъолияти муносибатҳои бозорӣ амалӣ мегардад. Дар рушди иқтисодиёти миллӣ кадрҳои баландихтисос ва муҳити иҷтимоӣ нақши муҳим доранд.

Истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар таъмин намудани рушди устувори минтақа аҳамияти бузурги стратегӣ дорад. Аз ақидаи назарияи классикӣ ба ҳамагон маълум аст, ки «ҳар қадаре, ки одамон ба меҳнати пурсамар машғул шаванд, доройӣ меафзояд», ки то имрӯз ин ақида ҳамчун назарияи муҳим боқӣ мондааст [1].

Ҷаҳонишавии бозори меҳнат боиси босуръат паҳншавии технология ва фановарӣ гардида, касбҳои нав рӯи кор меоянд. Бо афзоиш ёфтани соҳаҳои илмталаби истеҳсолот ва хизматрасонӣ, талабот ба маҳорат ва донишҳои касбӣ меафзоянд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 қайд гарди, ки Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад [123]. Дар гуфтаи боло ба ду нуқтаи асосии Пешвои миллат бояд таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Пеш  аз ҳама, ҷанбаҳои рушди сифатии иқтисоди миллӣ, ки бевосита асосии назариявӣ доир ба мавзӯи таҳқиқгардида доранд ва худи ибораи тақвияти нерӯи инсонӣ, ки инъикосгари иқтидори захираҳои меҳнатӣ мебошанд.  Дар шароити такмилёбии механизмҳои иқтисоди бозорӣ ва ташаккули унсурҳои бозори меҳнат мушкилии интихоби ҷойҳои корӣ дар мадди аввал дар номувофиқии бозори хизматҳои таълимӣ аз рӯйи тахассус дар ҳама зинаҳои таҳсилот, яъне зинаи таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ дида мешавад. Инчунин дар сохтори бозори меҳнат, ки дар он барзиёд омода намудани кадрҳо (мутахассисҳо) аз рӯйи як ихтисос ва норасогӣ дар дигар ихсисосҳо мавҷуд аст.

Асоси сиёсат дар соҳаи тайёр намудан ва такмили тахассуси кувваҳои коргарӣ, мавҷудияти маҷмуи шароитҳои зарурӣ мебошанд: дастраси ба таҳсилоти босифат ҳамчун омили асосии тайёр намудани мутахассисони оянда; мутобиқат намудани малакаҳои бадастоварда ба талаботи корхонаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйиротҳо ва талаботи бозори

меҳнат; пешгӯӣ ва омодагӣ барои бадастовардани малакаҳои касбии зарурӣ барои фаъолияти оянда мебошад [68].

Сиёсат ва тадбирҳоро дар системаи таҳсилоти касбии ҳар як мамлакатро хусусиятҳои хос ва институтсионалии он муайян мекунад.

Агар хоҳем, ки омӯзиш муҳимият пайдо кунад, механизми иниститутсионалӣ ва молявӣ бояд робитаи зич байни соҳаи маориф ва меҳнатро таъмин кунанд. Барои мувофиқат намудани омӯзиш ба талаботи тағйирёбандаи корхонаҳои саноатӣ ва бозори меҳнат, воситаи муассир алоқа байни муассисаҳои истеҳсолӣ, давлат ва муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи маҳаллӣ, соҳавӣ ва миллӣ мебошад.

Касбомӯзӣ ва рушди малакаҳои касбӣ маънои васеъ дорад, зеро ки он барои тамоми тули ҳаёти инсон зарур аст. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дониш, малака ва салоҳиятҳои касбиеро фаро меорад, ки ворид шудан ба фаъолияти меҳнатӣ мушкилӣ надошта бошад. Рушди маҳорати касбӣ потенсиали эҷодии одамонро афзун намуда, имкониятҳоро барои фаъолияти корӣ васеъ мегардонад.

Далелҳо нишон медиҳанд, ки таҳсилоти босифат ва таълими касб талаботи бозори меҳнатро қонеъ мегардонанд, аз ҷумла:

- дар худташаккулдиҳӣ, бо кор таъмин шудан ва рушди иҷтимоии одамон мусоидат менамояд;
- маҳсулнокии меҳнати кормандон ва корхона баланд мегардад;
- ба рушд ва ҷорӣ намудани фановарӣ (инноватсия) барои оянда мусоидат менамояд;
- ба болоравии музди меҳнат мусоидат менамояд;
- ба ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намуда, василаи таъсиси ҷойҳои кории нав ва аз байн бурдани сатҳи бекорӣ мегардад [68].

Аз ин нигоҳ мо баъзе таҳлилҳоро дар самти беҳтар ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноати вилояти Суғд мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Беҳтар намудан ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноат пеш аз ҳама ба дастовардҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ вобастагӣ дорад.

Мушкилоти асосие, ки дар низоми кунунии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, набудани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии манфиатҳои корфармоён, муассисаҳои таълимӣ ва давлат дар банақшагирӣ ва омодасозии мутахассисони касбӣ, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда ва самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷуда мебошад. Дар давраи шароити иқтисоди бозорӣ маълум гардид, ки дар ин самт ду бозори мустақил вуҷуд дорад: бозори соҳаи маориф ва бозори меҳнат. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди таҳсилоти ибтидоии касбӣ новобаста аз эҳтиёҷоти ҷомеа ба касбҳои зарурӣ, балки аз талаботи хонандагон бе дарназардошти имкониятҳои пайдо намудани ҷойи кор муайян карда мешавад. Имрӯзҳо алоқамандии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ устувор нест ё умуман вуҷуд надорад. Ҳоло танҳо ба маънои умумӣ, пеш аз ҳама аз рӯи анъана ва ғайри мантиқӣ метавон дар бораи талаботи иҷтимоии ҷомеа ба таҳсилоти касбӣ ва коргарони соҳибкасб сухан ронем.

Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯи 14 самт: иқтисодиёт, техникӣ, алоқа, нақлиёт ва таҷҳизот, таҷҳизоти барқӣ, энергетика, мутахассисони соҳаҳои саноати химия, саноати сабук, саноати кӯҳӣ, меъморӣ ва сохтмон, хоҷагии қишлоқ, металлургия, телекоммуникатсия, туризм ва хизматрасонии меҳмонхонавӣ, мутахассисони хизмати маишӣ, хӯроки умумӣ, ки 106 касбро дарбар мегиранд, кормандони соҳаҳои хоҷагии халқ омода карда мешавад [100].

Норасоии мутахассисони соҳибкасб корфармоёнро водор мекунад, ки системаи таълимии дохилиро (курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос) ҷиҳати омода намудани мутахассисон дар муассиса таъсис диҳанд. Яке аз даъвоҳои корфармоён ин аст, ки донишҳои андӯхтаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯй нестанд. Аз ҳамин сабаб зарур аст, ки стандарт ва барномаҳои ба талаботи муосир

мутобиқ ва аз нав таҳия намоем. Бино бар ин ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ сохтани таҳсилоти касбӣ саривақтӣ ва муҳим мебошад.

Тибқи ақидаи баъзе олимон дар шароити воқеии истеҳсолот, сатҳи воқеии таҳсилоти коргар метавонад ба талаботи коргоҳи ӯ ҷавобгӯ набошад. Ин тафовут метавонад, чун қоида, оқибатҳои манфиро ба миён орад. Дар ҳолате, ки таҳсилоти корманд аз сатҳе, ки барои кори муқаррарӣ талаб карда мешавад паст бошад, корхона сифати баланди меҳнатро интизор намешавад. Имконияти муносибати эҷодӣ барои кор, талош барои рушди касбӣ кам карда мешавад. Агар сатҳи тарбияи корманд нисбат ба талаботи ҷои кор баландтар бошад, норозигии меҳнат ва хоҳиши тағйир додани ҷойи корро аз ҷониби кормандон интизор шудан мумкин аст [120].

Пажӯҳишгоҳи илмии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Лоиҳаи «Татбиқи Стратегияи тайёр намудани мутахассисони профессионалии Гуруҳи бист: Ҳамкории СБМ (Созмони байналмиллалии меҳнат) ва Федератсияи Русия» (Марҳилаи 2), оид ба такмили идоракунии коллективии системаи таҳсилоти касбии техникӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон оид ба низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ, бо кор таъмин намудани хатмкунандагони он ва механизмҳои ҳамкориҳои корфармоён, дигар шарикони иҷтимоӣ ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоиш гузаронидааст, ки мо дар раванди таҳқиқоти илмӣ маводҳои ин лоиҳаро ба асос гирифтем.

Тақрибан 44% литсейҳои касбӣ-техникӣ дар шаҳр ва боқимонда дар деҳоти ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд, дар вилояти Суғд бошад 45% дар шаҳрҳо ҷойгиранд.

Вобаста ба тараққиёти саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт (корхонаҳои саноати кӯҳӣ ва коркард, энергетика, туризм ва ғ.) нарасидани мутахассисони ин соҳаҳо, хусусан мутахассисони инжинерию техникӣ мунтазам меафзояд. Дар тақсимоти неруи

(потенциали) меҳнатӣ низ номутаносибии ҷиддӣ вуҷуд дорад. Зиёда аз 70 фоизи аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дар деҳот маскунанд, ки дар натиҷа қувваи корӣ дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ мунтазам пир шуда истодааст ва системаи нафақа проблемаю хатарро пеш меорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамон тамоюлҳое, ки дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ баназар мерасад, барои вилояти Суғд низ хос аст.

Дар соли таҳсили таҳсили 2017-2018 дар вилояти Суғд аз шумораи умумии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (517,8 ҳазор нафар) 40 046 нафар (7,7%) ба муассисаҳои олӣ, 20314 (4%) нафар ба колледж ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бошад танҳо 7700 нафар ё 1,5 фоизи хатмкунандагон дохил шуданд. Тақрибан 3450 нафар (0,7%) дар курсҳои кутоҳмудати марказҳои таълими калонсолон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд [102].

Таҳлили вазъи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар вилояти Суғд нишон медиҳад, ки хатмкунандагон дар соли 2017 шаҳри Хуҷанд 82%, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 79% имкони бештар (шонс) доштанд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят фоизи ба кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 28% дар шаҳри Истаравшан то 68% дар шаҳри Панҷакент фарқ мекард. Дар соли 2018 қисми зиёди хатмкунандагон дар шаҳри Панҷакент – ҳудуди 71%, дар шаҳри Хуҷанд – 68% ва дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров - 67% ҷои кор пайдо карданд [114].

Барои омӯзиши механизмҳои имконпазири ҳамкориҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва корфармоён дар вилоят дар самти тайёр намудани мутахассисон, пурсиш байни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғд аз ҷониби лоиҳа гузаронида шудааст.

Теъдоди пурсидашудагон дар раванди пурсиш 375 нафар аст, аз ин 206 нафар мард (55%) ва 169 нафар (45%) занҳо мебошанд. Дар натиҷа

омилҳои асосии интихоби касб аз ҷониби хатмкунандагон муайян карда шуд (ҷадвал 12).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир ба ихтисосҳои нонпазӣ, дузандагӣ, қаннодӣ, фелдшери ветеринарӣ, тракторист-мошинист хатмкунандагон кам эътибор медиҳанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ норасоии дохилшавандагон ба қайд гирифта мешавад.

Тахассусҳои нисбатан серталаб челонгари мошинаҳо ва электромеханик, сохтмончиҳо ба шумор меравaнд. Шояд ин ихтисосҳо ба хотири дар оянда ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтан бошад, на талабот дар бозори меҳнат дар вилояти Суғд.

**Ҷадвали 12.**

**Омилҳое, ки дар интихоби касби донишҷӯён таъсир расониданд (вилояти Суғд)**

| Омилҳое, ки дар интихоби касб таъсир расониданд | Шумораи шахсоне, ки пурсида шуданд |
|---|---|
| Манфиати шахсӣ (ин ихтисос ва ин самт бари ман қобили қабул аст) | 177 нафар |
| Маслиҳати падару модар | 72 нафар |
| Маслиҳати рафиқон ва шиносон | 14 нафар |
| Ба шахсе ки барои ман намунаи ибрат аст (хешовандон, дӯстон дигар шахсон) пайравӣ кардам | 29 нафар |
| Рақобат дар дохилшавӣ паст ва осон буд | 49 нафар |
| Пас аз роҳнамоии касбӣ (маслиҳат, тест ва ғ.) | 16 нафар |
| Барои ба кор даромадан пешомади хуб дошт | 46 нафар |
| Барои дар хориҷа рафта коркардан имконият дошт | 33 нафар |
| Ихтисоси бонуфуз буд | 37 нафар |
| Дигар имконият надоштам (мол, пул) | 5 нафар |
| Ман дигар соҳаро интихоб карда натавонистам, зеро дар маҳали мо танҳо ҳамин касбро тавсия доданд | 10 нафар |

| | |
|---|---|
| Имконияти ройгон таҳсил намуданро интихоб кардам (аз ҳисоби давлат, корфармо ва ғ.) | 39 нафар |
| Дар бозори меҳнат музди меҳнати ин ихтисос баланд аст | 48 нафар |

Баландбардории самаранокии системаи таҳсилоти касбӣ пеш аз ҳама ба:

- муҷаҳҳаз намудани муассисаҳо бо таҷҳизоти муосири таълимӣ, компютерӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ аз ҷониби давлат ва ҳукумат ҷиҳати таъмири биноҳо ва иншоотҳои таълимӣ, харидории таҷҳизот;
- баргардонидани омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, ки дар вақташ ба ихтиёри вазорату идораҳои дигар дода шудаанд ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- таъсис додани омӯзшгоҳҳои касбию техникии хусусӣ (ғайридавлатӣ);
- таҳия намудани барнома ва дастурҳои муосири таълимии бисёрзинагии ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгуй;
- омода кардани мутахассисони баландихтисос барои истеҳсолоти дорои технологияҳои муосир, иттилоотию коммуникатсионӣ, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ, коркарди алюминий, пахта, сохтмон (махсусун таъмири дохили биноҳо бо технологияи навин), операторони истихроҷи нафту газ, соҳаҳои хизматрасонӣ (фурушанда, ошпаз) ва ғайра.

Самаранокии иқтисодиёт асосан аз фаъолияти иқтисодии аҳолии қобили меҳнат ва сифати қувваҳои коргарӣ муайян карда мешавад. Рушди иқтисоди бозорӣ танҳо ба навсозии технология ва иқтидори истеҳсолӣ маҳдуд шуда наметавонад, балки ба таёр намудан, баландбардории маҳорати касбӣ ва бозомӯзии коргарон низ вобастагии зиёд дорад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ рақобат дар бозори ҷаҳонӣ шиддат мегирад, ки муваффақияти он пеш аз ҳама ба сармояи инсонӣ вобаста аст. Сифати баланди сармояи инсониро тарбия, таълими босифат, ташаккули ҳавасмандӣ, мавҷудияти кафолати рушди шахсият дар ҷомеъа ва шароити истеҳсолӣ таъмин менамояд. Шароити ҳатмии чунин

равандҳои ҳамгироӣ (интегратсия), ташкил намудани ҷамъиятҳои ҳудудӣ-географӣ ва иттиҳодияҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва маданӣ дутарафа ё бисёртарафа ҳал карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи баланди рақобатпазирии худро таъмин карда наметавонад. Яке аз сабабҳои асосии ин заъифии системаи таҳсилоти касбӣ ва набудани робитаҳои устувори муассисаҳои таълимӣ бо корфармоён дар бозори минтақавии меҳнат мебошад. Системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилояти Суғд ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ ба таври кофӣ мутобиқ карда нашудааст. Муассисаҳои касбӣ-техникӣ барои зуд ҷавоб додан ба дигаргуниҳои дар бозори меҳнат ба амал омадаистода, банақшагирӣ ва пешбинӣ намудани ҳаҷми талабот ба мутахассисон аз рӯйи ихтисос омода нестанд. Ин боиси зиёд шудан шумораи коргарони баъзе ихтисосҳо ва нарасидани мутахасисони касбҳои дигар дар бозори меҳнати минтақавӣ мегардад.

Омода намудани мутахассисон дар шароити иқтисоди бозорӣ бояд бештар мувофиқи талаботи хоҷагиҳои истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ аз рӯи касбҳое, ки ба онҳо талабот зиёд аст ба роҳ монда шавад. Барои ин маълумотҳои боэътимод лозим аст, ки дар асоси таҳлили бозори меҳнат оид ба талаботи ҷорӣ ва пешбинишаванда ба ихтиссосҳо ва шумораи коргароне, ки бозори меҳнат  ба онҳо эҳтиёҷ дорад омода шуда бошад. Чунин бозори меҳнатро бидуни механизмҳои  иртиботӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён дар минтақаҳо таъмин кардан ғайриимкон аст.

Зарур аст, ки низоми сезинагии шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ва корфармоён дар минтақа роҳандозӣ карда шавад.

Марҳилаи якум – ташкили фармоиши минтақавии мутахассисони касбӣ, ки ташкилотҳою хоҷагиҳо низ дар назорати сифати таълим иштирок мекунанд. Марҳилаи дуюм ин бо ҷои кор таъмин намудани хатмкунандагон мебошад, ки то чӣ андоза дониш ва малакаҳои андухтаи

хатмкунандагон ба талаботи воқеии ҷойҳои корӣ мувофиқат мекунанд. Марҳилаи сеюм бошад, таъмини такмили минбаъдаи маҳорати касбӣ ва баланд гардидани касбияти коргари ҷавон мувофиқи талаботи рушди корхона ба манфиати худи коргарон.

**Ҷадвали 13.**

**Сохтори аҳолии қобили меҳнат дар вилояти Суғд**

| | **2017** | **2018** | **2020** |
|---|---|---|---|
| Шумораи кормандон (ҳазор нафар | 402,8 | 407,9 | 421,5 |
| - бахши воқеӣ | 255,6 | 258,8 | 271,7 |
| - соҳаҳои хизматрасонӣ | 147,2 | 149,1 | 149,8 |
| Шумораи бекорон | 9,9 | 8,5 | 9,1 |
| - мард | 5,1 | 4,4 | 4,54 |
| - зан | 4,9 | 4,1 | 4,56 |
| Сатҳи бекорӣ % | 1,2 | 1,0 | 1,1 |
| Ҳади ақали музди меҳнат (сомонӣ) | 1003,5 | 1074,9 | 1174,20 |
| Қарзидорӣ аз музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) (ба ҳолати охири сол) | 7537,8 | 13217,3 | 14993,1 |

**Манбаъ:** Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:30-соли истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2021. С.477-489.

Ҷиҳати беҳтар ва такмили сатҳи дараҷаи тахассусии мутахассисони соҳаҳои саноат, давлатиро зарур аст, ки дар тайёр кардани коргарону мутахассисони баландихтисос, ба вуҷуд овардани заминаи муосири моддию техникӣ, таълимӣ, омода намудани кадрҳои инженерӣ-омӯзгорӣ, зиёд намудани шавқу ҳавас ба кор сиёсати худро куллан тағйир диҳад. Маҳз бо ҳамин роҳ самаранокии таълимро дар зинаи ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъмин намуда, талаботи хоҷагии халқи мамлакат, хусусан соҳаҳои саноатро бо мутахассисони соҳибтахассус қонеъ гардонад.

### 3.3. Механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва баландбардории самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва ҷойгиркунии корхонаҳои саноатӣ дар шароити дифференсатсияи иқтисоди миллӣ

Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ҷонибдории худро ҷиҳати ташаккули рушди устувори иқтисоди миллӣ бо афзалиятҳои баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ дар заминаи татбиқ ва рушди босамари институтҳои иқтисоди бозорӣ равшан баён намуд. Мутобиқи консепсия ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Суғд низ барномаи минтақавии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии худро барои солҳои 2016-2020 қабул намуд.

Бояд зикр намуд, ки сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ муҳимтарин самти таъмини рушди устувори иқтисодии ҳар мамлакат мебошад. Дар навбати худ сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ зерсистемаҳои гуногуни сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, аз ҷумла демографӣ, таълим ва тарбияи мутахассисони соҳибтахассус, даромад ва музди меҳнат, молиявию қарзӣ ва сармоягузориро дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари бо кор таъмин намудани аҳолӣ, вазифаи асосии давлат ва баробар намудани талабот ва таклифоти қувваи коргарӣ мебошад. Зеро дараҷаи талабот ба қувваҳои корӣ аз дараҷаи талаботи молу хизматрасониҳои дар ҷомеъа истеҳсолшаванда вобаста буда, давлат имкон дорад, ки барои ҳавасмандгардонии ин ё он намуди истеҳсолот чораҳои амалӣ андешад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 пешбинӣ шудааст, ки «шуғли пурра, пурсамар ва озодона интихобшуда бояд даромад, солимӣ, баланд-бардории дараҷаи маълумотнокӣ ва касбии ҳар як узви ҷомеъаро дар заминаи афзоиши маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ таъмин намояд» [79].

Бояд қайд намуд, ки вилояти Суғд дар миқёси ҷумҳури минтақаи асосии истеҳсолоти санаоатӣ мебошад, яъне маҳз дар ҳамин минтақаи ҷумҳурӣ қисми назарраси неъматҳои моддӣ истеҳсол карда мешаванд ва шумораи зиёди кормандони саноатӣ дар ин минтақа ба кор фаро гирифта шудаанд (Ҷадвали 14).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, ки дар сохтори умумии ММД-и Тоҷикистон саҳми вилояти Суғд назаррас аст. Аз ҷумла, соли 2019 ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд дар нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ 31,9 %-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2012 27,3%-ро ташкил намуд, ки аз афзоиш ёфтани ҳиссаи вилояти Суғд дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дарак медиҳад.

**Ҷадвали 14.**

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2014** | **2015** | **2016** | **2019** |
| Ҳаҷми умумӣ дар ҶТ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Вилояти Суғд | 27,3 | 28,2 | 27,5 | 29,3 | 31,9 |
| ВМБК | 1,6 | 1,8 | 1,6 | 1,7 | 1,9 |
| Вилояти Хатлон | 29,2 | 28,8 | 29,4 | 29,2 | 30,1 |
| ш. Душанбе | 24,6 | 24,9 | 24,1 | 21,8 | 20,8 |
| НТҶ | 17,2 | 16,2 | 17,3 | 17,8 | 17,9 |
| Ҳиссаи саноати вилояти Суғд дар сохтори саноати ҷумҳурӣ % | 31,5 | 38,9 | 40,1 | 46,9 | 50,7 |
| Ҳиссаи кишоварзӣ вилояти Суғд дар сохтори кишоварзии ҷумҳурӣ % | 35,4 | 34,3 | 33,2 | 39,8 | 35,2 |

**Манбаъ:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Душанбе, 2020. – С.258-287

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бар меояд, ки дар сохтори умумии ММД-и Тоҷикистон саҳми вилояти Суғд назаррас аст. Аз ҷумла, соли 2019 ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд дар нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ 31,9%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2012 27,3%-ро ташкил намуд, ки аз афзоиш ёфтани ҳиссаи вилояти Суғд дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дарак медиҳад. Тавлидоти маҳсулоти саноатӣ низ дар минтақа назаррас аст, ки аз пешрафти соҳаҳои саноат ва пайдо намудани ҷойҳои кории нав шаҳодат медиҳад (соли 2019 бештар аз 50% тавлидоти маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ).

Дар солҳои истиқлоли давлатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, азҷумла вилояти Суғд, дар натиҷаи хусусигардонӣ ва ғайридавлати гардонидани муассисаҳои истеҳсолӣ, дар таркиби хоҷагии халқ муассисаҳои зиёди хусусӣ, саҳоммӣ, муштарак, кооперативӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд, ки ин метавонад устувории рушди минтақаро аз нигоҳи татбиқиислоҳоти бозорӣ  амалӣ намуда, дар фарогирии аҳолии қобили меҳнат ба кор мусоидат намояд.

Таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои мамлакат яке аз муҳимтарин вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси хоҷагии халқи Тоҷикистон мебошад. Барои ҳалли он арзёбии объективии захираҳои меҳнатӣ, эҳтиёҷоти комплекси хоҷагӣ ба қувваҳои коргарӣ ва роҳҳои самаранок  ва пурра истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар асоси манфиатҳои ҷомеа зарур аст.

Яке аз омилҳои маъмуле, ки ба захираҳои корӣ дар Тоҷикистон дар шароити буҳрони иқтисодӣ ва дараҷаи баланди афзоиши аҳолӣ  таъсир мерасонаду боиси коҳиши талабот ба қувваи корӣ ва пайдоиши бекорӣ мегардад, ин паст шудани ҳавасмандии коргарони соҳаи саноат мебошад.

Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатиро дар корхонаҳои саноатӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи корхона ба роҳ монда мумкин аст. Давлат метавонад мукаммалгардонии низоми истифодаи захираҳои меҳнатиро бо мақсади

барқарорсозии иқтидори давлат, тариқи ба эътидол овардани номутавозинии тақозо ва арза ба неруи кормандон дар бозори меҳнат, дастгириии мутахассисони ҷавон дар сатҳи давалтӣ ба роҳ монад. Дар сатҳи корхона бошад баланд бардории нерӯи меҳнатиро ба воситаи мукаммалгардонии низоми идоракунии онҳо, мукаммалсозии низоми ҳавасмандгардонии кормандон, гузаронидани корҳои мунтазам бо онҳо, кам кардани тарки кори кадрҳо ба роҳ мондан мумкин аст.

Яке аз самтҳои муҳим барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи корхонаҳо тақвияти низоми ҳавасмандгардонии кормандон ба шумор меравад. Роҳҳои такмили системаи мавҷудаи музди меҳнат ин алоқаманд намудани омилҳои ҳавасмандкунанда натиҷаи меҳнатӣ кормандон ба шумор меравад. Ҳавасмандгардони меҳнат ва вобастакунии ҳавасмандии шахсии кормандон ба натиҷаи кор метавонанд омили муҳими баланд бардоштани самаранокии фаъолият, маҳсулнокии меҳнат ва сифати кор дар корхонаҳои саноатӣ бошад. Интихоби тарзи дурусти пардохти музди меҳнат бояд коргаронро ба баланд бардоштани натиҷаҳои меҳнаташон ҳавасманд гардонад. Дар баробари музди маош зарур аст, ки ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайримоддии кормандон ба роҳ монда шавад.

Ба ақидаи мо ҳамчун ҳавасмандии моддӣ, илова ба афзоиши музди меҳнат, дар корхонаҳои бахши сохтмонӣ ташкили мукофотпулӣ, кӯмакпулӣ, пардохти хароҷот барои роҳпулӣ, хӯроки нисфирӯзӣ, обуна ба толори варзишӣ ва ғайраҳо ба роҳ мондан мумкин аст. Ҳамчун ҳавасмандии ғайримоддӣ, ҳавасмандкунии корпоративиро дар умум дар шакли ташкили ҷашнҳои дастаҷамъӣ дар корхона, табрикоти мутахассиони варзида дар санаҳои муҳим, интихоби корманди беҳтарини моҳ, таълими кормандони ҷавон ва ғайрраро ба роҳ мондан мувофиқи мақсад аст. Дар сатҳи давлатӣ, зарур аст бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият, рушди захираҳои меҳнатӣ, ҳайати

корхонаҳо, оид ба рафъи нобаробарии сохторӣ дар бозори меҳнат тадбирҳои иловагӣ андешида шавад. Давлат метавонад азнавтақсимнамои захираҳои меҳнатиро ба минтақаҳое, ки норасогии он ба чашм мерасад тариқи баландбардоштани мобилнокии географии кормандон, фарохгардонии андозаи ҳиҷрати қувваи коргарӣ ба роҳ монад. Дар баробари ин зарур мешуморем такмили мунтазами тахассуснокии кормандонро, ки ин метавонад аз ҷониби худи корманд, тавассути хондани адабиёти махсус, иштирок дар тренингҳо ё гирифтани маълумоти иловагӣ бошад.

Давраи муосири тараққиёти Тоҷикистон бо дигаргуниҳои муҳиме тавсиф дода мешавад, ки дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ мушоҳида мегарданд. Дар баробари пайдо шудани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, дар тараққиёти хоҷагии халқ як қатор ҷаҳишҳои назаррас ба амал омадаанд. Дар ин шароит ба масъалаҳои барқароркунии алоқаи бевоситаи даромади корхонаҳо, муассисаҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ бо самаранокӣ ва сифати меҳнат, муносибатҳои тақсимотӣ дар коллективи меҳнатӣ, бояд ба беҳтаргардонии ташкили низоми ҳавасмандгардонӣ диққати ҷиддӣ дода шавад [137].

Такмили низоми ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатӣ аз иҷрои чорабиниҳои гуногун вобастагӣ дошта, бо татбиқи комёбиҳои илму техника дар истеҳсолот, тараққиёти базаи моддӣ–техникӣ, баландбардории савияи дониш ва малаки кормандон, баландбардории дараҷаи тахассусии коргарон, беҳтаргардонии шаклҳои банақшагирии музди меҳнат ва идоракунии он, истифодаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷи кишвар оид ба ташкил ва истифодаи шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ, алоқаманд аст.

Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 омадааст, ки паст будани маош дар бахши расмии иқтисод ва саҳми баланди бахши ғайрирасмии иқтисод хусусияти асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба ақидаи Ахмедов К.А. «тағйирёбии талабот ва таклифоти ҷомеа ба захираҳои меҳнатӣ ҳамчун сабаби асосии тағйироти муносибатҳо дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ, ки ба номутавозунии он хос аст, идома дорад. Ин раванд лаҳзаҳои зерин ифода ёфтааст:

-дар бозори меҳнат талабот ба қувваи корӣ бо маоши баланд зиёд аст, аммо ин талаботро бозор қонеъ карда наметавонад;

-дараҷаи тахассусии кории коргарон дар иқтисод хеле паст буда, он наметавонад маҳсулнокии меҳнатро, ки аз дараҷаи музди маош вобаста аст баланд бардорад;

-аз ҷониби давлат ва соҳибкорон ба андозаи муайян таъмини ҷойи корӣ мавҷуд аст, вале музди маош талаботи коргаронро ба воситаҳои зарурии рӯзгор қонеъ карда намегардонад;

-барои баъзе ихтисосҳо нарасидани мутахассисони касбӣ шадидан мушоҳида мешавад, ки боиси истифодаи бесамари захираҳои моддию молиявӣ ва дигар захираҳо мегардад, ки сабаби оқибатҳои ба вуҷудомада мегардад» [106]. Ин ва дигар мушкилоти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маводҳои Стратегияи миллии рушд барои то давраи соли 2030 зикр шудаанд:

-номутобиқатӣ байни суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва нокифоягии ташкили ҷойҳои кории сазовор;

-ҳаҷми бузурги шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат дар бахши расмӣ; сифати пасти маълумот ва малакаҳои коргарӣ [11].

Аз ҳамин сабаб дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд нобаробарӣ ба амал меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдории коргарон дар бозори меҳнат аз руи талабот ва пешниҳоди коргарон номутаносиб аст. Сохтори омода намудани кадрҳо аз рӯи касбу ихтисосҳо аз талаботи бозори меҳанти вилоят ақиб мемонад, таносуби омода намудани кадрҳо аз рӯи зинаҳои маълумот, ихтисос ва касб дар сатҳи зарурӣ вайрон карда шудааст. Низоми тақсимоти давлатии хатмкунандагон дар муассисаҳои

таълимӣ ба таври зарурӣ вуҷуд надорад. Номутаносибии идоранашавандаи талабот ба кадрҳои соҳибтахассус ва таъмини онҳо ба сифати омодасозии коргарон таъсири бевосита мерасонад, ки сифати омодасозии кадрҳои касбӣ аз талаботи ҳозира ва ояндаи тараққиёт ва ҷамъият ақиб мемонад. Корфармоён дар банақшагирии омода намудани мутахассисон ширкат намеварзанд ва барои тайёр намудани мутахассисон бевосита маблағгузорӣ намекунанд. Бино бар ин мебояд, ки низоми сезинагии шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ бо корфармоён дар минтақаҳо роҳандозӣ гардад.

Бо дарназардошти шароити кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 омадааст, хусусияти нисбатан муҳимро пайдо мекунад. Бо ин мақсад, мо таҷрибаи баъзе кишварҳои ҷаҳонро дар ин самт баррасӣ менамоем.

Дар Шведсия ҷиҳати омода намудан ва баландбардории қобиляти касбӣ ва ҳавасмандии коргарони соҳаи саноат чораҳои зиёде амалӣ мегардад ва яке аз мамлакатҳои муваффақ дар ин самт мебошад. Сиёсати давлатӣ дар самти фарогирии шуғли аҳолӣ ба таъсиси ҷойҳои кории нав, чи дар корхонаҳои хусусӣ ва ҷӣ давлатӣ нигаронида шудааст. Давлат ба корхонаҳои хусусӣ кӯмакпулӣ медиҳад, барои корҷӯён дар бораи ҷойҳои кории холӣ маълумот дода мешавад, дар самти интихоби касб ва тахассус роҳнамоӣ мекунад, барои гузаштан ба кори нав имтиёз дода мешавад. Вазорати меҳнати Шведсия барои амалӣ гардидани мақсадҳои зикршуда нисбат ба дигар мамлакатҳо бештар маблағ ҷудо менамояд (70%). Ҳукумат он минтақаҳои саноатии кишвар, ки саноат суст ривоҷ ёфтааст дар амалигардии шуғли аҳолӣ бештар дастгирӣ менамояд. А.А. Никофорова қайд мекунад, ки «чунин сиёсат имкон медиҳад, ки сатҳи баланди талабот ба қувваи корӣ ва аз ин рӯ сатҳи баланди шуғл дар мамлакат нигоҳ дошта шавад» [110].

Дар Канада бошад, модели шуғли аҳолӣ асосан ба самти рушди системаи роҳнамоии касбӣ ва таълими ҳам ҷавонон ва ҳам калонсолон

нигаронида шудааст. Шайкин Д.Н. менавсад, ки «Модели шуғл дар Канада тамоюли касбӣ дошта, ҳамчун навъи нави муассисаҳои таҳсилоти касбӣ асос ёфтааст ва дорои системаҳои автоматии иттилоотӣ, таҷҳизоти видеоӣ ва имтиҳонҳои фосилавию электронӣ мебошад». Ин модел ба барқарор намудани робита бо бахшҳои гуногуни танзими давлатиии таҳсилот ва омода намудани мутахассисони касби мусоида мекунад. Дар ҳама шаҳрҳои Канада марказҳои махсуси роҳнамоии касбӣ ташкил карда шудааст. Дар ин марказҳо касбу корҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд ва ҳар нафар ихтисоси муносиби худро интихоб мекунад [179].

